Мафҳуми ҷамъро ифода кардани исмҳои ҷомеъ ба маънои лексикии асоси калима вобаста аст, аммо воситаи грамматикӣ дар ин ҷо шумораи танҳоро нишон медиҳад. Масалан, дар забони тоҷикӣ: мардум, лашкар, аҳолӣ, гурӯҳ, рама ва ғайра.

**Хат ва пайдоиши он**

Хат яке аз ихтироҳои бузургтарини инсоният мебошад. Хат воситаест, ки бо ёрии он одамон дар шароиту вазъиятҳои гуногун бо якдигар алоқа мекунанд. Махсусан, ин вазифаи хат дар ҳамаи шароите боз ҳам бештар зоҳир мегардад, ки муомила бо забони овозӣ хеле душвор ё номумкин аст.Барои бо забони овозӣ муомила кардан вақт ва душвориҳои калонеро ба амал меоранд.

Муомилаи даҳонакӣ танҳо дар масофаи наздик имконият дораду халос, аммо дар ин хусус  хат дорои имкониятҳои хубе мебошад.

Доир ба аҳамияти хат дар ҷамъият аз давраҳои қадим дар байни мардум мақоле мавҷуд аст, ки онҳо аз нутқи даҳонӣ бартарӣ ва афзалият доштани хатро мефаҳмонад: «Сухан мепарад, дошта намешавад».

Пайдоиши хатро бо ҳамон даврае вобаста донистан лозим аст, ки дар натиҷаи муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ одамон барои аз масофаи дур ба якдигар муомила кардан эҳтиёҷ пайдо карданд. Хат дар давоми мавҷудияти худ хелҳои гуногунро аз сар гузаронидааст. Хат бо шаклу намудҳои гуногунаш ҳархела шудааст.

Дар баробари ин нуқтаи назари баъзе олимонеро, ки пеш аз забон пайдо шудани хатро эътироф менамуданд, рад кардан лозим меояд. Бе забон ҳеҷ гуна хат вуҷуд дошта наметавонад. Хат дар ҳамаи давраҳои таърихии ҷамъият чун воситаи дуюмдараҷа, воситаи иловагии муомила ва алоқаи байни одамон хизмат карда омадааст.

Маълум аст, ки хат дар давраҳои аввалин ба шакли ҳозира вуҷуд надоштааст. Бо ҳарфу аломатҳои гуногун ифода гардидани забон маҳсули давраи охирини тараққиёти хат мебошад. Хат дар давраҳои қадим бо элементҳои забон ифода наёфта бошад ҳам, ба ҳар ҳол, воситаи муомила буд.

Дар давраҳои ибтидоӣ барои ифода намудани ягон мақсаду маъно предметҳои гуногун истифода бурда мешуданд.

Масалан, таърихшиноси Юнони қадим Геродот (дар асри V то эраи мо)

менависад, ки синфҳо, дар муборизаи худ ба муқобили форсҳо ба онҳо хук, муш, парранда ва панҷ милтиқ мефиристонанд, ки ин чунин маъно дошт: «Агар шумо, форсҳо, ҳамчун хук дар ботлоқҳо ҷаҳидан, монанди муш дар сӯроҳҳо пинҳон шудан ва монанди парранда париданро ёд нагирифта, ба мо ҳуҷум кунед, мо несту нобуд мешавем».

Ба сифати хат аломатҳои шартии дигар низ истифода бурда мешавад. Аз ин гуна воситаҳо алоқа (бо символ ифода кардани мақсад) хати нақшу нигор имкониятҳои зиёдтар дорад

**Алоқаи забоншиносӣ бо илмҳои дигар**

Забон ба ҳама гуна амалиёти инсонӣ, бо ҳаёт, бо амалиёти техникӣ, фикрӣ, бадеӣ, бо таърихи ҷамъияти инсонӣ алоқаманд аст. Бинобар ин забоншиносӣ бо бисёр фанҳои дигар алоқа пайдо мекунад.

1. Модоме, ки забон пеш аз ҳама, системаи аломатҳо мебошад, вай бо илми назарияи аломатҳо алоқаи зич дорад.
2. Забоншиносӣ бо фанни сотсиология (илм дар бораи сохти ҷамъият) алоқаманд аст. Таълимот дар бораи сохти ҷамъият ва тараққиёти вай ба забоншиносӣ имконият медиҳад, ки аз тарафи синфҳо, табақаҳо ва гурӯҳҳои гуногуни ҷамъият чӣ тавр истифода бурда шудани забон муайян карда шавад.
3. Азбаски забон бо тафаккур алоқаи зич дорад аз ин рӯ, забоншиносӣ бо мантиқ алоқаи ҷудонашаванда дорад. Албатта нишонаҳои мантиқ ва забон як хел нестанд. Нишонаҳои мантиқ мафҳум, муҳокима ва хулоса буда, нишонаҳои забон морфема ва ҷумла мебошанд.
4. Предмети асосии забоншиносӣ на фақат забон, балки нутқ ҳам мебошад. Амалиёти нутқӣ дар натиҷаи алоқамандии овозҳо ба вуҷуд меоянд, ки онро физиология ҳам аз ҷиҳати ташкилшавии овозҳои нутқ, ҷараёни нутқ бо дастгоҳи нутқ бо дастгоҳи шунавоӣ ба ҳисоб мегирад.
5. Забоншиносӣ бо илми тиб ҳам алоқа дорад. Ин алоқамандӣ аз он ҷиҳат ба амал меояд, ки нутқ ба фаъолияти олии асаб сахт вобаста аст. Махсусан, омӯхтани нутқи кару гунг, кӯрҳо барои фаҳмидани нутқи мӯътадил ва сохти забон имконияти калон медиҳад.
6. Ҳолатҳои овозро як боби физика – акустика меомӯзад. Бо мақсади дурусттар аз худ кардани моҳияти овозҳо ба забоншинос донистани характеристикаи акустикӣ (пастӣ, баландӣ, қувватнокӣ, давомнокӣ ва ғайра) зарур аст.
7. Омӯхтани забонҳои мурда, муайян намудани соҳибони онҳо, доираи интишори онҳо лингвистикаро бо фанни археология, ки дар асоси кофтукови ёдгориҳои таърихии инсониро меомӯзад, низ алоқаманд месозад.

8. Забоншиносӣ бо фанни таърих сахт алоқаманд аст, чунки бисёр далелҳои таърихӣ осори худро мегузоранд, ки вай ин ё он ҷиҳати таърихи забонро дурусттар муайян намояд.

Умуман, лексикология бо таърихи умумӣ алоқаи зич дорад, зеро таърихи калима ва ибораҳоро дар аксарияти мавридҳо бе маводи таърихшиносон муайян намудан душвор аст. Масалан, ба забонҳои туркӣ, форсӣ, тоҷикӣ, татарӣ дохил шудани калимаҳои арабӣ сабабҳои таърихӣ дорад.

9. Фанни забоншиносӣ бо фанни география сахт алоқаманд аст. Номҳои нақшу нигор ва аломатҳои ҳудуди физикӣ-географӣ (баҳрҳо, дарёҳо, ҷазираҳо, кӯҳҳо, ҳамвориҳо, номи мамлакатҳо, аломатҳои гуногун дар харитаҳо) пеш аз ҳама бо нишонҳои забонӣ тааллуқ дошта, географ аз он аломатҳо ба таври васеъ истифода мебарад.

**Калима, ҳамчун воҳиди луғавӣ ва грамматикии нутқ**

**Мафҳум ва калима.** Мафҳум яке аз категорияҳои мантиқ, ва яке аз шаклҳои асосии тафаккур ҳисоб шуда, тамоми соҳаҳои ҳаёти объективиро акс менамояд.

Мафҳум бо ҷиҳати зоҳирии худ – овозҳои нутқ зич алоқаманд аст.

Калима бошад, мафҳумро ифода мекунад. Калима дар баробари номҳои предмет ва ҳодисаҳоро нишон додан, маъноҳо, ҳатто баъзан системаи маъноҳоро низ ифода мекунад.

Масалан: гандум, ҷав, пода,зан, қоғаз, моҳ, сафед, соф ва монанди инҳо.

Калима дар маҷмӯи овозҳои нутқ (замин, осмон, чил ва ғайра) ва ё дар овози алоҳида (о, э, у) ифода меёбад. Овозҳо ҷиҳати – берунӣ, яъне ҷиҳати материалии маъно ва ҷиҳати дохилии калимаро ташкил медиҳад. Аз ҳамин сабаб ҳам ҳар як калима маъно ва системаи шаклҳоро, ки ба ҳамдигар зич алоқаманданд, акс менамояд. Маънои лексикии калима бо хусусиятҳои грамматикии он алоқаи мустаҳкам дорад.

Пас, барои равшан фаҳмидани калима ба ҷиҳатҳои фонетикӣ, мантиқӣ, семантикӣ ва грамматикии он эътибор додан зарур аст.

Маънои калима, аз як тараф, ба проблемаи худи калима, аз тарафи дигар, ба масъалаи муносибати байни забон ва тафаккур вобастагӣ дорад.

Ҳамин тавр,дар тафаккури инсон равшан акс ёфтани предмет, воқеаю ҳодисаҳо ва ё муносибатҳои байни онҳо маънои калима ном дорад.

Калима воҳиди нутқи инсонии ба шакли грамматикӣ овардашуда буда, барои коллективи муайяни одамоне, ки бо умумияти забонӣ муттаҳид шудаанд, баробар фаҳмо мебошад.

Калима, ҳамчун воҳиди нутқи инсонӣ, маҷмӯи овозии мафҳуми предмет, ҳодиса, хислату хусусият, амалу ҳаракат ва ғайра мебошад. Ин маҷмӯи овозӣ хусусиятҳои махсуси ҳодисоти ҳақиқатро инъикос накарда, балки фақат

ифодаи онҳо мебошад.

Ҳамин тавр, калима, яъне маҷмӯи муайяни овозҳо, ки ин ё он маъноро ифода мекунад, бо предмети номбар мекардагиаш табиатан алоқаманд нест. Мо инро аз он ҳам фаҳмида метавонем, ки ин ё он предмет ва ё ҳодиса дар забонҳои гуногун (ҳатто дар шеваҳои маҳаллии гуногуни як забон*ҳам) бо* маҷмӯи гуногуни овозҳо ифода мешавад. Масалан, калимаи *оташдон* дар забони адабии тоҷик айнан дар ҳам ин шакл, аммо дар бисёр шеваҳои маҳаллии забони тоҷикӣ дигар хел ифода мешавад. Чунончи, дар Бурчмулло пйёда, дар Богистон – *дегсанга*, дар Нанай – *сайрак* ва монанди инҳо

Калимаҳо, чунон ки гуфтем, на ҳама вақт ба ин ё он аломати предмет мувофиқ мешаванд, вале, бо вуҷуди ин, онҳоро тамоман бемуносибат ҳам ҳисоб карда наметавонем.

Калима, ҳамчун воҳиди асосии нутқ, тамоми пуррагии семантикии худ, яъне маъноҳои гуногуни худро дар ҷумла зоҳир менамоянд.

Дар вақти талаффуз хусусияти фонетикии калима зоҳир мегардад, бинобар он ҳам дар баробари омӯхтани калима таркиби овозии он низ омӯхта мешавад.

Калима аз морфемаҳо иборат аст, ки онҳо ба калима ё маънои нав медиҳанд ва ё барои муайян намудани муносибати як предмет бо предмети дигар хизмат мекунанд. Аз ин ҷост, ки таркиби морфологии калима (реша, суффикс, префикс, асос ва бандак) низ предмети омӯзиш ҳисоб шуда, онҳоро яке аз қисмҳои грамматика – морфология меомӯзад.

Калимаҳо аз рӯи характери морфологиашон якхела нестанд. Калимаҳое, ки предметро ифода мекунад *исм*, калимаҳое, ки аломати предметро нишон медиҳанд – *сифат*, калимаҳое, ки адад ё тартиби предметҳоро нишон медиҳанд шу*мора*, калимаҳое, ки ба ҷои исм, сифат, шумора кор фармуда мешаванд – ҷонишин, калимаҳое, ки амалу ҳолати предметро нишон медиҳанд, – *феъл,* калимаҳое, ки чи тарз ва дар кадом вазъияту ҳолатҳо воқеъ гардидани амалро нишон медиҳанд – *зарф*, калимаҳое, ки барои ифодаи алоқаю муносибатҳои байни калимаҳо хизмат мекунанд – калимаҳо*и ёридиҳанда* (пешояндҳо, пайвандакҳо, ҳиссачаҳо), калимаҳое, ки ҳиссиёту ҳаяҷони гуногунро ифода мекунанд – *нидо* ном доранд.

Ҳамин тавр, Ҷамъбасти тамоми мазмуни калима, ки дар процесси амалиёт ва таҷрибаи ҳаёт муайян шуда, дар муносибатҳои анъанавии одамон мустаҳкам гардидааст, маънои калимаро ташкил медиҳад.

Маълум, ки ҳар як калима маъно дорад, бе маъно калима ҳамнест. Ҳатто калимаҳои ёридиҳанда (пешояндҳо, пайвандакҳо, ҳиссачаҳо) низ маъно (яъне маъноҳои – грамматикӣ) доранд, зеро онҳо барои ифодаи фикр унсурҳои зарурӣ ба шумор меравconfiguration.

Пас, маҷмӯи овозҳо чи тавр ин ё он маъноро ифода мекунад? Чаро, вақте ки «китоб диҳед» мегӯянд, ҳеҷ кас дафтар, қалам, газета ё дигар предметро надода, маҳз китобро медиҳад? Маҷмӯи овозҳо бо предмет, сифат, амалу ҳолати ифода мекардагиаш чи тарз алоқаи мустаҳкам дорад?

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки дар байни маҷмӯи овозҳо ва предметҳое, ки ба воситаи ин овозҳо ифода мегарданд, ҳеҷ гуна сабаби дохилие мавҷуд нест. Мо дар бораи он касе, ки номи ӯро медонем, ғайр аз номаш (фарз кунем, номи у Шариф, Зебо ё дигар бошад), ҳеҷ тасаввуроти дигар надорем. На танҳо байни номбаркунӣ ва предмет, балки байни маҷмӯи овозҳо ва мафҳуми ифода мекардагии онҳо низ аксаран монандӣ дида намешавад, зеро овозҳо ҳодисаи физиологӣ буда, мафҳум категорияи мантиқ ва тафаккур мебошад.Ғайр аз ин, дар нутқ чунин маҷмӯи овозҳо низ мавҷуд аст, ки дар худи як забон номҳои предметҳои гуногун ва мафҳумҳои ҳархеларо ифода карда метавонад. Масалан, калимаи «чанг» дар забони тоҷикӣ ҳам ба маънои асбоби мусиқӣ ва ҳам ба маънои гарди хок кор фармуда мешавад. Монанди ҳамин калимаи «бар»: бар – исм (бари хона, бари стол, бари газвор); бар – феъли фармоиш аст.

Предмету мафҳумҳо каму беш ба ҳамдигар монандӣ дошта бошанд ҳам(масалан, дар калимаи бар), аксарияти онҳо, бо вуҷуди бо овозҳои якхела ифода шуданашон, бо ҳам ҳеҷ монандие надоранд (масалан: чанг, сар ва монанди инҳо).

Ба ҳамин тариқ, ҳар як калима доимо барои ифодаи як маъно хизмат накарда, балки чунин калимаҳое низ мавҷуданд, ки предмету мафҳумҳои ҳархеларо ҳам ифода карда метавонанд.

**Сермаъноии калимаҳо (полисемия)**

**Воситаҳои инкишофёбии маъноҳо.** Дар забон калимаҳо аз ҷиҳати маъноҳои ифода мекардаашон гуногун мешаванд: баъзе калимаҳо барои ифодаи танҳо як маъно хизмат мекунанд, ки онҳо *моносемия* ном доранд: шаҳр, қишлоқ, радио, комбайн, телевизор,ақл, фикр, стул, мубтадо, синтаксис ва монанди инҳо.

Аксарияти терминҳои соҳаҳои гуногуни илму фан, техника ва ҳунар ба гурӯҳи моносемия тааллуқ доранд.

Калимаҳое, ки ду ё якчанд маъноро ифода мекунанд, *полисемия* ном доранд. Масалан, дар забони тоҷикӣ калимаҳои забон, даст, роҳ, миён, рӯй, чашм, сар, реша калимаҳои сермаъно – полисемия ҳисоб мешаванд, зеро ҳар кадоми онҳо дар матн ба якчанд маъно меоянд. Инро дар ибораҳои озод ва устувори поён, ки калимаи *забон* дар онҳо ба маъноҳои гуногун омадааст, равшан мушоҳида намудан мумкин аст: забони одам; забони тоҷик (ҳамчун воситаи алоқаи ҷамъиятии халқи тоҷик); забони модарӣ номи фан дар мактабҳо); забон як кардан (ҳам фикр шудан); забон гирифтан (аз тарсу ваҳм

гап зада натавонистан); забон кӯтоҳ будан (гунаҳкор будан дар назди касе); забон хоридан ҳаваси сухангӯӣ доштан).

**Маънои маҷозии калимаҳо**

Баъзе калимаҳо, ғайр аз маънои аслӣ – лексикии худ, дар матн маъноҳои дигар – маъноҳои маҷозиро низ ифода мекунанд. Масалан: Хона ҷимҷит шуда монд (Аскад Мухтор. «Хоҳарон»); Доираи якзайл чапак зада истода ҳам баробари раққоса оҳиста-оҳиста ба сӯи сардорон равон гашт. (Ҳамон ҷо)

Дар ин ҷумлаҳо калимаҳои «хона» ва «доира» на ба маънои аслии худ, балки ба маъноҳои маҷозӣ ба ҷои «мардум», "одамон" кор фармуда шудаанд.

Маҷоз мувофиқи маъно ва вазифааш ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешавад:

**1.** **Истиора,** ки дар он як калима ба калимаи дигар **мон**анд карда мешавад, яъне он калимаро истиора мекунад

Чунончи дар шеър ба ҷои калимаи «чашм» – калимаи «наргис, ки он як навъи гул аст, истеъмол мешавад.

Барафрухт он, моҳ чун офтоб,

Фурӯ рехт бар гул зи наргис гулоб.(Низомӣ).

Дар ин ҷо калимаҳои *моҳ, гул, наргис* ва *гулоб* ба маъно калимаҳои *дилбар, руӣ, чашм* на *ашк* кор фармуда шудаанд, яъне онҳо истиораи ин калимаҳо шудаанд.

1. **Ташхис** ҳам як намуди маҷоз буда, дар **он** предметҳои беҷон ҳам чун ҷондор тасвир мешаванд:

**Эй сабо, бар мо расон бар дӯстон, омад канал,**

Ҳам **хабар деҳ** наварӯси **бӯстон, омад** канал.

*( М. Турсунзода ).*

Дар **ин ҷо калимаҳои** *сабо, канал, наварус* **ташхисанд,** яъне **онҳо ҳамчун предметҳои ҷондор – одамон ифода шудаанд.**

2. **Синекдоха** чунин намуди маҷоз аст, ки дар он барои ифода намудани ягон ҷиҳати ин ё он предмет, факт ё ҳодиса номи умумии ҳам он предмет, факту ҳодиса зикр карда мешавад. Масалан, аксар вақт ба ҷои «Ман асарҳои Пушкин ё Горкийро хондам» гуфтан «Ман Пушкинро хондам» ё «Ман Горкийро хондам» мегӯянд.

Дар ин ҷо дар маънои калимаи «Пушкин» ё «Горкий» якчанд ё ҳамаи асарҳои онҳо дар назар дошта мешавад.

Ҳамин тавр, маҷоз ва намудҳои гуногуни он низ барои бой ва васеъ гардонидани таркиби луғавии забон, хусусан инкишофи ҷиҳати семантикии калимаҳо аҳамияти хеле калон доранд. Ғайр аз ин, онҳо дар адабиёти бадеӣ низ аз муҳимтарин хелҳои санъати бадеӣ ба шумор мераванд.

Калимаи «чашм», ки узви биниши предметҳои ҷондор (одам, ҳайвон ва ғайра) аст, маҷозан барои ифодаи сӯрохиҳои ғалберу элак ё дигар предметҳо

низ истеъмол мешавад. Масалан, чашми ғалбер, чашми элак ва монанди инҳо.

Ҳамин тавр, сермаъноии калима гуфта мо ба маъноҳои гуногун истеъмол шудани онро мефаҳмем, ки ин ҳодиса асосан ба матн ва ба имконияти (мувофиқи баъзе аломатҳои умумиашон) аз як предмету ҳодиса ба дигар предмет, ё ҳодиса кӯчонидани ном вобаста мебошад. Воситаҳои аз як маъно ба дигар маъно гузаштани калимаҳо дар забони тоҷикӣ гуногунанд:

1. Ном на маънои он дар натиҷаи ба**ҳам** монандии ранг, ҳаракат, сифати предметҳо на**ғайра** аз як предмет ба дигар предмет мегузарад. Масалан: **бурро** – ханҷари бурро; забони бурро; **сахт** – стули сахт (мустаҳкам), қанди сахт, нони сахт; одами сахт (хасис), **дили** сахт (одами сахтдил); **дарс** – дарси **забон;** дарси **ҳаёт** (ин воқеа барои ҳаёти ояндаи ман дарс ҳисоб меёбад); **хазон** – баргҳои зарду хушкшудаи дарахтон; Умри ӯ **хазон** шуд; коса – яке аз ашёҳои рӯзгор (даҳ дона коса харидам) – Ту мастоба хӯрдӣ – Як коса **хӯрдам.**

3. Дар ҳангоми ба исмҳои ҷинс гузаштани номҳои хос (ва баръакс) низ ҳодисаи аз як маъно ба дигар маъно гузаштани калимаҳо мушоҳида мешавад. Чунончи, Банорас – номи яке аз шаҳрҳои Ҳиндустон буда, дар забони тоҷикӣ дар айни замон номи мато аст, ки дар замонҳои пеш аз он фаранҷӣ ва камзул медӯхтанд. ё худ калимаи зеборо дорем. Зебо – хусни зебо, бинои зебо, хулқи зебо; Зебо – номи духтарона.

1. Аз як маъно ба дигар маъно гузаштани калимаҳо дар асоси ба ҳаммонандии вазифаи иҷро мекардаашон низ руй медиҳад: қанот– қаноти паррандагон; қанот – қаноти самолёт.

Қайд карда гузаштан зарур аст, ки ин ё он калима, гарчанд сермаъно бошад ҳам, дар матни муайян доимо як маъниро ифода мекунад. Дар ҷумлаҳои гуногун ба маъноҳои гуногун истеъмол шудани калимаҳо яке аз роҳҳои бой шудани забон ба шумор меравад.

Чи тавре ки аз мисолҳои боло маълум гардид, аксарияти ин гуна калимаҳо дар баробари аз як маъно ба дигар маъно гузаштанашон хусусиятҳои лексикӣ – грамматикӣ, вазифаю муносибатҳои синтаксисии худро низ дигар мекунанд. Масалан, агар калимаи Банорас аслан ҳам чун номи яке аз шаҳрҳои Ҳиндустон исми хос ҳисоб ёбад, дар баъзе ҷумлаҳо вай ба вазифаи сифати нисбӣ гузашта, ҳам чун муайянкунандаи нисбӣ истеъмол мешавад, яъне акнун он на предмет, балки сифати предметро нишон медиҳад

Ва ё калимаи «сабз»-ро гирем. Маълум, ки «сабз» сифати аслӣ буда, ба ранги предмет далолат мекунад (барги сабз, сатини сабз, ранги сабз), вале дар нутқ ин калима бо калимаҳои дигар алоқаманд гашта, ибораҳои номӣ месозад ва дар таркиби ин ибораҳо (дасти сабз, сари сабз) маънои аслии худро гум карда, на ба ранг, балки ба хислату хусусиятҳои одам далолат мекунад.

**Савол ва супоришот:**

1. Аҳамияти омӯзиши фанни назарияи забоншиносӣ аз чӣ иборат аст?
2. Забон ва сабабҳои пайдоиши давраҳои онро гӯед?
3. Муносибати забон ва нутқ ва элементҳои асосии онро фаҳмонед?
4. Муносибати забону ҷамъият дар чист?
5. Хулосаҳои шумо оиди ин мавзӯъ?
6. Аҳамияти пайдоиши забон ва тараққиёти тарихии он.
7. Дар бораи назарияи тақлиди овозӣ маълумот диҳед.
8. Асосгузорони назарияи садоҳои меҳнатӣ кадом олимон мебошанд..
9. Назарияи аҳди сотсиалӣ дар чандум аср ба вуҷуд омад.
10. Забоншиносӣ бо кадом илмҳо алоқаи зич дорад.
11. Калима аз мафҳум чӣ тафовут дорад.

## Мавзӯи 2. МУАММОҲОИ АСОСИИ ЗАБОНИ АДАБИИ ҲОЗИРАИ ТОҶИК ВА ТАМОЮЛОТИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ ОН.

**Нақша:**

1. Забон ҳамчун ҳодисаи ҷамиятӣ.
2. Таъсири забон ба ҷамъият ва ҷамъият ба забон.
3. Хусусияти ҷамъиятии забон.
4. Тафриқаи байни забону ҷамъият
5. Забон ва нутқ
6. Ҷараёнҳои нав да илми забоншиносӣ ва равияҳои асосии он.

Забон бо ҷамъият, бо соҳибони худ алоқаи зич дорад, зеро вай ба туфайли ҷамъият вуҷуд дорад. Ҷамъият ҳам бе забон вуҷуд надорад, яъне ҷамъияти безабон намешавад. Забону ҷамъият дар як вақт ба амал омадаанд ва яке аз омилҳои пайдоиши инсон ба шумор мераванд.

Муносибати забону ҷамъият яке аз масъалаҳоп мураккаб ва гуногунпаҳлӯи илми забоншиносӣ мебошад. Ин мавзӯъ масъалаҳои гуногунро дар бар мегирад. Ба он масъалаҳои табиат ва моҳияти иҷтимоии забони инсоният, сабабҳои ҷамъиятии пайдоиш ва инкишофи забон, забон ва шаклҳои умумияти таърихии одамон, сабабҳои иҷтимоии ташаккули забони адабӣ ва меъёри он, сабаби иҷтимоии фарқи структурии забонҳо, функсияҳои услубҳои забон, таъсири шууронаю мақсаднокии ҷамъият ба забон, вобастагии ҷамъият ба забон ва ғайраҳо дохил мешавад.

Аз рӯи табиати худ забон ҷамъиятӣ мебошад. Ба ин ҳам вазифа, ҳам рол ва ҳам талабот ба он шаҳодат медиҳад, аксари забоншиносон ба ҷамъият чун

воситаи алоқа хизмат намудани забонро нишон медиҳанд. Ҳатто забоншиносони идеалист ва философҳо аз қабили Гумбольдт, Гегель, Сепир ва Уорф ба ҷамъият чун воситаи муносибат хизмат кардани забонро қайд кардаанд. "Аксари забоншиносони советӣ дар ҳамин ақидаанд. Ба фикри онҳо, функцияи муносибат вазифаи маркази ва аввалиндараҷаи забон мебошад ва ин вазифа дар адои функцияҳои дигари забон аз қабили таъсиррасонӣ, ахбор додан, ба шакл даровардану ифода намудани фикр ёрӣ мерасонад, зеро муносибати байни одамон намебуд, ифодаи фикр ҳам зарурат намедошт. Фалсафаи марксистӣ роли ҳалкунанда бозидани муносибати меҳнатии одамонро дар ташаккул ва тараққиёти забон қайд мекунад.

Муносибати забону ҷамъият яке аз масъалаҳои асосии назарияи забоншиносӣ буда, онро социолингвистика меомӯзад.

**Забон ва фаъолияти нутқкунӣ.** Забонро бе фаъолияти нутқкунӣ тасаввур кардан мумкин нест, зеро он дар натиҷаи нутқ такмил меёбад, тараққӣ мекунад. Забон натиҷаи фаъолияти одамон мебошад. Фаъолияти нутқкунӣ ду ҷиҳат дорад: а) индивидуалӣ -психикӣ ва б) объективӣ-иҷтимоӣ. Фаъолияти нутқкунӣ пеш аз ҳама муносибати одамон ба ҳамдигар ба воситаи забон мебошад ё ки амали (акти) коммуникативист. Ин амалиёт бештар дар шакли диалог ба амал меояд.

Амалиёти нутқ ва қобилияти забондонии гӯянда хусусияти психофизикӣ дорад, вале ин нишонаи индивидуалӣ будани фаъолияти нутқкуниро намефаҳмонад, зеро вай моҳиятан ҷамъиятӣ аст. Забон компоненти асосии нутқкунист. Нутқ структураи муайян дорад, ки вай хоси ҷамъият мебошад. Одамон барои сухандонии худро нишон додан ва ё забонро аз нав барқарор кардан не, балки барои ифодаи ахбори ғайризабонӣ гап мезананд. Онҳо воситаҳои забониро барои ифодаи фикр, ҳиссиёт истифода мебаранд ва баробари ин ба шаклу тарзҳои ифода низ диққат медиҳанд.

**Дузабонӣ.** Дузабонӣ низ психофизикӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Алоқаҳои забонӣ, омезиши забонҳо ва муносибати забонҳо яке аз шартҳои инкишофи забонҳо мебошад. Дузабонӣ (билингвизм) яке аз шаклҳои инкишофи забонҳо дар забоншиносии назариявӣ ҷои муҳимро ишғол мекунад. Дараҷаи аз худкунии забонҳо гуногун мешавад, дараҷаи олии он забони дуюмро забони модарӣ донистани (шумоtoday) гӯянда мебошад. Билингвизм калимаи лотинӣ буда, аз ду ҷузъ — би (ду) ва лингуа (забон) таркиб ёфтааст ва маънояш дузабонӣ мебошад. Агар шахси ҷудогона ду забонро донад, билингвизми индивидуалӣ ва агар гурӯҳи одамон бо ду забон гап зананд, билингвизми умумӣ меноманд.

Дузабонӣ ва шаклҳои он ба шароити конкретӣ-таърихии тараққиёти халқҳо ва сохти иҷтимой иқтисодй ва маданӣ-сиёсии онҳо вобаста мебошад.

Ҳаминро ҳам бояд қайд кард, ки на танҳо шахсони ҷудогона, балки табақаҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва ҳатто халқҳои ҷудогона хусусияти дузабонӣ пайдо карда метавонанд. Дар ин ҳолат билингвизми пурра ва ё миллӣ мегӯянд. Дузабонӣ ба ҳамаи давраҳо хос бошад ҳам, дар давраи таҷаддуд инкншоф меёбад, зеро дар ин давра забонҳои нав ба нав маълум мешавад ва инчунин баъзе забонҳои адабӣ-китобӣ функсияҳои махсусро (ба ҷо овардани ибодат, корҳои давлатӣ, фаъолияти илмӣ ва ғайра) адо менамуданд. Ин забонҳо вазифаи байналмиллалиро адо менамуданд. Дар Шарқ забонҳои арабӣ, форсӣ ва хитой, дар Европа лотинӣ, дар як қатор халкҳои славян славянии динӣ (церковнославянский) ҳамин гуна вазифа доштанд. Дар аввалҳо дузабонӣ маҳдудияти иҷтимоӣ дошт, зеро баъзе намояндагони синфҳои доро, инчунин намояндагони дин, дипломатҳо, олимон ду забонро медонистанду халос.

Дузабонӣ дар замони мо шакли умумӣ гирифтааст. Ин ҳодисаро дар байни халқҳои Америкаи лотинӣ, дар Бельгия, Швейцария, Англия, Франция, Америка, Ҳиндустон, мамлакатҳои араб мушоҳида кардан мумкин аст. Дузабонӣ ба мамлакати мо низ хос аст. Аксарияти миллату халқияти мамлакати мо баробари забони модарии худ забони русиро низ медонанд, яъне дар мо билингвизми умумӣ мушоҳида мешавад.

Омӯзиши ҳодисаи дузабонӣ ва намудҳои он шаҳодат медиҳад, ки дузабонӣ ду навъ мешавад: иртиботӣ (контактӣ) ва ғайрииртиботӣ. Иртиботӣ дар ҳолати якҷоя, алоқамандона зиндагӣ кардани ду халқ ба вуҷуд меояд. Ин намуд устувор ва доимӣ буда, аз насл ба насл мегузарад ва яке аз асосҳои омезиши забонҳо мегардад. Ин навъи билингвизм ба республикаи мо ҳам хос аст, зеро дар территорияи он халқиятҳои зиёде аз қабили бадахшониҳо — шуғнониҳо, рӯшониҳо, ишкошимиҳо, язғуломиҳо, сарикӯлиҳо ва инчунин яғнобиҳо ва қисман ӯзбекҳову қирғизҳо баробари забони модарии худ аз забони тоҷикӣ истифода мебаранд. Дар ин ҳолат забони тоҷикӣ функцияи байналмиллалиро адо мекунад. Албатта, намунаи барҷастаи забони байналмиллалӣ забонҳои русӣ ва англисӣ мебошад, чунки бо ин забонҳо халқу миллатҳои зиёде гуфтугӯ мекунанд.

Ғайри-иртиботӣ гуфта ҳамон ҳодисаро меноманд, ки забони халқи дигарро махсусан меомӯзанд. Масалан, забонҳои англисӣ, испанӣ, немисӣ, русӣ, французиро ҳамчун забонҳои хусусияти умумиҷаҳонӣ дошта дар мактабҳои мамлакатҳои гуногун меомӯзанд.

Вақте ки масъалаи дузабонӣ (билингвизм) ба амал меояд, забони модариро фарқ ва аниқ кардан (дар ҳолате ки ҳар ду забонро баробар медонанд) шарт аст, яъне кадоме аз забонҳо забони модарӣ шуморида мешаванд. Забони модарӣ гуфта ҳамон забонро мегӯянд, ки шахси конкрет ва ё коллективи одамон онро ба дараҷаи бояду шояд медонанд, бо он озод ва

фаъолона гап мезананд, дар тамоми шароитҳо (на танҳо гап мезананду мефаҳманд, балки фикр мекунанд) бо он сухан мекунанд. Забони модарӣ забонест, ки бо он ҳамеша дар ҳама гуна шароит фикрро ифода кардан мумкин аст. Агар ин ё он шахс ду ва ё зиёда забонро як хел донад, он гоҳ забони модарӣ гуфта, забони миллатро меноманд.

Доир ба дузабонӣ ягонагии фикр нест. Баъзеҳо ҳамон вақт дузабонӣ мешуморанд, ки ҳар ду забонро озод ва пурра донед, вале ба фикри гурӯҳи дигар, забони дуюмро донистан ва каму беш гап задан ҳам кифоя. Профессор Холназаров Қ. Х. ду тарз фаҳмидани билингвизмро нишон медиҳад. Аз ҷиҳати лингвистӣ гирем, ҳамон вақт дузабонӣ гуфтан мумкин аст, ки ҳар ду забонро озод ва пурра донед, аз нуқтаи назари социологӣ бошад, як хел донистани ҳар ду забон шарт нест.

Инчунин қонунҳои рушди забони адабӣ, забонӣ адабӣ ҳолати умумии меъёрҳо, падидаҳои устувор ва ноустувор дар он дар бораи фарҳанги нутқи забонӣ адабӣ ҳеҷ гоҳ бидуни тафтиш ҳарф задан имкон надорад ин не. Ҳам забон ва ҳам рафтор бо хун ба инсон ворид мешавад ва ба тамоми бадан ва ҷони ӯ ворид мешавад. Онҳоро нодида гирифтан ҳамеша хурду калон аст, зеро онҳо анъанаҳои пароканда мебошанд боиси фоҷеаҳо мегардад. Илми фарҳанги нутқ як соҳаи амалии беназири забошиносии ӯзбек мебошад. Ӯ дар асоси донишҳое, ки аз курсҳои назариявии забоншиносӣ ба даст оварда шудаанд ва тарзи сохтани сухани зебо ба шумо таълим медиҳад. Ин забон, меъёрҳои забон, сухан, сифатҳои сухан, услубҳои нутқ, камбудиҳо ва хатогиҳои нутқ, суханронӣ мушкилоти талаҷҷузро баррасӣ мекунад. Фарҳанги нутқ ҳамчун илм дорои объекти тафтиш ва функсияҳои худ мебошад ва соҳибзабон бо таркиби луғавии пурғановат метавонад фаъолияти суханронии худро густариш диҳад.

Фаъолияти забон ва нутқро дар гузашта бо воситаи илми балоғати сухан сайқал бахшидаанд ва балоғат дар тамаддуни гузаштаи мо илме будааст, ки се шохаро дар бар мегирифтааст:

а) илми маонӣ

б) илми баён

в) илми бадеъ

*Илми маонӣ* - қонунияти ҷумлабандӣ ва баёни фикрро дар бар мегирад ва бо грамматикаи имрӯза баробар меояд.

*Илми баён* - масъалаҳои бенуқсон баён кардани фикр, зебо ва таъсирбахш ҳарф заданро меомӯзад ва тахминан вазифаҳои он ба талаботи услубшиносӣ ва ҳусни баёни имрӯза баробар меояд.

*Илми бадеъ* - илми ороиши сухан бо санъатҳои маънавӣ ва лафзист, ки дар назмшиносӣ (дар илми адабиёт) омӯхта мешавад ва бо услубшиносӣ ва

ҳусни баён алоқамандӣ дорад.

Забон барои ҷомеа ягона ва умумист. Ин забони ягона ва умумӣ як вазифаро адо мекунад. Ифодаи фикр ва алоқаи фикрии одамон.

Забон ҳамин вазифаи худро ду тариқа адо мекунад:

а) шифоҳӣ

б) хаттӣ

Мавзуи аввали баҳси услубшиносӣ – услубҳои нутқ:

Дар заминаи шохаи хаттии забон услубҳои нутқ ба вуҷуд омадаанд, ки онҳо ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти аъзоҳои ҷомеа алоқамандӣ доранд. Дар заминаи забони хаттӣ аз қадим 4 услуб 3-тоаш аз асри Х:

а) услуби муошират

б) услуби коргузории расмӣ

в) услуби илмӣ

г) услуби бадеӣ

д) аз ибтидои асри ХХ дар солҳои 1910 услуби нутқи публисистӣ (рӯзноманигорӣ) ба вуҷуд омад.

Дар заминаи забони зинда услуби нутқи муошират аз замонҳои қадим ба вуҷуд омадааст.

Ҳамаи ин услубҳои нутқ аз ҷиҳати ҳадафи худ ва истифодаи унсурҳои забонӣ фарқ мекунанд. Масалан, мақсади услуби нутқи муошират мубодилаи озоди фикр аст ва он дар муҳити оилавӣ, дар муҳити ҷамъиятӣ, кӯчаву бозор истифода мешавад.

Ҳадафи услуби илмӣ кашфиёт ва тарғиби илм аст.

Дар услуби муошират ҳамон унсурҳои забон ба кор бурда мешавад, ки дар забони зинда маъмуланд.

Чунончи: калимаҳои гуфтугӯйӣ, лафзҳои шевагӣ, калимаҳои хоси касбу ҳунар (проффессионализмҳо), алфози қабеҳ (вулгаризм), як миқдор калимаҳои бегона (варваризм), иборaю ҷумлаҳои рехта (ВФ) ва ғайра ба кор бурда мешаванд.

Дар услуби илмӣ бошад, мувофиқи меъёри забони адабӣ баён кардани фикр ва бештар унсурҳои забони хаттӣ, фаровон кор фармудани истилоҳот (терминҳо) расм буда, худдорӣ кардан аз ороиши сухан ва бештар эътибор додан ба мантиқи ҷумла характернок аст.

Мавзӯи дуюми баҳси услубшиносӣ

**2. Воситаҳои муассири забон**

Муассир - таъсирбахш. Як фикрро ду тариқа баён кардан мумкин аст.

а) мӯътадил (одӣ)

б) образнок (муассир, рангин) «Хоби Ҳорун-ар-рашид».

Пайрав шеърҳои лирикӣ менависад. Истеъдод дорад, оянда ба адабиёти

тоҷик хизмат мекунад.

С.Айнӣ дар ҳаққи пайрав навишта буд: “Пайрав ошиқ аст, шеърҳои ошиқонаро аз мағзи ҷон месарояд. Вай соҳиби истеъдоди комил аст, бӯстони нави адабиёти тоҷик аз оби равони табъи ин ҷавон бисёр сарсабзиҳо умед дорад” (“Адабиёт ва санъат”,13.07.2017).

Воситаҳои муассири забонро ҳам дар унсурҳои овозӣ, ҳам дар интонатсия (оҳанг), ҳам дар интихоби калима, ҳам дар кор фармудани ибораҳои рехта, дар калимасозӣ ва таркиббандӣ, дар кор фармудани унсурҳои шаклӣ, (морфологӣ) ва ниҳоят дар иборасозӣ ва ҷумлабандӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Мисол:

*Сари* савдозадаи ман, ки *сари* (таманнои) зулфи ту дошт,

Рафт бар боду ҳанӯзам *сари* (хаёли) он аст, ки буд (Камол).

**Меъёри забони адабӣ ду хусусият ё принсип дорад:**

а) Муназзамӣ ё ба тартиб овардани овозҳо, калимаҳо.

б) Пойдорӣ, устуворӣ, зуд-зуд тағйир наёфтан: Хеш-хвеш

Забони адабӣ чунин меъёр дорад, ки аз тарафи умум ба тариқи ҳатмӣ расман эътироф карда мешавад. Меъёри забони адабӣ аз тарафи давлат муқаррар карда мешавад ва расман дар луғатномаҳо, дар китобҳои дарсӣ сабт мегардад. Риояи меъёри забони адабиро, пеш аз ҳама, ҳукумати Тоҷикистон, устодони каломи бадеъ, нависандагони нуктасанҷ назорат ва бонӣ мекунанд. Забони адабӣ дар як ҳолат шах шуда намемонад, баробари инкишофи ҷамъият тадриҷан тағйир меёбад. Ин дигаргунӣ дер ё зуд дар меъёри забони адабӣ низ инъикос мегардад. Аммо аз рӯйи принсипи пойдории меъёр зуд-зуд тағйир ёфта истодани қоидаҳои истифодаи забон воҷиб нест.

Қонуни асосӣ, сарқонун ва конститутсия аз он сабаб пайдо шуд, ки майли ба ва қонуну устувории забони тоҷикӣ мувофиқ кардани калимаю иқтибососоти ба тозагӣ сохта шуда пайдо шуд. Оқибат ба хулосае омаданд, ки бигзор калимаи «конститутсия» монад.

Меъёри забони адабӣ аз худи забон бармеояд ё онро аз берун муқаррар мекунанд? Ҳам ину ҳам он. Пас, меъёри забонро худи ҷомеа аз дохили забон муайян ва назорат мекунад

Забон ба чамъият ва аъзоёни он бетафовут хизмат мекунад. Ба ҳамин сабаб забонро аз қабили ҳодисаҳои чамъиятй медонанд. Аммо хизмати забон ба чамъият аз хизмати дигар ҳодисаҳои чамъиятй (базис, настройка. идеология) фарқ мекунад. Ба чамъият хизмат карданн забон холо маҳаки ҳодисаҳои чамъиятй донистани он намешавад. Масалан, баъзе ҳодисаҳои табий (гидротурбинаро ба ҳаракат даровардани қувваи об), ҳатто машина, поезд, самолёт ва ғайра ба чамъият хизмат мерасонанд, аммо бо ин онҳо ҳодисаи чамъиятй дониста намешавад.

Чиҳати асосии базис аз он иборат аст, ки вай ба чамъият аз чиҳати иқтисодӣ хизмат мекунад. Надстройка бошад, бо хизмати сиёсӣ, юридикӣ, эстетикӣ ва дигарҳо нормаҳои чаҳонбинии чамъиятро муайян менамояд.

Яке аз чиҳатҳои асосӣ ва фарққунандай забон дар он аст, ки забон дар ҳама соҳаҳои ҳаёти инсонӣ бетафовут ба чамъият ва аъзоёни он хизмат мекунад. Ба ҳамин сабаб забон бо ҳодисаҳои дигари чамъиятӣ пурра баробар шуда наметавонад.

Яке аз аломатҳои асосии забон чун ҳодисаи ҷамъиятӣ инъикос ва ифодакунии шуури ҷамъият (тафаккури чамъиятӣ) мебошад. Инъикос ва ифодаи фикр дар сурати аввал сабаби асосӣ менамояд, зеро машинаҳо ҳам то андозаи ин вазифаро иҷро карда метавонанд. Аммо набояд фаромӯш кард, ки худи он машинаҳо маҳсули иккишофи тафаккур ва шуури инсон мебошанд. Ба ҳамин сабаб чиҳати асосӣ ва фарққунандаи забон аз дигар ҳодисаҳои ҷамъиятӣ дар он аст, ки танҳо забон қобилияти пурра дарк карда ва ифода намудаии шуури чамъиятро доранд.

Чунон ки мебинем, шуури чамъиятӣ инъикоси бевосита ва дурусти ҳаёти материалии ҷамъият будааст ва дарку ифодаи он танҳо ба воситаи забон (забони ҷамъиятӣ) имконпазир аст.

Баъзе элементҳои шуури ҷамъиятӣ (аз қабили ҷаҳонбинии сиёсӣ, юридикӣ, динӣ, философӣ) ба настройка дохил мешаванд, баъзеашон (масалан, илмҳои табиӣ, техника) ба настройка дохил намешаванд, вале ин ба инкишоф, инъикос ва ифодаи шуури ҷамъиятӣ будани забон халал намерасонад.

Забон маҳсули ҷамъияти одамон аст, вай барои чамъияти одамон хизмати бевосита мекунад. Психология шуурро яке аз хосиятҳои олии майна медонад, ки он танҳо ба инсон хос буда, бо забон алоқа дорад. Вай ҳақиқатро дарк ва ҷамъбаст карда метавонанд. Забон ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ бо ҳамин хусусиятҳояш аз ҳодисаҳои дигари ҷамъиятӣ фарқ мекунад. Ба сабаби характери умумиҷамъиятӣ доштани забон, тафаккур ҳам хусусияти умумиҷамъиятӣ мегирад. Забон яке аз шартҳои асосии мавҷудияти ҷамъият аст. Забон хусусиятҳои аломатии худро муддатҳои зиёд нигоҳ доштааст ва он яке аз воситаҳои асосию аввалини мавҷудияти ҷамъият мебошад. Ин масъаларо дар забоншиносии ғарб ба тарзҳои гуногун маънидод мекунанд.

Чунон ки пеш гуфта будем, ин масъаларо дар мактабҳои забоншиносии ғарб ба таври дигар эзоҳ медиҳанд. Масалан, Гумболд гуфта буд: Забон чун тасвири ҳақиқати реалӣ, ки шуури одамонро ба шакл дарорад, ба вуҷуд омадааст. Шогирдону тарафдорони ӯ (неогумболдчиён), ҳатто гуногунии забонҳоро сабаби гуногунии дин меноманд.

Ин ақида аз нуқтаи назари марксистӣ нодуруст аст, зеро забон маҳсули ғояҳои динӣ - иқтисодӣ набуда, балки воситаи ифодаи фикр бетафовут барои ҳама мебошад.

Сохти ҷамъият ба забон ва инкншофи он бевосита таъсир мерасонад. Масалан, дар давраи феодализм ҳалқи ба як забон гап мезада ба гурӯҳҳои зиёд ҷудо мешавад ва онҳо забони ягонаи давлатӣ надоранд. Ин ҳодиса бешубҳа ба инкишофи забон таъсир мерасонад. Дар натиҷа дар як забон шеваю лаҳҷаҳои гуногуни аз ҳам то андозае фарқкунанда ба амал меояд. Ҳар гурӯҳ (шеваю лаҳҷаҳо) терминҳои аз гурӯҳи дигар фарқкунанда эҷод мекунад. Агар ин ҳолат муддати зиёд давом кунад, забони он гурӯҳҳо бештар фарқ кардан мегирад (масалан, дар мо забонҳои помирӣ, забонҳои Доғистон ҳамин проссесро аз сар гузаронидаанд).

Баъзан дар натиҷаи муттаҳидшавии ҳалқҳо дар таркиби як давлат ва ё миллат барои он миллат забони аз истеъмол баромадаи (мурдаи) он халқро зинда кардан мехоҳанд, ки дар натиҷа бисёр калимаҳои дар истеъмол буда аз истеъмол мебароянд, системаи забон тағйир меёбад. Масалан, забони ҳиндуи қадим дар Исроил. Ё худ пеш аз Револусия бисёр шева ва лаҳчаҳои тоҷикон то дараҷае фарқ карда буд, аммо ба сабаби ташкил шудани давлати ягонаи миллии тоҷикон, забони ягонаи миллӣ - давлатӣ ҷои худро гирифта тавонист. (Аз ҷумла мурда рафтани забонҳои эронӣ: суғдӣ, хоразмӣ...).

Хусусиятҳои надстройкавӣ (дин, маданият, ҳуқуқшиносӣ, сиёсат ва ғайра) ба тақдири забон таъсири манфӣ мерасонанд.

1. Масалан, дин аз ҳамин қабил ҳодисаҳост. Эътироф ва қабул намудани дин сабаби ба забон дохил шудани калимаву терминҳои зиёди хориҷӣ мегардад.

2. Дар сурати ба забон таъсир расонидани ҳодисаҳои надстройкавӣ ва онро ба асос гирифтани душманон роли нависандагони барҷастаи халқ қалон аст (масалан, забани точикӣ аз Рӯдакӣ то Садриддин Айнӣ ва кашмакашҳои солҳои 20; забони русӣ дар солҳои аввали баъд аз революсия ва роли А.М.Горкий, В.В.Маяковский ва дигарон).

3. Инкишофи маданият ҳам дар забон калимаю терминҳои навро меоварад ва намояндагони он соҳа баъзан булҳавасона майли зиёдтар истеъмол намудани он калима ва ибораҳоро доранд.

Бинобар он барои пурра нигоҳ доштани нормаҳои забони адабӣ, тарзи талаффузи калимаҳои забон, мактаб, радио, телевизор роли муҳим доранд. Зеро дар онҳо нормаҳои талаффуз, грамматика ва мавқеи истеъмоли калимаҳои забон хуб риоя карда мешавад.

Инкишофи маданият бо давлатҳои дигар алоқаро меафзояд. Дар натиҷа терминҳои интернасионалӣ зиёд мешаванд.

Ҷамъият забонро чун ҳодисаи ҷамъиятӣ эҷод менамояд, ба шакл медароварад, ба нормаҳои истеъмоли он назорат мекунад ва онро чун робитаи байни одамон мустаҳкам меқунад. Баъзан одамони ҷудогона калимаҳои нодуруст месозанд, ки онҳо қабули умум намешаванд ва зуд аз забон мебароянд. Баъзан калимаҳо аз як забон ба забони дигар ба маънои нодуруст иқтибос шаванд ҳам, ба зуддӣ дар истеъмол умумият пайдо мекунанд. (таклиф-даъват-таклиф. Таклиф ба маънои пешниҳод аст). Баъзан аз ибора калима пайдо мешавад ва дар забон мустаҳкам ҷой мегирад.

Масалан, дар асри XVI дар Россия аз ибораи копейная денги -копейка пайдо шудааст. Аз ибораи **кӯҳу тал** - кӯтал...

Дар рӯзҳои мо терминологияи умумии байни миллатҳо инкишоф ёфта истодааст. Баъзе терминҳои андозаашон маҳдуд ба амал меоянд. Масалан, Ереванит - минерале, ки дар Арманистон пайдо шудааст, Анзоб - оби минералӣ, Шоҳанбарӣ - оби минератӣ... Ҳамаи ин тағйиротҳо дар ҷамъияти мо дар тахти назорати халқ мебошанд, зеро забон аз қабили ҳодисаҳои ҷамъиятӣ буда, эҷодкор ва инкишофдиҳандаи он халқ мебошад.

Ҷиҳати йамъиятии забон пеш аз ҳама мубодилаи афкорро таъмин намудани он мебошад. Ҳар як воҳиди забони аз овоз то ҷумла дорои ҷиҳати табии ба ҷамъиятӣ аст. Масалан, проссеси ҳосил шудани овоз - ҷиҳати табиии он ва хусусияти шаклу маъно ҷудокунии овоз дар муомила ҷиҳати ҷамъиятии он мебошад.

Мавҷудияти қонунияти муайяни тараққиёти забон ва сабабҳои берунии ба таърихи забон таъсиррасонанда дар назарияи забоншиносӣ муаммои инкишофи дохилӣ ва берунии забон ва инчунин муаммои зиддиятро чун манбаъ ва асоси тағироти таърихии забон ба вуҷуд овард.

Дар забоншиносӣ доир ба қонунҳои тараққиёти дохилӣ ва берунии забон фикрҳои гуногун мавҷуд аст. Намояндагони ҷараёни ҷавонграмматикҳо ба қонуни дохилии тараққиёти забон қонунҳои фонетика ва анологияро дохил намуда буданд, Баъдтар қонуни дохилии тараққиёти забон гуфта тараққиёти таърихии забони ҷудогона ва ё гурӯҳи забонҳо дар давраи муайян ва дар қабатҳои гуногуни забон фаҳмида мешуд.

Қонуни берунии тараққиёти забонро Ф.Бопп ва Август Шлейхер бо қонунҳои биологию физикӣ омехта карда буданд, чунки забонро *организм* меномиданд. Тарафдорони ҷараёни психологӣ, ки забонро фаъолияти *психикӣ* медонистанд, қонунҳои забонро бо психология як мешумориданд. Ҳодисаи бо қонунҳои мантиқ як шуморидани қонунҳои забон низ ба назар мерасад. Марр Н.Я. вобаста ба батосохт шуморидани забон дар қонуниятҳои забон зоҳир гардидани қонуниятҳои идеологию иқтисодиро медид.

Ҳам қонунҳои дохилию ҳам қонунҳои берунии тараққиёти забон умумӣ

ва хусусӣ мешаванд.

Ба қонунҳои умум он конунҳое дохил мешаванд, ки дар аксари забонҳо ва тамоми қабатҳои забон мушоҳида мешаванд. Ба қонунҳои хусусӣ бошанд, он қонунҳое, ки ба забони ҷудогона ва ё гурӯҳи забонҳою ин ё он қабати забонӣ таалluқ дорад, дохил мешавад.

Забон аз рӯи қонуни *дохияии* худ инкишоф меёбад, ки ба он инҳо медарояд:

1. Ба ҳамаи забонҳои дунё тамоили абстраксиякунонии элементҳои структураи забон хос аст. Баробари тараққиёти забон як гурӯҳ калимаҳое, ки маънои конкретӣ доштанд, маънои обстрактӣ пайдо мекунанд, ё ки калимаҳои маънодор ба калимаҳои ёрирасон аз қабили пешояндҳо, пасояндҳо, пайвандакҳо ва инчунин феълҳои ёридиҳанда мегузаранд. Ҷинсияти грамматикӣ дар забонҳои славянӣ дар аввалҳои пайдоиши худ асоси мантиқии худро дошт, ҳоло бошад, пурра категорияи грамматикӣ гардидааст.

2. Майли фарқ кунонидан ва ё структураи забонӣ ва функсияҳои он низ ба бисёр забонҳо хос аст. Масалан, калимаро аз морфемаю ҷумла фарқ, кардан, ҷумлаҳоро ба соддаю мураккаб ва ҷумлаҳои мураккабро ба тобеъю пайваст ва пайвандакдору бепайвандак, ё ки ҳиссаҳои номии нутқро бо *исм, сифат, шумора ва ҷонишин* ҷудо намудан низ ба инкишофи забон таъсир мерасонад.

3. Майли муттаҳид намудани элементҳои забони низ ҷой дорад. Масалан, морфемаҳо якҷоя шуда калима созанд, калимаҳо бо ҳам алоқаманд гардида ибораю ҷумларо ташкил медиҳанд. Ё ки калимаҳои гуногунмаъною гуногунсохт ба гурӯҳ, ба ҳиссаи нутқ муттаҳид мешаванд. Ҳамин ҳолатро дар муттаҳид шудани забони қабилаҳо ва ба вуҷуд омадани забони халқият ва аз охирон ба амал омадани забони миллат ҳам мушоҳида кардан мумкин аст.

4. Бой гардидан ва мутаҳидшавӣ ба аксари забонҳо хос аст. Дар ин ҷо танҳо овозҳо истисно шуданаш мумкин аст. Таркиби луғавӣ ҳамеша бой мегардад, қолабҳои нав ба нави *калимасозӣ* пайдо мешаванд, структураҳои синтаксиси ҳам мукаммал ва мураккаб мешаванд. Баъзан акси ин ҳодиса ҳам мушоҳида мешавад. Масалан, барҳам хӯрдани падежу ҷинсияти грамматикӣ дар забони тоҷикӣ.

5. Дар ҳамаи замонҳо ва даврахо аз рӯи *аналогия* тағйир ёфтани калимаҳо ва дигар воҳидҳои забонӣ мушоҳида мешавад. Масалан, калимаҳои *прилунится* ва *приокеанится* аз рӯи аналогияи калимаи *приземлиться* сохта шудаанд.

6. Ҳаминро ҳам гуфтан лозим аст, ки ҳамаи қонунҳои дохилии тараққиёти забон ба қонуни берунии он алоқаманданд, вале дар асоси материали забонӣ ба амал меоянд.

Пас маълум мешавад, ки қонунҳои дохилӣ ва берунии тараққиёти забон

бо ҳам алоқаи наздик доранд, ба якдигар таъсир мерасонанд.

Ба қонуни берунӣ ва ё сабабҳои берунии тараққиёти забон инҳо дохил мешаванд:

1. *Структураи ичтимоии ҷамъият.* Тағйири структураи иҷтимоии ҷамъият ба забон таъсири калон мерасонад. Инро дар вақти тағйиротҳои револютсионӣ ба хубӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Синфҳои ғолиб таъсири худро, хусусан дар соҳаи лексика. зиёд мекунанд.

2. Таркиби *этникии аҳолии мамлакат.* Агар таркиби аҳолии мамлакат гуногун набошад, таъсири калимаҳо ва системаҳои дигар камтар мушоҳида мешавад.

3. Шакли *умумияти таърихии одамон* - қабила, халқият ва ё миллат. Дар ҳолати аз як шакл ба дигар шакл гузаштан, забон ба тағйироти калон дучор мешавад.

4. *Истеҳсолоту техника, олот* ва истифодаи он дар *табиат.* Ҳамаи инҳо ба таркиби луғавӣ семантикаи ибора, терминҳо ва калимасозӣ ва нисбатан номаълумтар ба синтаксис таъсир мерасонад.

5. *Илм.* Тараққиёт ва инкишофи илм, аз худ намудани ҳаёт ва забон, ислоҳҳои он ва ҳатто ба синтаксису семантика таъсир мерасонад.

6. *Адабиёти бадеӣ.* Таъсири адбиёти бадеӣ ба забон ниҳоят бузург аст ва инро ҳамма эътироф мекунад. Бесабаб нест, ки нависандагони бузург асосгузорони забони адабӣ ҳам шуморида мешаванд. Ба ин А.С.Пушкин ва С.Айниро мисол гирифтан мумкин аст.

7. *Давлат* ва махсусан идораҳои он аз қабили мактаб, суд ва ғайра дар инкишофи забон низ ҳисса мегузоранд.

8. *Идеология* ва махсусан *дин.* Таъсири ин дар бисёр калимаҳои забонҳои хитоӣ, японӣ, бенглӣ ва ҳинду калон *аст.* Дар семантикаи бисёр калимаҳо дин дида мешавад.

9. *Иртибот,* яъне робитаи халқҳо. Ин таъсир низ дар инкищофи забон роли муҳим мебозад.

10. *Фаъолияти шуур ва тафаккури одамон ва ҷамъият.* Чӣ андоза таьсир доштани инҳо ба ҳама маълум аст.

Азбаски забон ҳамчун стурктураи забонӣ, нормаи забонӣ ва фаъолияти нутқ вуҷуд дорад, сабаби тағйири забониро дар зиддият ва ба ҳам таъсирасонии забону норма ва нормаву фаъолияти нутк чустучӯ кардан лозим аст. Азбаски нормаи забонҳо ҳодисаи иҷтимоиву фаъолияти нутқ бо фаъолияти дарккунии гӯяндагон алоқаи зич дорад, сабаби тағйири забонро инчунин дар алоқаи байни забону ҷамъият ва забону фаъолияти дарккунии одамон ҷустан лозим. меояд.

Методология ҳамчун таълимот дар бораи методи илмӣ умуман ва

методҳои илмҳои ҷудогона дар назария ва амалияи ҳар як илм ва аз ҷумла *забоншиносӣ,* аҳамияти бағоят калон дорад.

Инкишофи илмҳои гуногун, пайдоиши илмҳои нав ба нав, тараққии номунтазами илму техника, пайдоиши илмҳои муштарак талаб намудаанд, ки метод ва ё роҳ, инчунин тарзу усулҳои тадқиқи илмҳо ҳаматарафа омӯхта муайян карда шавад. Зиёд гардидани шавқу рағбат ба метод ва тарзу усулҳои тадқиқи илм аз он сабаб ҳам сар зад, ки доираи мутахассисон зиёд шуда истодааст. Ҷамоаҳои калони илмӣ ба амал омада истодаанд. Ҳамаи зарурати автоматикунонидани меҳнати фикриро талаб мекунад. Ҳоло баробари муҳим будани натиҷаи корҳои илмӣ роҳу усулҳои ба даст даровардани он низ аҳамияти калон пайдо карда истодааст.

Ҳар як илм дорои методҳои худ мебошад ва кӯшиш мекунад, ки бо роҳу усулҳои осон ва оддӣ натиҷаҳои хуб ба даст дарорад. Пас дар аз худ кардан ва натиҷаҳои дилхоҳ ба даст даровардани ҳар як илм метод роли бағоят калон мебозидааст.

*Метод* мақсади ягонаи илм набуда, вай танҳо воситаи дарккунии объект, тарафҳои ҷудогонаи он ва инчунин вазифаи он мебошад. *Дарккунӣ* ин наздикшавии тафаккур бо объект, табиатро донистани инсон ва инчунин донистани қонунияти тараққиёти ҷамъият ва худи *тафаккур* мебошад.

*Роҳҳои дарккунӣ ва методҳои лингвистҷкӣ.* Аз рӯи назарияи идрок метод ин тарзу усул ва роҳҳои донистан ва ё омӯхтани ҳақиқати объективӣ, дарк намудани табиат, ҷамъият ва тафаккур аст. Методи диалектикии дарккунӣ инъикоси диалектикии худи табиат мебошад.

Методҳои ҷудогонаи тадқиқот дар ҷараёни инкишофи илм ба амал меоянд ва аниқ мегарданд ва он ба маҷмӯи донишҳои ҷамъшуда вобаста мебошад. Донишҳои ҳосилшуда барои ба даст даровардани донишҳои нав ба нав ёрӣ мерасонад ва чун метод хизмат мекунад. Масалан, чор амали арифметикии оддӣ барои ҳалли масъалаҳои мураккаби математикӣ восита гардиданд. Ё ки ҳамроҳи сунъии замин кашфиёти нодири илм буд, ҳоло бошад, ҳамчун воситаи тадқиқот истифода шуда истодааст.

Тарзу усулҳои дарккунии *умумӣ* ва *хусусӣ* мешавад. Методи фалсафӣ хусусияти умумӣ дорад ва методология он ба принсипҳои методи дарккунӣ, ки ба ин ё он системаи фалсафӣ хос аст, вобаста мебошад.

*Методология* ин конкретонидани методи фалсафии дарккунӣ мебошад, ки дар ин ё он соҳаи илми чудогона ба амал, усулу методҳои ҷамъбасткунии худро пайдо кардааст.

Методи фалсафӣ ё ки методи дарккунӣ таълимотест, дар бораи қонунҳои умумии табиат, ҷамъият ва тафаккур.

Методи диалектикӣ эътироф мекунад, ки табиат материалӣ мебошад,

материя якум ва шуур дуюм мебошад. Ҳастӣ, табиат омӯхташаванда мебошад. Ҳодисаи ҳақиқати объективӣ бо ҳамдигар алоқаманд буда, ба ҳам таъсир мерасонанд. Онҳо дар ҳаракат ва тараққиёт мебошанд ва ин тараққиёт ба сабаби зиддияти байниҳамдигарӣ ба амад меоянд.

Принсипҳои методологии умумӣ дар натиҷаи хулосабарории илмҳои гуногун ба вуҷуд омадааст. Аз ин рӯ, методи диалектикӣ -материалистии дарккунӣ, ягонагии ҳамаи илмҳо, ҳамаи тадқиқотҳоро, ки ба методи диалектикӣ такя мекунад, ифода менамояд.

Ҳар як илм методҳои тадқиқотии худро дорад ва ин методҳо ба воситаи методи умумилмӣ бо методҳои фалсафӣ ва мантиқӣ муносибат пайдо мекунад. Ба методҳои умумилмй методҳои математикй, физикй, биологй, филологй дохил мешаванд. Методҳои лингвистй бо ҳамаи ин методҳо муносибат дорад. Методҳои филологӣ аз ин методҳо бо он фарқ мекунад, ки дар он тачрибаи *дастгоҳи* инструменталӣ қариб гузаронида намешавад, Филолог дар асоси матн таҷриба мегузаронад, дар асоси қолабҳои моделҳо *назария* мебарорад.

Ба тариқи муқоисавӣ - таърихӣ маънидод кардани далелҳои конкретӣ барои тадқиқотҳои таърихиву филологӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Умумияти методҳои ҳамаи илмҳо эътироф намудани он аст, ки дарккунии илмии ин ҷараён аст, аз ин ҷиҳат қонуну қоидаҳои тадқиқот мавҷудияти дараҷаҳои гуногун дар дарккунӣ ба эътибор мегирад.

Ҷараёни дарккунии илмӣ. Дарккунӣ ҳамчун ҷараён 3 марҳаларо дар бар мегирад:

1. *Тадкиқот* (даделҳо ва ё алоқамандии онҳо);
2. *Ба система* даровардан, шарҳу эзоҳ ва исбот;
3. *Баён кардан,* тасвир;

Дар проссеси эчоди илмӣ масъалагузорӣ ба пешниҳоди фаразҳо ниҳоят мумкин буда, бояд асосҳои назариявию амалӣ дошта бошад. Воситаи умумилмии тадқикот мушоҳида, *таҷриба* ва *намунасозӣ* мебошад.

**Мушохида.** Мушоҳида яке аз воситаҳои маълум ва табиии тадқиқоти илмӣ мебошад. Ҳар як тадқиқотчӣ ин ё он ҳодисаи забонро мушоҳида мекунад ва чизҳои лозимаро ба қайд мегарад.

Қонун ва техникаи аз матн ва ё нутқ ин ё он далели забонро ҷудо намуда, ба мавзӯи омӯзиш дохил намуда, мушоҳидаи лингвистӣ мегӯянд. Қонуни мушоҳида талаб мекунад, ки предмети мушоҳида аниқ карда шавад, адоматҳои он нишон дода шавад. Натиҷаи мушоҳида бо формулаҳо, нақшаҳо, таблисаҳо ва ё хаттӣ ба қайд гирифта мешавад. Мушоҳидакунанда бояд дониши хуб дошта бошад, ба вай ҳисси забонӣ хос бошад.

Мушоҳида қисми таркибии ҳама гуна фаъолияти илмӣ буда, вай ҷузъи зарурии ҳар як методи *лингвистӣ* мебошад. Ҷиҳати хуби мушоҳида он аст, ки

вай ин ё он ҳадисаи забониро дар шакли табиӣ бо ёрии органҳои ҳиссиёт ва ё мағзи сар ба қайд мегирад ва бо ин аз таҷриба фарқ мекунад,

*Таҷриба* - экспперемент. Таҷриба ин озмоиши илмиест, ки ба воситаи он ҳодисаи омӯхтанашавандаи забонӣ ҳар дафъа дар шароити муайян ба ҳисоб шрифта мешавад. Эксперимент яке аз воситаҳои дарккунӣ дар илми ҳозира мебошад ва намудҳои зерин дорад: *лабораторӣ, ичтимоӣ* ва *фикрӣ.*

Таҷрибаи *лабораторӣ,* бештар ва асосан ба илмҳои табиӣ хос буда, ба қисмати фонетикӣ ва тарҷумаи мошинии лингвистика низ тааллуқ дорад. Мутаасифона, таъмини техникӣ ва корҳои лингвистии автоматикунонидашуда ҳоло ба дараҷаи бояду шояд ба роҳ монда нашудааст. Бинобар он ҳоло ҳам таҷрибаи маъмули лингвистӣ бо картатекаҳо гузаронида мешавад. Инро ҳам дар муайян намудани баъзе ҳодисаҳои фонетикӣ ва ҳам дар тарҷумаи мошинӣ мушоҳида мекунем.

Карточкаҳои зиёди аз рӯи мақсад ба система даровардашуда картатекаи лингвистиро ташкил медиҳанд ва онҳоро дастгоҳи маълумтарини лингвистӣ гуфтан мумкин аст. Материали забоние, ки аз луғатҳо ва ё маълумотномаҳои грамматикӣ навишта шудаанду ба хотири мошина дохил карда шудаанд, базаи таҷрибаи лингвистӣ номида мешавад.

Таҷрибаи *иҷтимоӣ* озмоиши илмӣ дар фаъолияти ҷамъиятӣ буда, барои саҳеҳ ва муайян намудани ин ё он *гипотеза* дар шороити муайян гузаронида мешавад. Намудҳои асосии ин таҷрибаҳои иқтисодӣ - асосан истеҳсолӣ, педагогӣ, иҷтимоӣ, психологӣ, ҳуқуқӣ ва сосиологӣ мешавад. Лингвистика дар таҷрибаи педагогӣ ва сосиологӣ иштирок карда метавонад. Баробари тараққиёти ҷамъият роли таҷрибаи лингвистикаи ичтимоӣ васеъ мешавад.

Ҳаминро бояд қайд кард, ки агар натиҷаҳои бо роҳи мушоҳида, таҷриба ва намунасозӣ ба даст даромада щарҳу эзоҳи интерпритасия худро наёбанд, дарки илми пурра шуморида намешавад ва инчунин аҳамияти фоиданокии ин ё он метод ва ё тарзу усул ҳам номаълум мемонад. Шарҳу эзоҳ гуфта бо қонуну қоидаҳои назарияи мавҷуда муқоиса кардани натиҷаҳои ба даст даровардашударо мегӯянд. Натиҷаҳо назарияи мавҷударо пурра карданашон мумкин аст, агар натиҷаҳо ва мундариҷаи онҳо ба қолаби назарияи мавҷуда нағунҷад, назарияи нав ба амал оварда мешавад. Албатта, ин гуна кашфиётҳо дар асоси материали фаровони нав ба вуҷуд омада метавонанд. Пас, интерпретасия баҳодиҳӣ ба *дониш* мебошад. Таснифи методҳои асосии лингвистӣ. Яке аз проблемаҳои методологияи лингвистӣ таснифи метод ва тарзу усулҳои (приём) лингвистӣ, кор карда баромадани методикаи таҳлилҳои лингвистӣ ва инчунин масъалаҳои татбиқи тарзу усулҳои лингвистӣ ва методҳои муштарак вазифа мебошад.

Азбаски вазифаи асосии забоншиносӣ омӯзиши забонҳои конкретист,

таснифи методҳои лингвистӣ ҳам вобаста ба объекти омӯзиш муайян карда мешавад.

Забоншиносӣ низ ба мисли илмҳои дитар маҷмӯи илмҳои лингвистиро дар бар мегирад, ки ҷиҳатҳои гуногуни система ва нормаи забон ва инчунин инкишофу вазифадории онҳоро тадқиқ мекунад.

Кӯшиши олимоне, ки барои тадқиқоти лингвистӣ методи ягона (универсалӣ) сохтанй буданд, ба мисли олимоне, ки методи философия, аниқтараш методи диалектикаи материалистиро методи махсуси лингвистӣ гуфта маҷмӯи аспектҳо ва методҳои илмӣ-тадқиқотиро меноманд, ки мумкин аст қонуну қоидаҳои умумӣ дошта бошад ва ё бо методикаи тадқиқот ва роҳҳои тасвир фарқ кунад.

Тарзу усул ва методҳои лингвистиро вобаста ба мактабҳо ва ё ҷиҳатҳои гуногуни забон тасниф кардан мумкин аст. Ҳамаи воҳидҳои забон бо як тарзу усул ва ё роҳ тадқиқ карда намешавад: Дар тадқиқи овозҳои забон аз аппаратҳои махсус ва ё аз приёмҳои оппозисиониву мавқеъгӣ истифода баранд, дар омӯзиши синтаксис аз приёмҳои гуногуни синтаксисӣ ба мисли мантиқӣ-грамматикӣ, таҷзияи актуалӣ, трансформаторӣ ва ғайра истифода мебаранд.

Ба методҳои асосии лингвистӣ методҳои тасвирӣ, муқоисавӣ ва нормативӣ-услубӣ дохил мешаванд. Ин методҳо вобаста ба ҷараёнҳои забоншиносӣ, вобаста ба қисматҳои забоншиносӣ бо тарзу роҳҳои гуногун, инчунин бо методикаю приёмҳои гуногун истифода мешаванд.

Ҳар яке аз ин методҳо функсияву вазифаҳои худро доранд ва тарзу тариқи истифода ва кор фармудани онҳо ҳам як хел нест.

Ин метод яке аз кӯҳнатарин ва баробари он ҳозиразамони лингвистӣ мебошад. Грамматикаҳои қадимаи хитоӣ, ҳиндӣ ва юнонӣ дар асоси ҳамин метод васеъ истифода мебаранд. Системаи усул ва ё тарзҳои тадқиқоте, ки ин ва ё он ҳодисаи ҳозираи забонро муайян мекунад, методи тасвирӣ меноманд. Ин метод дар омӯзиши забон роли бағоят калон мебозад.

Одатан объекти омӯзиш гуногун ва васеъ мешавад. Вобаста ба мавзӯи тадқиқ калима ва ё ҷумлаҳои ҷудогона аз матн ҷудо карда мешавад. Ин қадами якуми тадқиқот аст. Он калима ва ё ҷумлаҳо мувофиқи мавзӯъ тасниф карда мешаванд, зеро ҳам калима ва ҳам ҷумларо аз чандин ҷиҳат омӯхтан мумкин аст, ки ин қадами дуюми тадқиқот мебошад. Дараҷаи сеюми тадқиқ талаб мекунад, ки материали ҷудо карда шуда таҳлил карда шавад. Ду нав таҳлил шуданаш мумкин аст: категориявӣ ва дискретӣ. Дар таҳлили категориявӣ воҳидҳои чудошуда ба гурӯҳҳо муттаҳид карда мешавад. Онҳо бо як дорои як категория бошанд. Масалан, суффиксҳои - чӣ, -гар, - бон, -вар, -гор, -ор,

калимаҳои гуногун месозанд, вале ба як гурӯҳ дохил мешаванд, зеро ҳамаи онҳо исми шахс месозад ва бо ҳамин хусусияти худ ба як гурӯҳ дохил мешаванд. Дар таҳлили дискретӣ бошанд баракс воҳиди структурӣ ба гурӯҳ ва гурӯҳчаҳои майдатарин ҷудо карда мешавад. Масалан, ҷумлаҳои соддаи яктаркиба ба ҷумлаҳои яктаркибаи муайяншахс, умумишахс, номуайяншахс, бешахс ва унвонӣ ҷудо карда мешаванд ва ҳар як намуд чӣ гуна хусусиятҳои ҷудогона дорад ва чӣ гуна аломатҳои фарқнок дорад, нишон медиҳанд.

*Намудҳои асосии роҳҳои методи тасвирӣ.* Методика ва роҳҳои методи тасвири ниҳоят гуногун ва зиддиятнок буда, ифодашавии онҳо низ гуногун аст. Аз ин сабаб на фақат нишон додани роҳҳои гуногуни методи тасвирӣ, балки муқаррар кардани намудҳои он низ муҳим аст. Методҳои таҳлили лингвистӣ дар асосҳои гуногун тасниф карда мешавад: аз рӯи воситаҳои баён методи тасвирӣ ба шаклию ғайришаклӣ, математикию ғайриматематикӣ ва аз рӯи таносуби байни воҳиди забону воҳиди таҳлил структурию математикӣ мешавад. Дар вақти маънидоди натиҷаҳои ба даст даромада ин ду намуди тасниф ҳамдигарро мебуранд.

Умуман, ҳама роҳҳо ва методикаи методи тасвирро ба ду намуди асосӣ - шарҳи маънидоди дохилӣ ва берунӣ ҷудо кардан мумкин аст.

**Шарҳи маънидоди берунӣ**. Факти забон ҳамчун хосияти системаи забон ва ё хосияти ҳодиса ё предмете, ки бо ин факти забонӣ ифода шудааст, зоҳир шуда метавонад. Тадқиқи вазифаҳои воҳидҳои забон шарҳи маънидоди онҳоро ба вуҷуд меорад. Шарҳи иишондоди берунӣ низ воҳидҳои забонро меомӯзад. Шархи маънидоди берунӣ ба ду намуд ҷудо мешавад:

1. Маънидоди воҳидҳои забон аз рӯи муносибати онҳо ба ҳодисаҳои ғайризабонӣ, аз қабили роҳҳои сосиологӣ, маитиқӣ-психологӣ ва артикулясионӣ-акустикӣ.
2. Маънидоди воҳидҳои забон аз рӯи муносибаташон бо воҳидҳои дигари забон. Ин роҳқо барои қабати тадқиқшаванда берунӣ шуморида мешавад, вале онҳо аз ҳудуди структураи забон намебароянд. Ба ин пеш аз қама шарҳи маънидоди байнисатҳӣ (межуровный) ва методикаи дистрибутивӣ дохил мешаванд, ки хусусиятҳои воҳиди омӯхташавандаро бо ёрии воситаҳои дигар кушода медиҳанд.

*Роҳҳои сосиологӣ.* Роҳҳои сосиологӣ дар ҳолати аз ҷиҳати нормативӣ-услубӣ ва таърихӣ омӯхтани забон хеле қулай бошад ҳам, дар тадқиқи тасвири забон ва махсусан омӯзиши таркиби луғавӣ истифода мебаранд. Роҳи маъмултарин дар омӯзиши сосиологии калима ин усули «калима ва ашё», усули гурӯҳи тематикӣ, географияи линвистӣ ва роҳи нормативӣ-услубӣ мебошад.

Роҳи омӯзиши «калима ва ашё» дар омӯзиш ва тасвири лексикаи забон,

тадқиқиотҳои энсиклопедӣ ва ё луғатҳои тафсирӣ ба кор бурда мешавад, Ҳоло луғатҳои эксиклопедӣ бо ҳамин услуб дода мешаванд. Хусусияти ин навъи тадқиқ он аст, ки маънои калима вобаста ба ашё ва мафҳум, ки калима онро ифода кардааст, омӯхта мешавад.

Хусусияти омӯзиши тарзи гурӯҳи тематикӣ он аст, ки дар асоси ин ё он нисбияти предметӣ-тематикӣ гурӯҳи капимаҳо интихоб карда шуда, махсус омӯхта мещаванд. Бо ин роҳ аксар лексикаи истиқоматӣ ва сохтмони маҳалҳои аҳолинишин, ҳавзу дарёҳо омӯхта мешаванд. Вақтҳои охир лексикаи терминологӣ низ ба ҳамин роҳ омӯхта мешавад, Омӯзиши тарзи географияи лингвистӣ дар соҳаи таркиби луғавӣ аз он иборат аст, ки калимаҳо аз рӯи ҳудуди паҳншавиашон ва ё равшан намудани ҳудудҳои диалективу забонӣ тадқиқ карда мешаванд. Аз рӯи натиҷаҳои он харитаҳои лексикӣ тартиб дода мешаванд. Натиҷаҳои ба даст даровардашуда аз ҷиҳати таърихӣ ва иқтисодӣ-сиёсӣ шарҳу эзоҳ дода мешаванд.

Роҳи нормативӣ-услубӣ дар тартиб додани луғатҳои тасвирӣ ва характеристикаи услубии калимаҳои ин ё он асар ва ё «нависанда ба кор бурда мешавад. Услубҳои нисбатан маъмули мушоҳидашаванда, ки ба характеристикаи иҷтимоӣ ишора мекунад, инҳо аст: китобатӣ, гуфтугӯӣ, халқӣ, маҳаллӣ, жаргон, соҳагӣ, таърихӣ ё ки кӯҳнашуда ва бегона (хориҷии умуминашуда).

Дар байни усулҳои мантиқии таҳлили лингвистӣ роҳҳои инвариантӣ-метаязикӣ (забоне, ки дар бораи мундарича ва ифодаи забони дигар маълумот медиҳад) ва вариантӣ забониро фарқ мекунанд, ки дар таърихи забоншиносӣ онҳоро чун роҳҳои мантиқӣ ва психологии таҳлили забонӣ ба ҳисоб гирифтаанд.

Роҳҳои мантиқии инвариантӣ-метаязикии таҳлили забон бо роҳи дедуктивии дарккунӣ асос карда шудааст, аз ин рӯ, воҳидҳои конкретии забон чун амалӣ гардидани қолабҳои абстрактии забон дониста мешавад. Дар ин, навъи омӯзиш маъниҳои забонӣ чун ҳодисаи мантиқӣ-мафҳумӣ фаҳмида мешавад, бинобар он предмети тадқиқ на воҳиди худи забон, балки аломатҳои худи он дониста мешавад. Дар вақти бо ин роҳ омӯхтан аксар воҳидҳои конкретии забонро бо структураи мантиқӣ-тематикии матн як мешуморанд. Ин тарзи омӯзиши таҳлшш лингвистӣ аз тарафи мантиқшиносони франсуз, аз ҷумла Пор-Роял ба шакл дароварда шуда буд.

Дар усули мантиқии вариатӣ-забонии таҳлил гуногунии воҳидҳои забонӣ ва худи забонҳо ба эътибор гирифта мешавад, бинобар он хосияти умумимантиқии онҳо хеле гуногун ва зиддиятнок намоён мегардад. Аз ин ҷиҳат предмети омӯзиш воҳиди конкретии забон ва вазифаҳои онҳо ва инчунин алоқаи онҳо на танҳо бо шаклҳои мантиқ, балки бо маънӣ ва

қатегорияҳои дигар мебошад. Ин тарзи таҳлил бештар ба типҳои гуногуни маънои забонӣ, категорияи он ва алоқаи он бо матн истифода карда мешавад. Масалан, дар омӯзиши маъноии структураи ҷумла тарзи мантиқӣ-морфологӣ ва актуалӣ-синтагматикии таҳлили ҷумла васеъ истифода мешавад.

Усули мантиқӣ-морфологии таҳлили ҷумла онро ба асос мегирад, ки хелҳои ҷумла бо шаклҳои мантиқии фикр мувофиқат мекунанд. Шакли мантиқии фикр асоси субъективию предикативии ҷумларо нишон медиҳад, ки он бо сараъзоҳои ҷумла - мубтадову хабар аксар мувофиқат мекунад ва бо ёрии аъзоҳои пайрав - ҳол, пуркунанда ва муайянкунанда пурра мегардад. Беҳуда нест, ки онҳоро - аъзоҳои ҷумларо категорияҳои мантиқӣ-грамматикӣ меноманд ва дар аксари забонҳои дунё мушоҳида мешаванд. Ҳаминро ҳам бояд қайд кард, ки байии тарафҳои мантиқӣ-грамматикӣ ва морфологӣ-синтаксисии ҷумла, байни мундариҷа ва шакли онҳо мутобиқати пурра мушоҳида намешавад. Аз ин ҷиҳат ҳам субъекту мубтадо ва предикату хабар на ҳамеша бо ҳам мувофиқат мекунанд. Масадан, дар ҷумлаи «Қарор аз тарафи котиб навишта шуд» мубтадову субъект тамоман аз ҳамдигар фарқ мекунанд, зеро «қарор» мубтадо бошад, «аз тарафи котиб», ки ба вазифаи пуркунандаи бавосита омадааст, субъекти мантикӣ мебошад. Вале дар ҷумлаи «Талабагон мехонанд» ин гуна мувофиқат байни мубтадову субъект дида мешавад.

Ҳоло дар забоншиносии дунё ва аз ҷумла мамлакати мо ҷумларо на танҳо аз ҷиҳати грамматикӣ, батки аз ҷиҳати мақсаднокӣ низ таҳлил мекунанд. Аз рӯи ин таҳлил аксари ҷумлаҳоро ба ду қисмат - тема ва рема ҷудо мекунанд. Дар қисмати тема он калимаҳо ҷон мегиранд, ки аз ҷиҳати ифодаи маъно ба хонандаву шунаванда маълуманд ва танҳо барои ифодаи маънои нав, ки дар қисмати рёма ифода мегардад, ёрӣ мерасонанд. Мақсади гӯянда дар қисмати рёма ифода мегардад ва он аксар дар охири ҷумла ҷой мегирад. Ин таҳлилро дар забоншиносӣ таҷзияи актуалӣ мегӯянд, ки ба номи забоншиносӣ чех Матезиус сахт вобаста мебошад. Ин намуди таҳлили ҷумла ба усули мантиқӣ-психологӣ мувофиқат мекунад. Ду аспекти омӯзиши забон: аспекти антропофонӣ вобаста ба органҳои нутқ бо хусусиятҳои анатомӣ ва физиологӣ муносибат доштани забон - бо техникаву аппаратураи зиёди ҳозирзамон дар курси «Психолингвистика» васеъ истифода шудани он. Мушоҳидаи схемаи ахборот (речевое сообщение) дар вақти тадқиқи **спецификаи** микролигтвистика.

4. Аҳамиятш муҳим доштани системаи к о д дар омӯхташ забон.

5. Муносибати бевосита доштани соҳибони забон бо метолингвистика - протсесси байни интиқолдиҳанда - предачик ва қабулкунанда - приёмник.

Аз солҳои сиюм сар карда аксари илмхр бисес тез тараққи мекунанд. Илми забошиносӣ ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ инкишоф меёбад. Муносибати забоншиносӣ бо мактабу ҷараёнҳои гуногун инкишоф меёбад, предмет ва методҳои нави тадқиқоти пайдо мешаванд. Дар ин давра ба масъалаҳои этнолингвистика ва психолингвистика диққати махсус додан гирифтанд. Ғайр аз ин ҷараёни ментали нгвистика ҷараёне, ки ба омӯзиши алоқаи байни забону тафаккур ва семантикаи забон сару кор дорад, инкишоф меёбад, ҳудуди забоншшносии мантиқӣ грамматикӣ, мантиқӣ - математикӣ низ муайян карда мешавад.

Забоншиносии ҳозира илми тараққӣ карда буда, мактабу ҷараёнҳои гуногун, проблема ва методҳои гуногунро дар бар мегирад Масъалаву проблемаҳои гуногуне, ки ҷамъияти ҳозира дар назди ё забон мегузорад, танҳо дар якчоягии ҳамаи ин мактабу чар раёнҳо ҳал кардан мумкин аст.

Яке аз ҷараёнҳои ҳозира баҳснок дар илми забоншиносӣ структурализм мебошад.

Ҳоло бо мақсад ва мундариҷаи ин ҷараён шинос мешавем. Хусусияти забон факт ва материалҳои забонро азҷиҳати психологӣ Штейнтал, Вунт, физиолог Дарвин, Павлов, иҷтимои Марр ва эстепеки Кроче, Фосслез дида мебаромаданд ва онҳо забонро ба ҳодисаҳои психологӣ, табиат, иҷтимоӣ ва эстетикӣ дохил намудаанд. Структуралистҳо мегӯянд, ки лингвистика илми мустақил аст, чунки объекти ҷудогона дорад, ки он забон аст. Забон ҳодисаи ҷудогона буда, чун воситаи алоқа ва таъсирррасон аз рӯи қоидаи дохилии худ тараққӣ ва инкишоф меёбад. Аммо структуралистҳо дар ин ақида устувор наистодаанд, чунки Соссюр забоишиносиро пурра ба илми семиология ва ё семиотика дохил мекунад муносибати забоншиносӣ бо семиология ва ё семиотика будани онро раъд мекунад . Ё ки структурализм семиологияро қисми психологияи иҷтимоӣ ҷамъиятӣ мешуморад. Структуралпетҳо забонсо ба мантшх, ЕЭ махсусан математика надик менамуданд.

Чӣ хеле ки дида баромадем, семиотика илм дар бораи назарияи аломатҳо буда барои ифодаи фикру маъно хизмат кунанд ҳам кодҳо, аломатҳои шартӣ ё символӣ дар телеграф сигланҳои ҳавоӣ - баҳрӣ. Аломатҳои географии харитаҳо, аломатҳои техникаи дастии кару гунгҳо гӯёзабон барои он объекти асосӣ аст, вале забон он функсияе, ки дар лингвистика дорад, ин ҷо адо намекунад,

бинобар он объекти асоси шуда наметавонад, ман дар ҳамин ҷо хатои структуралистҳою

**Лингвистикаи д е с к р и п т и в ӣ**

Асоси лиигвистика дескриптиви забоншинос, этнограф ва антропологи америкои Фравц Боас 1956-1942 мебошад ва Блумфилд мебошад.

Блумфилд дар яке аз асарҳои аввалини худаш "Муқаддимаи омўшиши забон" ба "Психологияи халқҳо" - и В. Вундт такя намуда бошад, вале аз соли 1346 Блумфелд ба принсипҳои бихеворизм омўзиши одобу ахлоқи одамон такя менамояд ва ин ақида дар асари машҳури ў "З а б о н" 1333 тасвир ёфтааст.

Ў ба муқобили псяхологизм дар забоншиносӣ баромада, забонро тамоман аз шуур ҷудо мекунад ва онро ҳамчун системаи сигналҳои рафтору одоби одамонро муайянкунанда мефаҳмад.

Забоншиносон ва психологҳои америкои фаъолияти нутқро ҳамчун одоби шифоӣ - даҳонакӣ, ҳамчун таассуроти гўянда ба ин ё он шароит ситуатсия мефаҳманд.

Забон системаи снгналҳоест, ки алоқаи берунӣ ва дохилӣ дорад ва аз ин рў, забоншиноси ба м е т а л и н г в и с т и к а долингвистика ва м и к р о л и н г в и с т и к а , лингвистика ҷудо мешавад.

Металингвистика шохаи забоншиносест, ки ҷиҳати маъноии забонро дар алоқамандӣ бо тафаккур ва ҳаёти ҷамъиятии соҳибони он меомўзад, бинобар он вай чунин илмҳоро этнолнгвистика, психолингвистика, сотсиолингвистика, менталингвистика, фонетика ки хусусиятҳои акустикӣ ва артикулясионии овозҳоро меомўзад ва п а р а л и н г в и с т и к а ки имову ишора, интонатсия ва ғайраро момўзад муттаҳид менамояд.

Ҳозир дар забоншиносӣ схемае қабул карда шудааст, ки ба мураккабии аз рўи он курсҳо ба қисмҳои зерин ҷудо мекунанд: предлингвистика, микролингвистияка ва металлингвистика.

Предлингвистика - ҳодисаи физиологӣ - акустикии забонро меомўзад. Берун аз ин ҳодисаҳо забон вуҷуд дошта наметавонад, чунки ҷузъи ҷудонашавандаи одам - ҳамчун мавҷудоти биологӣ мебошад ва соиати асосии фикрбаёнкунии он аст.

Предлингвистика **ё** ки бевосита фонетика ду аспекти омўзишн забонро дар бар мегирад - аспекти а н т р о п о в о н ӣ вобаста ба органҳои нутқ - бо хусусиятҳои анатомӣ ва физиологӣ муносибат доштани забон , ки дар натиҷаи ҳаракати органҳои нутқ

хусусиятҳои акустикии он омӯхта мешавад. Аспекти дуюм метавонад бо техникаву аппаратураи зиёди ҳозиразамон омӯхта шавад. Ин ҳар ду аспект дар омӯхтани забон хеле заруранд, вале бо ин восита танҳо қадами аввали тадқиқот сар мешавад. Ин масъала, яъне антроповоника  физиологияи овозҳои нутқ ва акустика дар курси "Мадҳали забоншиносӣ" васеъ дида мешавад.

Спетсификаи микролингвистика дар вақти тадқиқи схемаи ахборот речевое сообщение мушоҳида мешавад. Элементҳои мавҷудаи структуралии забон овозҳо, калимаҳо, қисмҳои морфологии калимаҳо, ҷумлаҳо барои ба касе гузаронидани фикре хизмат мекунанд, инро дар забоншиносӣ информация меномем. Ин акти нутқ дар чунин схема ҷой мегирад:

Дар ин схема тамоми намудҳои коммуникатсияи ҷамъият, тамоми воситаҳои алоқа -телефон, телеграф, радио, автоматика  дар истеҳсолот ва машинҳои кибернетикӣ акс ёфтааст.

Схеаи гузаронидани информатсия — Схемаи қабули информатсия




Сиетемаи интиқол ва қабул - ҳарду дутогӣ элементро дороанд: системаи интиқол - интиқолдиҳанда - қабулкунанда: системаи қабулкунанда - интиқолдиҳанда. Ин ду тараф дар ҳар система барои он ҷудо карда мешавад, ки дар акти коммуникатсия ҳам ннтиқол, ҳам қабул вуҷуд дорад, яъне к о д ва ҳ а л л и  к о д аломати шартӣ ва мафҳуми он.

Дар вақти қайд шудани ҳар як элементи информатсия вобаста ба комбинатсияи сигналҳои додашаванда аломатҳои муайяни забон дар назар дошта мешавад. Масалан, барои мафҳуми ҷое, ки дар он инсон зиндагӣ мекунад, «хона», «дом», «най» ва ғайра вуҷуд меояд: комплекси овозҳои шунаванда ё ҳарфҳои дидашаванда дар майнаи одами қабулкунандаи нутқ морфемаҳо, калимаҳо, ҷумлаҳо ба вуҷуд оварда, информатсия ро ташкил мекунад.

Забонро дар чунин ҳолат ҳамчун системаи код интиқолу қабул тасаввур кардан мумкин мешуд, ки дар он ҳамаки элементҳо – фонема, морфема, калима ва воситаҳои гуногуни грамматикӣ, монанди сигнали аз рӯи қоидаҳои информатсия амалкунанда муайян кардан мумкин буд. Аз рӯи ин нуқтаи назар ба забони дигар тарҷума

кардан, дигаркунии перекодирование информтсия мешавад.

Ҳамчун системаи код омӯхтани забон аҳамияти муҳим дорад. Зеро микролингвистика дар тарҷумаи мошинии як забон ба забони дигар, барои ҷустуҷӯи автоматики ягон информатсия, барои омӯхтани забони хориҷа ба кор меравад.

Мантиқан дуруст фаҳмидани системаи кодҳо будани забон натиҷаи беҳтар ва таҷҳизонидани методҳои тасвири воҳидҳои забони мебошад. Микролингвистика бо математика муваффақиятҳои намоён ноил шуда истодааст. Вобаста ба тараққиёти кибернетика ва илмҳои ба он наздик переспектикаи микролингвистикӣ низ дар омӯхтани воҳидҳои алоҳидаи забони хеле намоён аст. Ба сабаби он ки забон аз қабили ҳодисаҳои ҳассоси ҷамъиятест, дар гуфтаҳои боло мубодилаи афкор то андозае аз рнамкаи микролингвистика берун мебарояд.

Ба тавре ки дарболо дидем, дар мубодилаи афкор ғайр аз передачику приёмник боз интиқолдиҳандаву қабулкунанда мавҷуданд, яъне соҳибони забон ба маҷрои нутқ муносибати бевосита доранд. Вақте ки мо ҳолати нутқ кардан ва қабул кардан дар майнаи гузаронанда ва қабулкунанда, байни передатчик ва приёмник ба вуҷуд меомадагӣ протссесро донистани мешавем, мо ба ҷараёни металингвистика дохил мешавем.

Инак, предлингвистика хусусияти физики забонро тасдиқ мекунад: микролингвистика (лингвистикаи структуралӣ) табиати кодии забонро меомӯзад. Металингвистика бошад, спетсификаи табии забон алоқаи забон ва тафаккур: факторҳои экстралингвистӣ ва сотсиалии он, функтсияҳои коммуникативӣ, эмотсионалӣ ва эстетикироомӯхта истода, ба он низ такя мекунад, ки забон илми забоншиносӣ чӣ тавр омӯхта мешавад[1].

Дар забоншиносии ҳозира соҳаҳои гуногун хеле зиёданд: психолингвистика монанди микролингвитстика – коднокӣ, лингвистикаи математикӣ – бо методҳои математикӣ омӯхтани забон, лингвистика тасвирӣ, истифода бурдани ливгвистика дар техника, медитсина логопедия, сурдология, этнолингвистика, ливгвистикаи географӣ ва ғайра.

Ба ҳамаи ин гуфтаҳо бояд лингвистикаи таърихиро низ илова намуд. Ҳоло вақте ки лингвистикаи структурали хеле тараққӣ карда истодааст, бояд гуфт, ки забон худ ҳодисаи таърихи буда, аз структураи таърихан суратёфта иборат аст ва ҷузъи зарурии

[1] Ахманова. О.С. Словар лингвистических терминов. –М. 1966.

ҷудонашавандаи лингвистика мебошад. Ин соҳаро диахрония ё лингвистикаи эволютсионӣ меноманд ва он аз с и н х р о н и я - лингвистикаи тасвири фарқи куллӣ дорад.

Аз ҷиҳати сатҳ тадқиқ намудани забонро ба асосгузори ҷараёни дескриптивӣ Блумфилд нисбат медиҳанд. Ӯ аз сатҳи оддӣ – аз омӯзиши фонология, яъне муайян намудани фонемаҳо ва роҳҳои васлшавии онҳо ба воситаи методҳои тадқиқоти фонетикӣ методи озмуни акустикӣ, методи спектографӣ... сар кардани тасвири забонро бамаврид ва муҳим мешуморад.

**Савол ва супоришот:**

1. Дар бораи методҳои психолингвистика маълумот диҳед?
2. Усулҳои дарккунии умумӣ аз дарккунии хусусӣ дар чист?
3. Дар бораи методи диалектӣ маълумот диҳед?
4. Методҳои умумиилмӣ кадомҳоянд?
5. Дар бораи марҳилаҳои ҷараёни дарккунии илмӣ маълумот диҳед?
6. Шарҳи маълумоти берунӣ чист?

## Мавзӯи 3: ХУСУСИЯТҲОИ УСЛУБИИ ЗАБОНИ АДАБӢ.

Забони миллӣ сарват, маданият ва ифодагари рӯҳи халқ мебошад. Забони тоҷикӣ аз зумраи забонҳои қадима буда, ба яке аз халқҳои қадими Осиёи Марказӣ – тоҷикон мансуб аст.

Забони адабӣ чун воситаи алоқа шакли ривоҷёфта ва олии забони миллӣ, нишонаи худшиносии халқ, муарриф ва миёнарави фарҳангу тамаддун мебошад. Ин аст, ки мо бояд забони модарии худро омӯзем ва барои тозагию пойдории он мубориза барем.

Дар иҷрои ин мақсад зарурати баланд бардоштани дараҷаи маданияти сухани соҳибзабонон ба миён меояд. Омӯхтани қоидаҳои савтӣ, сарфию наҳвӣ кам аст. Забонро ба дараҷаи баландтар омӯхтан ва аз асрори салосату балоғати он огоҳӣ ёфтан барои тозагӣ ва рушду камоли забони модарии худ мубориза бурдан имконият фароҳам меоварад. Ба ин маънӣ омӯхтани услубиёти забон ва маданияти нутқ шуморо ба олами балоғату фасоҳати забон раҳнамун

месозад.

Дар ҷараёни тараққиёти ҷомеа вобаста ба соҳаҳои гуногуни шуғли одамон услубҳои нутқ ба вуҷуд меоянд. Қисми асосии луғати умумихалқии забони миллӣ дар ҳамаи услубҳои забон баробар мустаъмал аст, вале қисми дигари ин вожаҳо бештар бо ягон соҳаи фаъолияти одамон мансубанд. Аз ҳамин ҷиҳат донистан ва мавридшиносона истифода бурдани онҳо аҳамияти калон дорад.

Бо тараққиёти ҳаёти ҷамъият забон ҳам тадриҷан инкишоф ёфта, ба услубҳои нутқ ҷудо мешавад. Забони адабии тоҷик дорои шохаҳои услубӣ буда, он аз услубҳои гуфтугӯӣ ва китобӣ иборат аст. Дар услубшиносӣ ин таснифотро ривоҷ дода, дар асоси ин ду услуби нутқ боз шохаҳои дигари услуби забонро муайян кардаанд, ки ҳар кадоми онҳо ҳам бо хусусиятҳои лексикӣ ва грамматикиашон аз якдигар фарқ мекунанд: услуби забони илмӣ, услуби забони расмии коргузорӣ, услуби забони адабиёти бадеӣ ва услуби забони рӯзноманигорӣ.

Услубшиносӣ тарзу воситаҳои таъсирбахш ва ифоданок баён кардани фикрро меомӯзад. Саҳеҳу равшан ва пуробуранг баён кардани мақсад, пеш аз ҳама, ба интихоби калима, шаклу воситаҳои грамматикӣ, ба мавқеи истифодаи онҳо вобастааст. Интихоби унсурҳои забон ба масъалаи ҳаммаъноии калимаю ибораҳо, синонимикаи қолабҳои синтаксисӣ алоқаманд аст. Аз ҳамин сабаб яке аз масъалаҳои муҳимтарини объекти омӯзиши услубшиносӣ синонимикаи воҳидҳои лексикию грамматикӣ ба шумор меравад. Бо мақсади пурра, равшан ва таъсирбахш ифода кардани фикр нависанда аз силсилаи калимаю ибораҳои ҳаммаъно калимаи матлубро интихоб намуда, мувофиқи талаботи фикр дар мавриди мувофиқ корбаст менамояд.

Услубшиносӣ системаи услубҳои забони тоҷикиро омӯхта, хусусиятҳои характерноки лексикӣ ва грамматикии онҳоро муайян мекунад, муносибати як услуби нутқро бо услуби дигар, роҳ ва омилҳои инкишофи ҳар кадоми онҳоро ҳарҷониба тадқиқ мекунад.

Масъалаҳои услуб дар забоншиносии форсу тоҷик аз солҳои чилуми асри XX оғоз ёфт. Донишманди фарзонаи Эрон Муҳаммад Тақии Баҳор соли 1941

китоберо бо номи «Сабкшиносӣ» (дар се ҷилд) офарид, ки дар илми забоншиносии форсу тоҷик воқеаи басе муҳим, шугуне дар омӯзиши забон ва сабки насри классики форсу тоҷик қарор гирифт. Дар муқаддимаи ин китоб муаллиф ба таърихи (В.В.Виноградов) услубшиносӣ дахл намуда, навиштааст: «Яке аз фунуни адабии форсӣ, ки мутаассифона ховаршиносон ва эрониён то дирӯз аз он бехабар буданд, дар қарни охир матлаби назари удабо қарор гирифт. Ин фан то ин авохир ба сурати улуми дарсӣ берун наёмада буд ва фақат зина ба зина ва гоҳе дар муқаддимаи баъзе тазкираҳо ва ё дар муҳокимаи адабӣ унвон мешуд, «Сабкшиносӣ» аст»[2].

Дар ин асари муҳим махсусиятҳои забони насри классикӣ дар давраҳои гуногун аз рӯи бисёр асарҳо донишмандона ба тадқиқ расида бошад ҳам, бисёр принсипҳои баррасии забони асарҳо тибқи талаби услубшиносии имрӯза мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Мувофиқи таъкиди Н.Маъсумӣ масъалаи омӯзиши услуб ва услубшиносӣ охири солҳои 1950 сар шуда, дар солҳои 1960-70 андак пеш рафта бошад ҳам, дар охирҳои асри XX хеле суст шудааст. Дар он солҳо, солҳои 1960-70 илова ба мақолаҳои ҷудогона дар яке аз бахшҳои муҳими услубӣ – услуби бадеӣ чанд тадқиқоти муҳим анҷом пазируфтааст.[3]

Бояд гуфт, ки тадқиқоти аввалин ва сермаҳсул дар ин соҳа ба қалами яке аз донишмандони забардасти тоҷик Носирҷон Маъсумӣ мансуб аст. Ӯ дар нимаи дуюми соли 1950 дар мавзӯи “Забон ва услуби «Марги судхӯр»-и С.Айнӣ” ба навиштани рисолаи номзадӣ шурӯъ кард. Пеш аз таҳлили бевоситаи асари мазкур устод, дар бораи забон ва услуби сарвари маорифпарварони тоҷик Аҳмади Дониш тадқиқоти алоҳидаеро сомон дод, ки бе ваҷҳ нест: Аҳмади Дониш дар саргаҳи демократӣ намудани забони адабии тоҷик меистод. С.Айнӣ кори саркардаи ӯро дар ин бобат бомуваффақият идома дод ва дар забони адабии тоҷик услуби нав ҷорӣ кард. Услубе, ки С.Айнӣ ваъз кард, аз ҷониби дигар қаламкашҳо писанд ёфт, онҳо дар ин мактаби адабӣ

---

[2] Муҳаммад Тақии Баҳор. Сабкшиносӣ. – Теҳрон, 1378.-саҳ.

[3] Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Сталинобод 1959; Ғаффоров Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил. – Душанбе: 1966; Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим. – Душанбе: 1967.

тарбия гирифта, дар роҳи содда ва оммафаҳм намудани забони адабии тоҷик ҳиссаи арзанда гузоштаанд. Нишон додани ин хизмати таърихии устод Айнӣ ва шогирдони ӯ бе муайян кардани мавқеи С.Айнӣ дар забони адабии тоҷик дар охири асри XIX душвор буд. Бинобар ин Н.Маъсумӣ аввал хусусияти забону услуби Аҳмади Дониш, дар навиштаҳои ӯ бо каме тағйирот давом ёфтани меъёри анъанавиро муқаррар кард, сипас таҳаввул ва таҷдидеро бо даҳои устод Айнӣ дар забони адабии тоҷик ба амал баровардааст.

Хулосаҳои муҳими илмӣ ба мазмуни асосии ин тадқиқот дар китоби Н.Маъсумӣ «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик» (соли 1959) фароҳам омадааст. Муаллиф дар заминаи тадқиқи хусусиятҳои луғавӣ, фразеологӣ, морфологӣ ва синтаксисии «Марги судхӯр» маҳорати С.Айниро дар бобати интихоби донишмандонаи воситаҳои забон, риояи ҷиҳатҳои эҳсосӣ ва муассирии суханҳои пуробуранг, ҳамчунин хусусиятҳои услубӣ-фардии С.Айниро муқаррар кардааст.

Асарҳои Н.Маъсумӣ оид ба услубшиносӣ аз рӯи усули тадқиқ ба талаботи ин шохаи илми забоншиносӣ комилан мувофиқанд. Вай ба таълифоти худ пояҳои илмию назарии услубшиносиро дар забоншиносии тоҷик устувор намуд, ба он асоси мустаҳкам гузошт[4].

Баъдтар рисолаи илмии Р.Ғаффоров «Забон ва услуби Раҳим Ҷалил» (1966), рисолаи Б.Камолиддинов «Забон ва услуби Ҳаким Карим» (1967), рисолаи Х.Ҳусейнов «Забон ва услуби повести «Одина»-и С.Айнӣ» ва Т.Чориев «Забон ва услуби асарҳои публисистии Садриддин Айнӣ» ба майдон омаданд, ки дар онҳо усули пешгирифтаи Н.Маъсумӣ дар тадқиқи забон ва услуби «Марги судхӯр»-и С.Айнӣ идома ёфтааст.

Соли 1973 ба сифати васоити таълим бо номи «Услубшиносӣ» (маҷмӯаи машқҳо) китоби Б.Камолиддинов ба табъ расид. Муаллиф дастовардҳои солҳои охирро дар боби вазифаи фанни услубшиносӣ ба назар гирифта, нишон медиҳад, ки услубшиносӣ чунин вазифаҳо дорад: сараввал, омӯхтани системаи

[4] Барои муфассалтар ошно шудан бо ин масъала ниг. Р.Ғаффоров. Сухансанҷ ва суханвар. – Душанбе:1999.- саҳ.1-39.

услубҳои забони модарӣ; дуввум, баррасии воситаҳои таъсирбахши сухан; саввум, тадқиқи интихоби воситаҳои забон, яъне муаммои муродифот.

Дар китоб тадқиқи забони адабиёти бадеӣ чун яке аз вазифаҳои махсуси услубшиносӣ маънидод шудааст, ки бесабаб нест. Услуби бадеӣ як бахши услубиёти забонамон бошад ҳам, бо мақоми хоссае, ки дар байни силсилаи услубиёти забон дорад, таваҷҷӯҳ ва баррасии алоҳида мехоҳад.

Маълумоти додаи муаллиф ҳарчанд бисёр оддӣ ва мухтасаранд, вале дар солҳои 1970, ки фанни услубшиносӣ дар Тоҷикистон нав арзи андом мекард, дорои аҳамияти хоссаеанд. Ин асар дар давоми солҳои зиёд дар таълими фанни услубшиносӣ дар мактаб ва донишкадаҳои олӣ дар шароити набудани китоби дарсии мукаммал як дараҷа вазифаи онро адо намуд.

Аз солҳои 1980 баъзе аз мавзӯъҳои услубшиносӣ дар барномаҳои мактабӣ дохил шуд, дертар дар синфҳои 10-11 таълифи услубшиносӣ чун фанни алоҳида ҷорӣ гардид. Вазорати маорифи ҷумҳурияти Тоҷикистон инро ба назар гирифта ба чанд нафар мутахассис супориш дод, ки мувофиқи ин барнома китоби дарсӣ таълиф намоянд. Олимон Р.Ғаффоров, Б.Камолиддинов, С.Ҳошимов дар давоми чанд сол бо ин амри муҳим машғул шуда, соли 1995 самараи кори худро ба нашр расонидаанд. Дар фасли аввали ин китоб, ки аз ҷониби проф.Р.Ғаффоров навишта шудааст, асосан дар бораи фанни услубшиносӣ, мавзӯъ ва вазифаҳои он маълумот дода шудааст. Муаллиф аввалин бор дар забоншиносии тоҷик доир ба вазифа ва муаммоҳои фанни услубшиносӣ ба таври васеъ маълумот дода, гуфтаҳои назариро бо мисолҳои ҷолиб пешниҳод карда, фикри худро дар қолаби зерин ҷамъбаст намудааст:

«Услубшиносӣ яке аз шӯъбаҳои илми забоншиносӣ буда, шохаҳои услубӣ, фарқи воҳидҳои ҳаммаъно ва воситаҳои муассири (таъсирбахши) забонро меомӯзад. Вобаста ба иҷрои вазифаҳои мазкур ин фан мавзӯъҳоеро фаро мегирад, ки дар се шоха мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор хоҳанд гирифт: а) шохаҳои услубии забон; б) воҳидҳои ҳаммаъноии забон; в)

воситаҳои муассирии забон»[5].

Ин таъриф моҳияти фанни услубшиносиро, ки дар заминаи тадқиқоти зиёде муқаррар гардидааст, дуруст инъикос менамояд.

Ҳамин тавр, услубшиносӣ фанни комилан феълӣ-функсионалист. Ин маънӣ дар таърихи ташаккули он мунакис ёфтааст. Услубшиносӣ пеш аз ҳама илми назарӣ ба ҳисоб меравад. Аммо он моҳияти амалии онро паст намекунад. Баръакс тараққиёти услубшиносӣ, махсусан фасли услубиёти феълӣ (функсионалӣ) дар соҳаи методикаи таълим ва дигар соҳаҳои амалӣ хеле самарабахш аст.

Забони адабии тоҷик мисли забонҳои дигар вобаста ба иҷрои вазифаҳои гуногуни ҷамъиятӣ ба шохаҳои услубӣ тақсим мешавад. Ҳар кадом шохаи услубӣ дар қатори воситаҳои муштарак, яъне умумӣ, воситаҳои махсусеро ҳам фаро мегирад, ки дар услубҳои дигар мушоҳида намешаванд ё истеъмоли онҳо бораи ин сабкҳо расм нест. Аз ин ҷиҳат, услубҳои забони адабии тоҷикро ба ду хели калон метавон ҷудо кард: ***услуби гуфтугӯӣ ва китобӣ.*** Услуби китобӣ дар навбати худ боз ба гурӯҳҳо ҷудо шуда бо махсусиятҳои хос аз ҳамдигар фарқ мекунанд: *услуби илмӣ, услуби рӯзноманигорӣ, услуби идорӣ ва услуби бадеӣ.* Барои ташкили ин услубҳои нутқ омилҳои ғайризабонӣ таъсири ҳалкунанда мебахшанд, ки оиди ин нукта дар маърӯзаҳои болоӣ гуфта гузаштем. Омилҳои нозабонии мазкур дар ташкили ҳар ду шохаи услуби забони адабӣ, чи услуби гуфтугӯӣ ва чи услуби китобӣ, хидмати муҳимеро адо мекунанд. Ҳоло ин услубҳоро зимни омилҳои номбурда ва воситаҳои забонии махсуси онҳо алоҳида аз назар мегузаронем.




[5] Ғаффоров Ғ., Ҳошимов С., Камолиддинов Б. «Услубшиносӣ» 10-11. – Душанбе: 1995.-саҳ.21.


Услуби илмӣ
Услуби рӯзнома нигорӣ
Услуби идорӣ
Услуби бадеӣ

## I. УСЛУБИ ИЛМӢ:

а) Ҷанбаҳои нозабонии(экстролингвистӣ) услуби илмӣ.

б) Шохаҳои услуби илмӣ:

- шохаи марбут ба илмҳои табиӣ;
- шохаи марбут ба илмҳои иҷтимоӣ;

в) Ҷанбаи забонии(лингвистӣ) услуби илмӣ.

***Калима ва ибораҳои такягоҳ:*** *таснифоти услубҳои феълӣ, хосияти услуби илмӣ, ифодаи дақиқ ва мантиқӣ, пайгирии мантиқӣ, тарзи ифодаи муҷаррад ва ҷамъбастӣ, истилоҳи илмӣ.*

Услуби илмӣ яке аз муҳимтарин шохаҳои услуби китобӣ ба шумор рафта, дар таълифи мақола, рисола, китобҳои дарсӣ ва ғайра оид ба илму техника истифода мешавад. Навиштаҳои мухталифи илмӣ, сарфи назар аз гуногунии вазифа, аз рӯи хусусиятҳои умумӣ шабеҳи ҳамдигаранд. Дар услуби илмӣ бо роҳи истифодаҳои фаровони далел ва рақамҳо қонуниятҳои гуногуни илмӣ кашф ва маънидод мешаванд. Ин ҷиҳат боиси он мегардад, ки воситаҳои забонӣ дар услуби илмӣ хусусияти муҷаррад ва умумиву ҷамъбастӣ касб намоянд. Масалан, агар гӯем, ки грамматика тағйири калимаҳо ва ба ҳам пайваст шудани онҳоро дар ҷумла меомӯзад, воҳидҳои луғавии грамматика, калима ва ҷумла на мавҳуми мушаххас (конкрет), балки мафҳуми умумӣ ва номушаххасро ифода менамоянд. Яъне дар ин маврид на дар хусуси ину он калима, ину он ҷумлаи муайян, балки дар бораи умуман калима, умуман ҷумла сухан меравад. Минҷумла:

*Забоншинос бояд нозукиҳои забонро дарк намояд.*

Дар ин ҷумла калимаи *забоншинос* на ба каси алоҳида, балки ба ҳамаи онҳое, ки бо илми забон машғулӣ доранд, нигаронида шудааст.

Аз хусусиятҳои ботинии мазкур аломатҳои зоҳирӣ, яъне забонии услуби илмӣ бармеояд, ки онҳоро ба ин тарз метавон номбар кард: пурра ва қатъӣ риоя шудани меъёрҳои ҷории забони адабӣ, муайянӣ, равшанӣ ва мӯъҷазии тарзи ифода, ба маънои аслӣ воқеъ гаштани калимаю ибораҳо, дар шакли монолог

сурат гирифтани сухан, тамомияти фикр, риояи алоқаи зичи қисматҳои он тавассути истифодаи фаровон навъҳои гуногуни ҷумлаҳои мураккаб, аломатҳои рамзӣ ва амсоли онҳо.

Услуби илмӣ ба ду шохаи калон – шохаи марбут ба илмҳои табиию дақиқ ва илмҳои иҷтимоӣ ҷудо мешавад. Хусусиятҳои умумии ҳар ду шохаро дар бобати воситаҳои забон мухтасаран ба тарзи зер метавон номбар кард:

1. Истифодаи фаровони истилоҳи илмӣ ва калимаҳое, ки мафҳуми муҷаррадро ифода менамоянд: ҳамсадо, садонок, реша, асос, бандак, калима, ибора, ҷумла, пуркунанда, ҳол ва ғайра дар забоншиносӣ; ғазал, қасида, қофия, радиф, вазн, матлаъ, мақтаъ ва ғайра дар адабиётшиносӣ; тарҳ, ҷамъ, баробар, сурат, махраҷ, тақсим, дараҷа, адад, каср дар соҳаи ҳисоб ва ҳоказо.

2. Дар бобати мусталаҳот (воҳидҳои фразеологӣ) низ услуби илмӣ хусусияти хосе дорад: дар он таъбирҳои фразеологии дорои обуранги бадеию эҳсосӣ (идиомаҳо, мақолу зарбулмасалҳо ва ғ.) аҳёнан истифода мешаванд. Баръакси ин истилоҳоти таркибӣ (амсоли қафаси сина, сандуқи дил, рӯдаи дувоздаҳангушта, ҳамроҳи сунъии замин, киштии фалакпаймо, куррати замин) ва базъеибораҳои устувор (аз қабили хулласи калом, бояд қайд кард ва мисоли инҳо) кор фармуда мешаванд.

3. Дар услуби илмӣ шумораҳо одатан на ба воситаи ҳарфҳо, балки бо адад ифода меёбанд.

4. Дар услуби илмӣ ҷонишини шахси якуми ҷамъи «мо» зиёда кор бурда мешавад. Вай дар як маврид ба маънои хоксорӣ ва фурӯтанӣ истеъмол ёбад (чунончи, дар ҷумлаи: Ба фикри мо, ин ақида чандон дуруст нест), дар ҳолати дигар (масалан, дар ҷумлаи маслиҳатомезӣ: *Барои мо қоғазеро гирифта, ба андозаи 80+60 ба ҳисса ҷудо мекунем*) барои ифодаи маънои умумӣ, маъное, ки ҳам ба шахси якум, ҳам дуюм ва ҳам сеюми танҳову ҷамъ мансубият дорад, истифода шудааст. Шакли замони ҳозира-ояндаи феъл дар услуби илмӣ гоҳо на ба маънои муқаррарии худ – ифодаи амали мушаххас, балки ба маънои амали бардавом, амале, ки хосияти доимӣ дорад, кор фармуда мешавад:

*Усули дурагакунӣ чунин аст: Бегоҳӣ, соатҳои 6-8, қаторҳои рустаниҳоро*

*аз назар гузаронида, наринаи (гардбарги) гулҳои муайянро бо даст ё пинцет дур месозанд. Баъд ин гулҳоро бо халтаҳои қоғази махсус печонида, то пагоҳии рӯзи дигар (соатҳои 9-10) нигоҳ медоранд. Ин гулҳо модарӣ номида мешаванд .(Аз маҷалла).*

5. Дар услуби илмӣ калима, таркиб, ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ фаровон истифода мешаванд, ки намунаи онҳо чунин аст: **хулоса, пас, ба ин тариқ, аз як тараф, аз тарафи дигар, аввалан, сония, назар ба гуфти, мувофиқи нишондоди, назар ба қавли, маълум мешавад ки, ба фикри ман, ба назари камина, бояд гуфт ки, қайд кардан лозим аст ки, масалан, албатта ва ғайра:**

*Назар ба қавли Бедил, баъд аз давраи ширхорагиаш падараш вафот карда, ӯ ятим мондааст (С.Айнӣ). Хуллас ки, дар забони тоҷикӣ шаклҳои табрик хеле гуногун аст. (М.Шукуров).*

6. Дар услуби илмӣ ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бисёр истифода мешаванд. Пайвандакҳои тобеъ, ки бо хелҳои гуногуни ҷумлаҳои пайрав воқеъ мегарданд, алоқаи байни сарҷумла ва ҳиссаи тобеи онро мустаҳкам нигоҳ дошта, барои ифодаи пайдарҳамии фикр бо ин ҷумлаҳо кӯмак мерасонанд.

7. Алоқаи байни қисмҳои матнҳои илмӣ ба туфайли воситаҳои синтаксисии *пас, хулоса, бинобар ин, ба ин тариқ, аз ин рӯ ба мисли инҳо* воқеъ мегардад. Чунончи, дар порчаи поён калимаи «пас» барои мустаҳкам зуҳур ёфтани алоқаи қисми аввали гуфтаи муаллиф бо қисми охири он, ки хулоса аст, ёрии калон расондааст: *Масалан, манзилободсозӣ (аз феъли «сохтан»), манзилободгардонӣ (аз феъли «обод гардонидан»), инчунин дилхаробсозӣ ё дилхаробгардонӣ гуфтан ниҳояти бетабъӣ мебуд. Онҳо ба асоси феъл ҳеҷ эҳтиёҷ надоранд ва асоси феъл ҳам маънои онҳоро хароб мекунад, ҳам ҳуснашро аз байн мебарад. Калимаҳои хонавайронӣ, хонахаробӣ, хонадомодӣ, аспсаворӣ, гумномӣ ва ғайра низ аз ҳамин ҷумлаанд. Онҳо бо манзилободӣ ва дилхаробӣ ҳамсохт мебошанд. Пас, ба онҳо ҳам асоси ягон феълро, аз ҷумлаи «кунӣ» ва «шавӣ»-ро илова кардан мумкин нест (М.Шукуров).*

8. Дар услуби илмӣ калимаҳои ғайриадабӣ ва омиёна истифода

намешаванд.

9. Услуби илмӣ, чунон ки ишора шуд, на ба ҳиссиёт, балки ба ақлу фаҳм таъсир мекунад. Барои ҳамин аз унсурҳои образнок ва муассири сухан фориғ аст. Бо вуҷуди ин гоҳо баъзе аз хелҳои воситаҳои тасвири бадеӣ ва эҳсосӣ дар ин услуби нутқ низ истифода мегарданд. Дар ин ҳол онҳо ба воситаҳои мантиқӣ кӯмак мерасонанд ва сухан на фақат ба ақл, балки ба ҳиссиёт низ таъсир мекунад. Чунончи, истифодаи ҷумлаҳои саволӣ ва китобии риторикӣ дар баҳсҳои тезу тунд, кор фармудани хелҳои гуногуни ташбеҳ дар рад ё тасдиқи баъзе аз ҳодисаҳои мавриди тасвир аз ҷумлаи онҳост.

Услуби публисистӣ (рӯзноманигорӣ) дар навиштаҳои иҷтимоию сиёсӣ, дар матбуот (рӯзнома ва маҷаллаҳо), гуфтори шифоҳии арбобони сиёсию давлат ва илму адаб дар назди омма истифода мешавад. Воситаҳои забонӣ дар ин услуби нутқ ду вазифаи муҳимро, ки бо ҳам алоқаи мустаҳкам дорад, адо мекунанд. Аз як тараф, онҳо ба вазифаи иттилоъ (хабаррасонӣ) воқеъ гашта, мардумро аз рӯйдодҳои зиндагӣ огоҳ созанд, аз тарафи дигар, вазифаи ташвиқотро ба ӯҳда гирифта, бо роҳи ташвиқу тарғиб оммаро барои иҷрои ҳарчи зудтари қарору дастурҳои ҳукумат, ҳизбҳои сиёсӣ ва ғайра раҳнамун месозанд. Аз ин ҷиҳат, рӯзноманигорӣ ҳамеша ҳамқадами ҳаёт буда, ҷараёнҳои сиёсӣ ва рӯйдодҳои иҷтимоии замонро, ки ҳар рӯзу ҳар соат ба амал меоянд, зуд ва фавран акс менамояд.

Амалиёти васеъ, фаровонӣ ва мураккабии вазифаҳои услуби рӯзноманигорӣ хусусияти забони онро муқаррар менамояд. Вай бояд ба забони содда, ҳамафаҳм ва таъсирбахш воқеъ гардад. Ин талаб бештар аз ҳама ба рӯзнома, ки аз муҳимтарин шохаҳои услуби рӯзноманигорӣ аст, дахл дорад. Рӯзнома, ба оммаи васеъ, ки дорои савияи илму дониши гуногунанд нигаронида мешавад. Гурӯҳе онро ҳангоми сафар дар нақлиёт (дар автобус, троллейбус, самолёт ва ғ.) иддае ҳини танаффуси кор, зумрае фориғи меҳнати рӯзнома, пас аз хӯроки шом ё пеш аз хоб қироат мекунанд. Ин ҳама талаб мекунад, ки забони рӯзномаҳо содда ва оммафаҳм бошад, то хонандагон бе ҳеҷ

душворӣ бо шавқи зиёд мутолиа намоянд, аз он файзёб ва баҳрабардор гарданд.

Хусусияти тарғиботии услуби рӯзноманигорӣ, аз ҷумла рӯзнома, тақозо дорад, ки дар он воситаҳои муассири сухан – маҷоз, тавсиф, ташбеҳ, ташхис ва ғайра фаровон истифода шаванд. Ин аст, ки дар ин услуби нутқ воситаҳои ақлӣ (интеллектуалӣ) ва бадеӣ (эҳсосӣ) якҷоя воқеъ мегарданд. Рӯзноманигори хуб далелҳои шайъ, мантиқи қавӣ, забони содда, аммо муассир ва пуробурангро ба ҳам созгор намуда, ба ақлу ҳиссиёти хонанда таъсир мерасонад, ӯро ба ваҷд меорад, муҳаббати вайро ба ҳодисаҳои шоиста ва марғуб меафзояд, дар дили ӯ нисбат ба ҳар як ҳодисаи номатлуб, ки дар пешрафти зиндагӣ ва покии ахлоқ халал мерасонад, оташи адоват шӯълавар месозад.

Маводе, ки дар рӯзнома ба табъ мерасад, ба шоха ё жанрҳои гуногун метавонад дахл дошта бошад. Чунончи: сармақола, тақриз, мақолаҳои соф назарӣ, мақолаҳои илмию оммавӣ, сӯҳбат, очерк, ҳикоя, фелетон, памфлет ва ғайра. Табиист, ки матни ҳар кадоми ин риштаҳо аз бобати забон баробари умумият, тафовутҳои ҷудогона низ дорад.

Муҳимтарин аломатҳои забони рӯзномаро ба тариқи зер метавон номбар кард:

1. Сарфаи воситаҳои забон ва ғунҷоиш додани мазмуни васеъ дар суханҳои мухтасар;

2. Истифодаи калима ва таъбирҳое, ки барои омма фаҳмо ва дастрасанд;

3. Корбурди силсилаи калима ва ибораҳои тайёру қолабӣ, ки барои ҳамин услуби нутқ хосанд (амсоли исмҳои хоси марбут ба маҳал, сарлавҳаҳои «Қонун ва иҷро», «Гулчини ахбор», «Ҷаҳоннамо», «Панди ниёгон», «Варзиш», ки дар саҳифаҳои якум ва чаҳоруми рӯзномаҳо бештар такрор меёбанд).

4. Фаровонии калима ва ибораҳои фразеологии сиёсию иҷтимоии мамлакатҳои мутараққӣ, шартномаи тиҷорат, хурӯҷҳои экстремизми динӣ, саҳми босазо, сарфи назар, сафари расмӣ, сафари ғайрирасмӣ, интихоби раиси ҷумҳурӣ, таҷовузи ҳарбӣ, сиёсати ҳамзистӣ, сиёсати андозӣ, гуфтушуниди

байни давлатҳо, маҷлиси миллӣ, раиси парлумон, конфронси ҳизб, интихобот, вакил, ҳафтаи меҳнат, хабари тоза, ташаббуси бузург, хазинаи давлат ва ғайра.

5. Фоида бурдан аз сермаъноии калимаҳо, имконоти калимасозӣ, корбурди калимаҳои нав ва муассир. Масалан, яке аз калимаҳое, ки ба шарафи ҷашни 575-солагии зодрӯзи классики адабиёти форсу тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ дар рӯзномаи «Омӯзгор» чоп шудааст, «Нуре аз қаъри асрҳо» ном дорад. Калимаи «нур» (равшанӣ, зиё) ва «қаър» (умқ, жарф) ин ҷо ба маънои равшанӣ нуктаеро талқин менамояд, ки афкори илмӣ, фалсафӣ ва бадеии Ҷомӣ роҳи пешрафти мардуми гуногунмиллатро ҷониби камолоти башарӣ фурӯғ бахшидааст, «қаър» ишора ба он мебошад, ки навиштаҳои нодир ва пурмаънои Хотамушшуаро ба замонҳои хело пеш тааллуқ дошта, таи асрҳо сарчашмаи ғизои маънавии аҳли башар қарор гирифтааст.

6. Омезиши аломати услубҳои дигар (илмӣ, идорӣ, бадеӣ ва гуфтугӯӣ) бо аломатҳои услуби рӯзноманигорӣ зери талаби мавзӯъ корбурд мегардад, масалан дар очерк, мусоҳиба (интервю) равшан ба назар мерасад.

7. Истифодаи фаровони санъатҳои бадеӣ: ташбеҳ, тавсиф, муболиға, киноя, ҷумлаҳои саволию хитобии риторикӣ, такрор, инверсия ва монанди инҳо.

8. *Дар услуби баёни рӯзноманигорӣ як миқдор таркибу ибораҳои феълӣ, аз қабили* ташриф овардан, созмон додан, ифтитоҳ ёфтан, интиқол ёфтан, талош варзидан, изҳори нигаронӣ кардан, ба тасвиб расонидан, таҷдиди назар кардан, ба имзо расидан, ба вуқӯъ пайвастан, талафоти ҷонӣ додан, арзи вуҷуд намудан, мавриди... қарор додан, ба ҳукми... даромадан, шароити... фароҳам овардан, дастраси... қарор додан, ба чизе таҳким бахшидан, ба чизе мувоҷеҳ шудан, .. .ро арзёбӣ кардан, .. .ро созмон додан *ва ғайра чун таркибҳои рехта бисёр кор фармуда мешаванд. Як қисми чунин таркибу ибораҳо феълҳои маъруфи ҳаммаъно доранд:* кӯшиш ба харҷ додан кӯшиш кардан, раҳбариро ба амал баровардан раҳбарӣ кардан, иҷрои (нақшаро) таъмин намудан (нақшаро) иҷро кардан.

Чунин таркибҳои рехта, аз як тараф, кори рӯзноманигорро осон мекунанд,

зеро бунёди ҷумла (таркиби хабар) тайёр аст, фақат далелҳоро ҷо ба ҷо гузоштан кофист, вале, аз тарафи дигар, ифодаи фикр қолабӣ ва як дараҷа сунъӣ мебарояд. Бинобар ин ҳамеша як қолабро корбаст накарда, аз роҳҳои гуногуни баёни матлаб фоида бурдан беҳтар аст: *пиёда кардани мақсад амалӣ кардани мақсад, ҷони худро аз даст дод ҳалок шуд ё ба ҳалокат расид* ва ғайра.

Аломатҳои мазкур дар услуби рӯзноманигорӣ вобаста ба талаби мавзӯъ ба тарзи гуногун падид меояд. Масалан, воқеанома, мусоҳиба, репортаж ва қайдҳои сафар, ки дорои хосияти ахборианд, аз бобати тарзи ифода ба услуби идорӣ қаробат пайдо мекунанд. Дар воқеанома, ки одатан хабаре, ҳодисаеро оид ба ягон воқеаи аҷиб баён мекунад, равише пеш гирифта мешавад, ки аз баёни мухтасари воқеа иборат буда, услуби фардии муаллиф дар он акс намеёбад.

Услуби идорӣ дар се соҳа истифода мешавад: а) қонунгузорӣ; б) коргузории идорӣ; в) муносибати дипломатӣ. Ин ҷиҳат боиси пайдо шудани шаклҳои алоҳида дар дохили услуби мазкур шудааст, ки услуби қонун, оиннома, раҳнамо, шартнома, фармон, ваколатнома, акт, ариза ва ғайра аз ҷумлаи онҳост. Фарқҳое, ки миёни шохаҳои услуби идорӣ мавҷуданд, назар ба он тафовутҳое, ки байни бахшҳои услуби илмӣ ҳастанд, зиёдтар ва намоёнтар ба чашм мерасанд.

Услуби идорӣ низ монанди шохаҳои дигари услубӣ дорои хусусияти махсуси забонии худ аст, ки муҳимтарини онҳоро ба тариқи зер метавон нишон дод:

1.Тарзи ифодаи соддаву мӯъҷаз, то ҳадде сарфа намудани воситаҳои забонӣ;

2. Истифодаи воситаҳои сершумори якшакл ва ҳамрангу қолабӣ. Агар корбурди чунин унсурҳои забонӣ дар мавридҳои дигар норасоии услубӣ бошад, дар услуби коргузорӣ ҷоиз ва раво дониста мешавад. Масалан, дар ин порча, ки аз Қонуни забони ҷумҳурии Ӯзбекистон иқтибос шудааст, зарурати риояи ягонагии ин тарзи ифода онро тақозо дорад:

*Моддаи 8.* Ҳуҷҷатҳои Палатаи қонунофарии Маҷлиси Олии Ҷумҳурияти

Ӯзбекистон ба забони ӯзбекӣ қабул гардида, ба забонҳои тоҷикиву русӣ ва ӯзбекӣ нашр мегардад.

Ҳуҷҷатҳои органҳои олии идораи давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, ҳуҷҷатҳои ташкилотҳои республикавӣ ба забони давлатӣ қабул гардида, ба забонҳои ӯзбекиву тоҷикиву русӣ чоп мешаванд.

Ҳуҷҷатҳои органҳои ҳокимияти маҳаллӣ ва идораи давлатӣ, ҳуҷҷатҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба забони давлатӣ қабул гардида, ба забонҳои дигар чоп мешаванд.

Ҳуҷҷатҳои органҳои ҳокимияти маҳаллӣ ва идораи давлатӣ, ҳуҷҷатҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар маҳалҳое, ки аксарияти аҳолиашон миллатҳои дигаранд, баробари забони давлатӣ ба забони ҳамин миллат қабул ва чоп мешаванд.

3. Бисёр навъҳои ҳуҷҷатҳои идорӣ қолабҳои якрангу умумӣ доранд, ки фикр дар доираи талаби онҳо ифода меёбад. Тарҳрезии шиноснома, шаҳодатнома, гувоҳнома, дипломҳои гуногун, лифофа ва ғайра аз рӯи ҳамин талаби услуби идорӣ тайёр шудаанд ва тайёр хоҳанд шуд.

4. Ҳар се шохаи услуби расмии коргузорӣ дорои истилоҳоти хоси худ буда, дар навиштаҳои марбути онҳо сахт риоя мешаванд.

5. Азбаски қарору қонунҳо барои умум мураттаб мегарданд, матнҳои шомили инҳо хусусияти номуайян доранд. Ин маънӣ одатан дар шакли ҷумлаҳои мураккаб сурат мегирад, ки хабари онҳо бо таркибҳои *супурда шавад, тадқиқ карда шавад, ба маълумот гирифта шавад, талаб карда шавад, ҷалб карда шавад, интихоб карда шавад, таъмин карда шавад, дониста шавад, ҷудо карда шавад, ба даст оварда шавад, талаб намояд, ба кор барад* ва мисли инҳо ифода мегарданд.

6. Ифодаи равшани маънӣ, ҳифзи алоқаи байни ҷумлаҳои мураккаб, сершумории масъалаҳои мавриди муҳокима ва ғайра дар услуби идорӣ талаб мекунанд, ки дар он пешояндҳои номӣ (мисли, дар бораи, дар хусуси, дар боби, оид ба, роҷеъ ба, ҷиҳати, ба сабаби, ба мақсади ва ғайра), пайвандакҳои таркибӣ (аз сабаби он ки, бинобар ин ки, бинобар он ки) таркибҳои гуногуни

устувори синтаксисӣ (аз қабили, бинобар ин, ба ин сабаб, ба ин тариқа), аъзоҳои чида ва мисли инҳо фаровон истифода шаванд.

7. Дар услуби идорӣ низ калимаҳо ҳамеша дар тартиби муқаррар ва маъмул истифода мешаванд.

8. Дар аксари риштаҳои услуби коргузорӣ майл барои истифодаи ҷумлаҳои мураккаб зиёд аст: нигаҳдошти пайванди фактҳои мавриди ифода ҳаминро металабад.

9. Дар порчаҳои сиёсию дипломатии гоҳе истифодаи воситаҳои алоҳидаи эҳсосӣ истисно шавад, дар мавридҳои дигар корбурди чунин унсурҳои сухан дар услуби идорӣ раво нест.

Мавзӯи гуногун ва бахшҳои мухталифе, ки услуби идорӣ фаро мегирад, барои тақсими он ба ду шохаи калон – услуби расмӣ ва услубӣ ҳуҷҷатҳои идорӣ сабаб мешаванд. Услуби ҳуҷҷатҳои расмӣ забони ҳуҷҷатҳои давлатиро, ки ба фаолияти органҳои давлат алоқамандаанд, ҳамчунон забони асноди дипломатиро, ки марбут ба муносибатҳои дипломатианд, дар бар мегиранд.

Услуби ҳуҷҷатҳои идорӣ чӣ тавре ки ишора намудем, мукотибаи байни идораҳо, асноди ҳаррӯзаи корӣ (гувоҳнома, варақаи раҳнамо, даъватнома, ариза, қарор) ва мисли инҳоро фаро мегирад. Ҳамаи онҳо хусусияти якранг ва қолабӣ дошта, мухтасар иншо мешаванд.

Услуби бадеӣ хоси адабиёти бадеист. Воситаҳои забон дар он ҳама якҷоя барои эҷод ва офаридани образи бадеӣ хизмат мекунанд. Ду ҷиҳати муҳими забон – ҷиҳати иртиботӣ (коммуникативӣ) ва эстетикӣ дар услуби бадеӣ ҳарчанд дар ҳамбастагии зич амал мекунанд, вале ҷанбаи эстетикӣ доимо ҷанбаи асосӣ буда, ба ҷиҳати иртиботӣ имтиёз дорад. Тасвир ва баёни мавзӯҳои басе гуногун дар адабиёти бадеӣ боиси он мешаванд, ки дар ин услуби забон унсури услубҳои дигар фаровон ба кор равад. Аммо дар ин маврид онҳо – унсури услубҳои дигар вазифаи тозаи услубӣ касб менамоянд ва дар маҷмӯъ воситаҳои дигари забонӣ системанокии наверо созмон медиҳанд.

Баъзе аз олимон муқобили онанд, ки услуби бадеӣ шохаи алоҳидаи

услубиёти забони адабӣ маҳсуб шавад. Онҳо барои тасдиқи ин иддао чунин даъво меоранд, ки услуби бадеӣ бо услуби алоҳида маҳдуд намешавад, балки унсурҳои дигарро низ фаро мегирад. Мувофиқи пиндори ин олимон, услуби бадеӣ мисли шаклҳои услубии дигар дорои воситаҳои забони хосса ва мушаххас нест. Олимоне низ ҳастанд, ки ин ақидаро бо зикри чунин далелҳо рад мекунанд: хосияти фарққунандаи услуби бадеӣ ин аст, ки дар он воситаҳои образноки сухан корбаст мешаванд. Тарафдорони ин ақида талқин мекунанд, ки ҳатто воситаҳои мӯътадил ҳам, ки ҳиссаи асосии ҳар як асари бадеиро ташкил менамояд, бинобар мутобиқат ба созгорӣ бо мундариҷаи асар ба иҷрои мароми эстетикӣ нигаронида хоҳанд шуд. Пас, услуби бадеӣ бо услубҳои дигари нутқ баробарҳуқуқ буда, соҳаи истифодаи худро дорост. Ин соҳаи адабиёти бадеӣ мебошад, ки аз воситаҳои эҳсосӣ ва муассири сухан саршор аст. Яъне дар услуби бадеӣ ҳама гуна унсурҳои луғавӣ: калимаҳои умумиистеъмолӣ ва обуранги услубию ҳиссӣ дошта, таъбиру вожаҳои малеҳ (орифона) ва қабеҳ (омиёна), унсурҳои луғавии адабию ғайриадабӣ (лаҳҷагӣ, кӯҳнашуда, бегона), воҳидҳои фразеологӣ, ифодаҳои маҷозӣ, ташбеҳоти мардумӣ, суханони кинояву муболиғаомез, таъбирҳои пандомӯз ва ғайра ба кор бурда мешаванд.

**Саволҳо барои мустаҳкамкунӣ:**

1. Фанни услубшиносӣ чиро меомӯзад?
2. Услубшиносӣ кай ва бо чӣ асос пайдо шудааст?
3. Аввалин китобҳои дарсӣ дар ин соҳа дар Аврупо ба қалами кӣ тааллуқ дорад?
4. Вазифаҳои фанни услубшиносӣ аз чӣ иборат аст?
5. Услуби илмӣ чӣ гуна услуб аст?
6. Услуби бадеӣ чӣ гуна услуб аст?
7. Кадом сухан сухани бадеъ, шоирона ба шумор меравад?
8. Фарқи услуби бадеӣ аз услуби илмӣ дар чӣ зоҳир мегардад?
9. Нуктаҳои асоси услуби бадеиро баён кунед?

## Мавзӯи 4. ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКӢ ВА РАВИЯҲОИ НАВИ ТАДҚИҚИ ИЛМИ ЗАБОНШИНОСӢ.

Фанне, ки дар бораи забоншиносӣ баҳс мекунад, илм дар бораи забон ё лингвистика ном дорад. Калимаи лингвистика термини умумиҷаҳонӣ буда, дар баъзе забонҳо бо тағироти фонетикӣ (дар забони франсузи – la linguistique; англисӣ – llinguisties; немисӣ – die linguistik) дучор шавад ҳам, ба як маъно истеъмол мешавад.

Лингвистика аз ҷиҳати илми донистни нормаҳои амалии забон, дарк кардани қонуниятҳои он ва муайян намудани соҳаҳои назариявии забон мебошад.

Забоншиносӣ ба ду қисм ҷудо мешавад:

1. Забоншиносии тасвирӣ – синхронӣ
2. Забоншиносии таърихӣ

1. Забоншиносии тасвирӣ қонунияиҳои мавҷудаи забонро дар як давраи таърихӣ меомӯзад.

2. Забоншиносии таърихӣ бошад, аз сарчашмаҳои таърихӣ ғизо гирифта, ягон қонунияти забонро аз нуқтаи назари таърихӣ дар муқоиса ба забонҳои бо ҳам хеш меомӯзад.

Забоншиносии хусусӣ ва умумӣ ва дар солҳои охир фанни нав бо номи забоншиносӣ ва фанҳои табиӣ пайдо шуд, яъне забоншиносӣ ва фанҳои табиӣбо илмҳои дигар, аз ҷумла, бо фалсафа, мантиқ, таърих, этногрфия, археология ва ғайра алоқаи зич дорад.

Дар асоси фалсафа он базаи забоншиносии илмӣ сохта мешавад, ки бо ин роҳ проблемаи принсипиалии забоншиносӣ, монанди масъалаи мавҷудияти забон, роли он дар ҷамъият, ба вуҷуд омадани тараққиёти забон ва ғайраро дар бар мегирад.

Протсесси нутқ танҳо ҳолати психологӣ набуда, балки протсесси физиологӣ низ мебошад, зеро ба вуҷуд овардану аз худ намудани овозҳои нутқ танҳо ба фаъолияти органҳои махсуси инсон хос аст. Ба ҳамин сабаб, омӯхтаниҳолатҳои фонетикӣ лингвистикаро бо акустика наздик мекунад.

Маълумоти топонимӣ ҳам дар илми забоншиносӣ аҳамияти ниҳоят бузург дорад. Бо омӯхтани номҳои географӣ мо метавонем, ҳудуди паҳншавии ин ё он забонро муайян кунем.

Маълум аст, ки дар солҳои охир ба ин соҳа қаробати соҳаҳои нави илм: математика, кибернетика муносибати назарияи информатсия ахборот мебошад. Ин бо калимаҳои махсус равона кардани информитсия аст, ки онро

мошинаи электрони анҷом медиҳад.

Вазифаи курси «психолингвистика» иборат аз он аст, ки донишҷӯёнро, ки асосҳои лилми забоншисониро аз худ кпрдаанд, назарияву таърихи забонро хондаанд, бо забоншиносии ҳозира, бо равияҳои навтарини он, бо проблемаи асосӣ, идеяву методология ва методики омӯхтани он фанҳоро меомӯзад, шинос мекунад.

Курси психолингвистика хусусияти хоси худро дорад. Якум ин ки ин курс мураккаб ва васеътар аст. Соатҳое, ки ба ин фан ҷудо карда шудааст, хеле зиёд буда, монанди дигар фанҳо прлграмма ё дастури махсус надорад.

Дуюм ин ки ин курс ду плани махсус дорад: аз як тараф, ин курс бояд дониши лингвистии студенттонро ба мустақилона ҳал карда тавонистани муносибати фанни психолингвистика, ҷамъятӣ ва фанҳои дақиқ чи гуна аст, омада намояд.

Забоншиноси дар асоси ба тavри илми омӯхтани забонҳои ҷудогона ё гурӯҳи забонҳо, бо роҳи ҷамъбасти натиҷаи тадқиқоти онҳо артиб дода мешавад. Вазифаи забоншиносӣ аз таъин намудани масъалаҳои зерин иборат аст:

1. Забон чист? Моҳият ва тараққиёти вай аз чӣ иборат аст? Забон чӣ тавр тараққӣ мекунад?

2. Методҳои асосие, ки бо ёрии онҳо забон, асоси он, таърихи тараққиёт, муносибати вай бо забонҳои дигар омӯхта мешавад, кадомҳоянд?

3. Таркиб ва сохти забоншиносии гуногуни вай: фонетика, морфология, синтаксис, лексикология, стилистика ва муносибати байни онҳо чӣ гуна аст?

4. Мавқеи забоншиносӣ дар байни системаи илмҳо чӣ гуна аст? Вай ба кадом системаи илмҳо табиӣ – таърихӣ ё ба илмҳои ҷамъиятӣ дохил мешавад?

Ба ҳамаи ин саволҳо забоншиносӣ ҷавоб медиҳад.

Забон муҳимтарин воситаи алоқаи одамон мебошад. Ба забон муомилоти инсонӣ ва бе муомилот ҷамъият ва худи инсон ҳам вуҷуд надорад, зеро бе забон фаҳмидани воқеият аз имкон берун аст.

Олимон исбот карданӣ мешуданд, ки забон организмест, ки монанди ҳайвонот ва растаниҳо мувофиқи қонунҳои табиӣ тараққӣ мекунад, ки он қонунҳо барои ҳама забонҳо умумӣ мебошанд, яъне забон монанди ҳаргуна организм пайдо мешавад ва тараққӣ мекунад, ба камол мерасад ва таназзул намуда, аз байн меравад. Чунки ақида махсусан дар миёнаи асри XIX, ки дар он вақт фанҳои табиӣ, аз ҷумла, дарвинизм ба омӯхтани инсон ва хусусиятҳои

вай машғул мешавад, паҳн гардида буд.

Хусисияти табиӣ, биологии инсон берун аз ҷамъият, бе алоқамандии ҷамъият ҳам тараққӣ мекунад, инкишоф меёбад, аммо малака, ки вобаста ба забон аст, дар он шароиту вазъият тараққӣ карда наметавонад.

Аммо дар китобҳои илмӣ забон чун мероси табиӣ дода намешавад, ҳол он ки ранги пӯст, таносуби бадеӣ, шакли косахонаи сар, бадан, мӯй – аломатҳои нажоди ба қонунҳои биологии меросӣ вобаста мебошад. Барои тадқиқи масъалаи пайдоиши нутқи одамони ибтидоӣ ҳалли масъалаи ба ҳам алоқа доштан ё надоштани забон ва нажод илм дар бораи табиати биологии инсон антропология, сохти косахонаи сар ва устухони ӯ, ранги пӯст, мӯй, бадан, мӯи бадан, дар бораи фарқи одам аз ҳайвоноти одамшакл.

Ба воситаи антропология лингвистика бо биология илм дар бораи ҳаёт алоқа пайдо мекунад.

Фанни география ҳам бо забон алоқа дорад. Номҳои нақшу нигор аз аломатҳои объектҳои физикӣ – географӣ баҳрҳо, дарёҳо, ҷазираҳо, кӯҳҳо, ҳамвориҳо, номи мамлакатҳо, аломатҳои гуногун дар харитаҳо пеш аз ҳама, ба категорияҳои забони тааллуқ дошта, географ аз он аломатҳо ба таври васеъ истифода мебарад.

Вазифаи аввалин ва асосии забон иштироки он дар ташаккули фикр мебошад. Тафаккур ҳамчун инъикоси ҷамъбасткунандаи ҳастӣ дар шуур ба калимаю ҷумлаҳо ҳамеша мӯҳтоҷ аст, зеро бе калимаю ҷумла ва муҳокима, на хулосабарорӣ ва на мафҳум ба амал намеояд. Инро аз ҷиҳати физиологии фаъолияти дараҷаи олии асаб академик И.П.Павлов биолог нишон додаст.

## IV. АМАЛИЙ МАШҒУЛОТЛАР МАТЕРИАЛЛАРИ

### МАВЗУИ 1: ЗАБОНШИНОСИИ АМАЛӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ОН.

Масъалаҳои забон ва услуби ВАО. Забон ва ҷомеа. Принсипҳои ташаккули сиёсат ва забони адабӣ. Тағйироти қоидаҳои нави имло ва таъсири онҳо ба меъёрҳои забони адабӣ. Масъалаҳои воридшавӣ ва эҳёи неологизмҳо

ва вожаҳои таърихӣ дар забони адабии тоҷик. Услуби адабӣ ва тасниф ва таснифи минтақавии он. Таъсири фарҳанги нутқ ва фарҳанги оммавӣ ба меъёрҳои забони адабӣ.

Забонҳои дунё вобаста ба наздикии баромад, хешутаборӣ, хусусиятҳои луғавию грамматикии худ  ба якчанд оилаи забонҳо ҷудо мешавад. Дар рӯи замин зиёда аз 20 то оилаи забонҳо мавҷуд. Онҳоро дар навбати худ модарзабон мегӯянд. Оилаи забонҳо дар навбати худ бо гурӯҳҳо ҷудо мешаванд.

- Оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ – Яке аз оилаҳои калон ва қадимӣ аст. 13 гурӯҳи забониро дар бар мегирад, ки яке аз онҳо гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ аст.
- Оилаи забонҳои туркӣ – ӯзбек, қозоқ, қирғиз, турк, туркман ва ғ. қариб 30 то забон. Оилаи забонҳои туркй аз ҷумлаи забонҳои аглютинативӣ буда, яъне ҳар як маънои грамматикӣ бо пасоянду пешояндҳои алоҳида сохта мешавад ва он дар охири калима меояд.
- Оилаи забонҳои фин-угор ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад. Гурӯҳи фин – фин, эстон, карел, коми-зирян, коми-пермяк, удмурт, марӣ, мордва; гурӯҳи угор – венгер, мансӣ, хантӣ.
- Оилаи забонҳои сом-хом низ ба гурӯҳҳо ҷудо мешавад. Гурӯҳи семит – араб, ахмар, харари, ойсор, иврит. Гурӯҳи кушит – галла, сомали, саҳо, беча. Гурӯҳи бербер – кобил, шилх, риф, тамазист. Гурӯҳи чад-хом – хуасе, котоко, ангас, карекаре, сура, ҷузгу, муби. Гурӯҳи араб – ба ин гурӯҳ забонҳои қадимаи араб дохил мешавад.
- Оилаи забонҳои кавказ – гурӯҳи ғарбӣ – абхаз, абазин, адигеӣ, кабардин, ибих. Гурӯҳи нах – чечен, ингуш, батсбий. Гурӯҳи доғистон – авар, дарғин, лезгин, лак, каратин, гунзиб. Гурӯҳи ҷанубӣ – мегрел, чан, грузин, карталийӣ, сван, гурй.
- Оилаи забонҳои хитой-тибет – гурӯҳи тай-хитой – хитоӣ, дунган, таӣ, лаос, чжуан, ветнам. Гурӯҳи тибет-бирма – забонҳои тибет ва бирма дохил мешавад.

Ғайр аз ин оилаҳои зикршуда боз оилаҳои *...равид, малай-полинез, авс...*

**Оилаҳои забонҳоро аз ҷиҳати морфологӣ, яъне сохти калимаҳо ҳам тасниф намудаанд, ки ба 4 гурӯҳ ҷудо**

Забонҳои аморфӣ – калимаҳо бе пешванду пасванд ва шаклҳои синтаксисӣ пайваст мешаванд. (хитой, тибет, бирма, ветнам ва забонҳои оилаи хитой-тибет дохил мешаванд.)

Забонҳои аглютинативӣ – ҳар як маъянои грамматикӣ ба воситаи шакли маълуми грамматикӣ сохта мешавад. Оилаи забонҳои туркӣ дохил мешавад.

Забонҳои флективӣ – якчанд маънои грамматикиро бо як шакли грамматикӣ ифода карда мешавад. Книга – пасванди -а дар ин ҷо, ҳам ҷинси

Забони тоҷикӣ ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ ва гурӯҳи забонҳои эронӣ дохил мешавад. Гурӯҳи забонҳои аслан хеше, ки ба шохаи ҳиндуэронии оилаи забонҳои ҳиндуевропоӣ тааллуқ доранд гурӯҳи забонҳои эронӣ мебошад.

Ба гурӯҳи забонҳои эронӣ – забонҳои тоҷикӣ, форсӣ, афғонӣ (пушту), осетинӣ, курдӣ, забонҳои помирӣ, яғнобӣ, баллоҷӣ, тотӣ, толишӣ, гелонӣ, мозандаронӣ ва як қатор забонҳои қадими эронӣ (забонҳои авестоӣ, модӣ, скифӣ, паҳлавӣ, суғдӣ, хоразмӣ ва ғ.) дохиланд, ки аз истеъмол баромадаанд. Ба таври яклухт забонҳои эронӣ дар ҳудуди Эрони ҳозира, Тоҷикистон, Афғонистон, Осиёи Миёна (асосан Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, қисман дар Туркманистон, Қирғизистон ва Қазоқистон) республикаи автономии Осиёи шимолӣ ва Осиёи ҷанубӣ интишор ёфтааст.

**Гурӯҳи забонҳои эронӣ гуфта забонҳои зинда ва матруки (маҳвшудаи) аз ҷиҳати генетикӣ бо ҳам қаробатдоштаро мегӯянд, ки дар ибтидо аз як забон (модарзабон, забони мабдаъ) сарчашма гирифтаанд. Предмети омӯзиши забонҳои эронӣ бағоят мукаммалу васеъ аст ва онҳоро ҳамеша амиқ ва дақиқ бояд омӯхт.**

| *Гурӯҳи забонҳои эрониро вобаста бо баъзе хусусиятҳои фонетикӣ ва грамматикиашон ба гурӯҳи ғарбӣ ва шарқӣ ҷудо кардаанд:* | |
|---|---|
| 1. Ба гурӯҳи ғарбии эронӣ забонҳои форсӣ, тоҷикӣ, балуҷӣ, курдӣ ва забонҳои ҳавзаи Каспӣ (гелонӣ, мозандаронӣ, семнонӣ, толишӣ, тотӣ) дохил мешаванд. | 2. Ба гурӯҳи шарқии эронӣ забонҳои афғонӣ (пашту), осетинӣ, яғнобӣ, забонҳои помирӣ (шуғнонӣ, вахонӣ, язғуломӣ, ишкошимӣ, зебокӣ, мунҷонӣ) ва дигарон дохил мешаванд. |

Ин гурӯҳи забонҳо дар гулистони васеи илму адаб бо рангу бӯи тоза ва таровату нафосати худ аҳли илму адаби шарқу ғарбро баробар ба худ ром кардааст. Барои омӯзиши илму маданият ва забони ширини форсу тоҷик аҳли илми тамоми дунё иштиёқи хосса доранд[6]. Забони имрӯзаи форсӣ аз ҷумлаи

[6] Moqaddam A.S. Persian Language. Book one: Basic lessons. –Tehran, Council for Promotion of Persian Language and Literature, 2007. –P.15.

забонҳои қадима буда, соҳиби хат аст. Забони қадимаи эронӣ забони расмии сулолаи Аҳмониҳо-Ҳохоманишиҳо буда, дар асри VI пеш аз мелод арзи ҳастӣ намудааст, ки оид ба ин забон ёдгориҳои хаттии Аҳмониҳо то ба мо омада расидааст. Роҳи тараққиёти таърихии забонҳои форсӣ-тоҷикӣ ба се давра ҷудо мешавад. Ҳар як давраи таърихӣ хусусиятҳои забонии ба худ хос дошта, таркиби луғавӣ ва системаи хати махсусро дорост.

Забони қадима ва миёнаи форсӣ забонҳои матрук буда, дар боби хусусиятҳои грамматикӣ ва таркиби луғавии он метавон аз ёдгориҳои хаттии он давра маълумот пайдо намуд.

Омӯзиши сохти грамматикӣ ва таркиби луғавии забонҳои қадима ва миёнаи эронӣ барои омӯзиши забони имрӯза ва роҳи тараққиёти он, ҳамчунин барои ба таври қиёс омӯхтани онҳо аҳамияти махсус дорад. Забонҳои эронӣ дар тереторияи хеле васеъ паҳн шудааст.

Дараҷаи монандии забонҳои мухталифи эронӣ дар айни замон якранг нест. Баъзе забонҳо бо ҳам чунон наздиканд, ки мубодилаи афкор дар байни намояндагони онҳо бемалол ба амал меояд. Қисме аз ҳамдигар чунон дур рафтанд, ки мубодилаи озоди афкор дар байни намояндагони он ғайриимкон аст. Бо вуҷуди он тадқиқоти муқоисавӣ-таърихӣ равшан нишон медиҳад, ки ҳамаи забонҳои эронӣ дар тамоми қабатҳои забон умумияти материали зиёде доранд, ки аз забони умумиэронӣ мерос гирифтаанд. Дар охири оилаи забонҳои ҳиндуевропоӣ, забонҳои эронӣ бо забонҳои гурӯҳи ҳиндӣ қаробати бештаре доранд. Умумияти забонҳои эронӣ ва ҳиндӣ ҳам дар фонетикаву морфология ва ҳам дар усулҳои калимасозӣ ва сохти синтаксисӣ мушоҳида мешаванд.

**1. Давраи қадимаи эронӣ**

(тақрибан аз аввалҳои ҳазораи 2 то асрҳои III-IV то мелод);

**2. Давраи миёнаи забонҳои эронӣ**

(аз асрҳои III-IV то мелод то асрҳои VIII-IX);

**3. Давраи нави забонҳои эронӣ**

(аз асри IX то имрӯз).

Маълум аст, ки дар асри VII арабҳо Осиёи Миёна ва Эронро забт карда, дар баробари дини ислом маданият ва хату забони арабиро дар ин минтақа ҷорӣ намуданд. Дар натиҷа дини ислом ва хату забони арабӣ дар ин минтақа мустаҳкам ҷойгир шуда, ривоҷ ёфт. Олиму уламоҳо дар ин давра бо забони арабӣ асарҳои динӣ, фалсафӣ, адабӣ, тиббиёт ва ҳуқуқ навиштанд. Китобҳои илмию адабиро аз забонҳои дигар ба забони арабӣ тарҷума намудан низ авҷ гирифт. Шоиру нависандагон ашъори худро бо забони арабӣ пешкаш намуданд, дар идораҳои маъмурӣ низ кор бо забони арабӣ пеш бурда мешуд ва дар навишт низ хати арабӣ мустаҳкам ҷой гирифт. Гарчанд дар ин ҷо тайи ду аср забону хати арабӣ ҳукмронӣ намуд, халқи маҳаллӣ забон ва урфу

одатҳои худро нигоҳ дошта, истиқлолиятро боз ба даст гирифтанд.

Дар асри IX аз тарафи Сомониён давлати мутамарказ барпо гардид, ки забони форсӣ забони адабии ин давлат ба шумор меравад. Аз ин боис давраи нави забонҳои эронӣ аз ҳамин қарн оғоз ёфт. Ин забон дар муддати хеле кӯтоҳ забони давлату миллат ва илму адаб гардид.

Маркази давлати Сомониён шаҳри Бухоро ба маркази илму маърифат ва шеъру шоирӣ табдил ёфт. Шоиру нависандагон, олиму мутафаккирон, аҳли санъат ва маърифат дар ин манзили адабӣ ҷамъ омада буданд ва ин шаҳар чун марказ гул-гулшукуфон гушт.

Аз асри IX то асри XV дар таърихи Эрон ва Осиёи Миёна давраи ривоҷёбии илму маданият, адабиёт ва шеърият аст. Дар ин давра аз як тараф фанҳои иҷтимоӣ – таърих, фалсафа, мантиқ ва адабиёт васеъ ривоҷ ёбад, аз тарафи дигар фанҳои табиӣ – математика, астрономия ва соҳаи тиб хеле ривоҷ ёфта, асарҳои ноёб ба вуҷуд омад. Дар ин соҳа хизмати Муҳаммад Хоразмӣ, Абу Алӣ ибн Сино, Абурайҳон Берунӣ, Абунаср Форобӣ ва дигарон барҷаста буда, номи онон вирди забони ҷаҳониён аст.

Дар давоми панҷ аср дар таърихи халқи форсу тоҷик давраи шукуфонӣ буда, адабиёт ва махсусан шеърият ба камолот расид. Бо лафзи форсиву тоҷикӣ дар ин даврон аҳли адаб бо асарҳои барҷастаи худ хазинаи китобхонаи ҷаҳонро обод намуданд, аз ҷумла Абӯабдуллои Рӯдакӣ бо шеърҳо, Абулқосим Фирдавсӣ бо “Шоҳнома”, Умари Хайём бо рубоиёт, Саъдӣ бо “Гулистон” ва “Бӯстон”, Амир Хусрави Деҳлавӣ бо “Хамса”, Ҳофиз бо ғазалиёт, Ҷомӣ бо “Ҳафт авранг” ва ғайраро метавон номбар намуд.

Маълум аст, ки халқҳои форсу тоҷик бо ҳамдигар алоқаи мустаҳками иқтисодиву маданӣ дошта, муддати зиёд якҷоя эҷод кардаанд. То асри XV забони форсиву тоҷикӣ барои халқи тоҷику эрон забони умумӣ буд, аммо баъди асри XV мувофиқи таъкиди олимони эроншинос вобаста ба шароити таърихӣ дар миёни ин забонҳо тафовут ба вуҷуд омадан мегирад. Азбаски адабиёти асрҳои IX-XV бо як мароми хосса ривоҷ ёфтааст, аҳли эҷоди ин даврро шоирони классикии форсу тоҷик ном бурдаанд ва асарҳои онҳо бошад асарҳои классикии форсӣ-тоҷикӣ номбар мешавад. Ин фикрро олими эроншиноси рус Е.Э.Бертельс чунин тасдиқ намудааст: ***“Мероси забони классикӣ, яъне ба мероси адабии бекароне, ки бо забони форсӣ ё форсии тоҷикӣ эҷод шудааст, ба ҳар ду халқ – форс ва тоҷик мансуб аст, агар ин адабиётро ба яке аз онҳо мансуб донем, ба дигаре ноадолатӣ мешавад.”***

Забони форсии тоҷикӣ аз ҷумлаи забонҳои оҳангдор ва пурғановат буда, аҳли адаб ва шоиронро бештар ба худ ҷалб мекунад. Бояд гуфт, ки дар замони имрӯза баъзе калима ва таъбироти қадимаи ин забон аз истеъмол баромада ва ё маънои худро дигаргун кардаанд. Ҳамчунин имрӯз таркиби луғавии забони

форсиро калима ва ибороти забонҳои дигар бой намудаанд. Дар таркиби луғавии забони форсии имрӯза бештар калимаҳои арабӣ ба назар мерасад ва бар замми ин баъзе элементҳои грамматикӣ ва графикии арабӣ низ дида мешавад, ки ҳамаи онҳо вобаста ба қоидаҳои грамматикии забони форсӣ корбурд мегардад.

**МАВЗУИ 2: ИМЛО ВА КОИДАҲОИ НАВИ ТАРТИБИ ОН. ПРОБЛЕМАҲОИ ЛЕКСИКОЛОГИЯ ВА ЛЕКСИКОГРАФИЯ ДАР ЗАБОНИ ТОЧИКИ.**

Дар бораи имлои нав ва тагйироти он. Тағйирот дар алифбо ва имло ва садоҳо дар асоси имлои нав. Таъсири имлои нав ба меъёрҳои мавчудаи адабй. Тағйироти лексика ва лексикология дар асоси имлои нав. Имлои нав ва проблемаҳои омузиши он. Луғатҳо бо забони тоҷикӣ ва маълумот оид ба таърихи таъсиси онҳо. Таснифи лугатҳои забони точики ва принсипҳои асосии он. Принсипҳои сохтани лугатхо дар забоншиносии точики давраи нав ва дастоварду камбудиҳои онхо.

Тағиротҳое, ки оиди имло дар солҳои охир ба амал омадааст ба талабагон омӯзонидан ва бехато навиштан.

Дар амал имлои забони тољикиро ба талабагон омӯзонидан (ба воситаҳои машқҳо).

**Орфография (имло) дар забони тоҷикӣ.** Имло (*орфография* аз калимаи юнонии orthos – дуруст, саҳеҳ, grapho – менависам) дар бораи навишти калимаҳо ва қисмҳои маънодори онҳо, якҷоя ва ба воситаи тире навиштани калимаҳо, дар бораи кӯчонидани ҷузъи калима аз як сатр ба сатри дигар, бо ҳарфи калон ва хурд навиштани номҳои идораҳо, муассисаҳо ва ғайра нишондод медиҳад. Ба муносибати аз алифбои арабиасоси тоҷикӣ соли 1929 ба алифбои лотинӣ гузаштан аввалин имлои забони адабии тоҷик ба шакли китобча нашр гардид.

Соли 1939 масъалаи аз алифбои лотинӣ ба алифбои русиасос гузаштан ба майдон омад ва китобчае бо унвони *“Орфографияи забони тоҷикӣ. Муҳимтарин қоидаҳо”* аз ҷониби ҳукумат тасдиқ шуда, августи соли 1940 аз нашр баромад. Азбаски ин қоидаи имло камбудиҳои зиёде дошт, дар охири соли 1953 таҳрири нави “Қоидаҳои асосии имлои забони адабии тоҷик” қабул карда шуд. Забоншиносон дар хусуси такмили нормаҳои забони адабии тоҷикӣ

ҳаракат намуда, дар асоси қарори ҷумҳурияти Тоҷикистон, комиссияи имло дар ҳайъати рафиқон Б.Ниёзмуҳаммедов (раис), А.Мирзоев (котиби илмӣ), Я.И.Калонтаров, А.Маниёзов, Н.Маъсумӣ, М.Шукуров, Р.Ғаффоров ва Р.Ҳошим ташкил намуданд. Дар асоси корбурди коммисия лоиҳаи нави имло соли 1967 ба муҳокимаи умум гузошта шуд ва он соли 1972 аз тарафи ҳукумати Тоҷикистон тасдиқ гардид.

Ҳукумат бо мақсади бо муҳокимаи умум омода сохтани лоиҳаи имло бори дигар дар ҳайати олимон Т.Хаскашев (раис), М.Шукуров, М.Лутфуллоев, Б.Камолиддинов гурӯҳи корӣ созмон дод. Аз ҷониби ин гурӯҳи олимони шинохтаи тоҷик низ баъзе дигаргуниҳо дароварда шуд.

Алифбои муосири тоҷик то соли 1999 аз 39 ҳарф иборат буд. Ин 39 ҳарфро соли 1940 дар асоси алифбои арабӣ ва лотинӣ сохта буданд. Тадриҷан сурат гирифтани равандҳои демократӣ дар ҷомеа сабаб гардид, ки ба имлои ҷорӣ тағйирот ворид шавад. Имлои забони тоҷикӣ дар асоси талаботи санадҳои “Қонуни забон” ва дастовардҳои илмии забоншиносӣ таҳия гардид. Чунон ки мебинем, имло дар асоси талаботи фонетикӣ, морфологӣ ва таърихӣ таълиф ёфтааст. Дар қоидаҳои асосиии соли 1972 мувофиқати овозу ҳарф дар чанд маврид сарфи назар шуда буд. Чунончи, дар алифбо ҳарфҳое мавҷуд буданд, ки ягон овози забони тоҷикиро ифода намекарданд, баъзе ҳарфҳо аз ҳарфҳои ҳамгуни худ дур афтода буданд. Ин норасоиҳо дар таълими забони тоҷикӣ ва талаффузи адабӣ боиси нофаҳмиҳо мегардиданд ва ҷараёни тадриси саводомӯзиро душвор мегардониданд. Дар имлои нав ин камбудиҳо дар назар гирифта шуданд, яъне соли 1999 бо қарори комиссияи тадбиқи Қонуни забони назди ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон “Имлои забони тоҷикӣ” аз нашр баромад, ки дар он ба тартиби алифбо тағйирот дохил карда, сарфи назар кардан аз ҳарфҳои ***ь, ы, щ, ц*** қайд шудааст ва шумори ҳарфҳо 35 то нишон дода шудааст.

Баъдтар 4 октябри соли 2011 низ бо қарордоди ҳукумат бо баъзе иловаҳо “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ” дар ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ки имрӯз мардуми тоҷикзабони мо дар асоси ҳамин имло корбарӣ даранд.

Имрӯз қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дар асоси нишондодҳои охирини “Имлои забони тоҷикӣ” (4 октябри соли 2011, Тоҷикистон) бо баъзе дигаргуниҳои ҷузъӣ аз ҷониби адабиётшинос Аслиддин Қамарзода[7] мураттаб гардида, дастраси мардуми тоҷикзабони Ӯзбекистон аст.

**Принсипҳои асосии имлои забони тоҷикӣ.** Имлои забони тоҷикӣ дар заминаи чор принсип ё асоси илмӣ сурат мегирад.

**1.** *Принсипи фонетикӣ (савтӣ).* Асоси савтии имло талаб мекунад, ки калима чӣ навъе ки талаффуз ёбад, дар хат ҳамон тавр тавассути ҳарфҳо ифода гардад. Масалан, забон, даст, овоз, дусад, нав ва ғ. Вале талаффузи дурусти калима на ҳама вақт риоя мегардад. Талаффузи носаҳеҳ метавонад ба ғалати имлоӣ оварда расонад. Чунончи: *моҳ, деҳ, панҷоҳ* дар талаффуз *мо, де, панҷо* ба гӯш мерасад. Дар ин сурат ба ёрии асоси савтӣ *принсипи сарфӣ* меояд.

**2.** *Принсипи морфологӣ (сарфӣ).* Асоси сарфии имло талаб мекунад, ки дар навишт бутунии морфемаҳо риоя карда шавад. Чунончи, он нишон медиҳад, ки дар забони тоҷикӣ калимаи *ҷал* вуҷуд надорад, балки *ҷаҳл* ҳаст, ба мисли ҳамин *хони мо* не, *хонаи мо омадестай* не, *омада истодааст* ва монанди инҳо. Вале мавридҳое ҳаст, ки илми сарф низ шарҳи таркиби калимаҳо оҷиз аст. Ин ҳодиса бештар бо калимаи қадимаи тоҷикӣ рӯй медиҳад.

**3.** *Принсипи анъанавӣ-таърихӣ.* Асоси анъанавӣ – таърихии имло иҷозат медиҳад, ки калимаҳои қадима имрӯз дар забони умумихалқӣ ба кадом шакл омада бошанд, бо ҳамон шакл навишта шаванд: - *зи (зе), неҳ (ниҳодан), навист (навишт), дувоздаҳ* ва ғ.

➢ Дар имло принсипи шартӣ низ амал мекунад, яъне *асоси шартии имло* талаб менамояд, барои фарқ кардани исмҳои хос аз исмҳои ҷинс яке бо ҳарфи калон навишта шавад, амсоли *Зебо – зебо, Сафар – сафар, Душанбе – душанбе, Муҳаббат – муҳаббат* ва ғ.

[7] Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ/мураттиб: Аслиддин Қамарзода/, – Тошкент: Муҳарир.2013.-40 с.

Нутқи мо аз воҳидҳои алоҳидаи забон иборат буда, пеш аз ҳама ба **ҷумлаҳое** ҷудо мешавад, калимаҳои алоҳида ва калимаҳои бо хамдигар алоқаманд, ки як фикри нисбатан томро ифода мекунанд **ҷумла** меномем. Дар байни ин воҳидҳои нутқ асоситаринашон ҷумла мебошад. Чунки фикри худро бо воситаи ҷумла ифода мекунем.

Ҷумлаҳо ба **ибораҳо** ҷудо мешаванд. Воҳиди грамматикие, ки аз ду ва ё зиёда калимаҳои мустақилмаъно ташкил ёфтаанд, ибора ном доранд. Ибораҳо дар навбати худ ба калимаҳо ҷудо мешаванд. **Калима** мафҳуми алоҳидаро мефаҳмонад, ки бо маънои луғавӣ ва сохти морфологиашон муайян карда мешавад. Калимаҳо низ ба морфемаҳо – созаҳо ҷудо мешаванд. **Морфема** аз калимаҳои юнонии *morphe*-шакл гирифта шуда, бо ҳиссаҳое ҷудо мешаванд, ки хар кадоми ин ҳиссаҳо дар забон дорои маъно ва вазифае мебошанд.

Калимаҳои *мисгар* ва *оҳангар* мувофиқи маъно ва вазифаашон ба морфемаҳои *мис, оҳан* ва *гар* ҷудо мешаванд, ки морфемаҳои мис ва оҳан ҳиссаҳои асосии маънодор буда, предметҳои мафҳумеро мефаҳмонад, морфемаи –гар бо калима омада, аз рӯи касбу кор номи шахс месозад.

Морфемаҳо ба ду гурух: морфемаҳои калимасоз ва морфемаҳои калимабанд ҷудо мешаванд.

Морфемаҳои калимасоз ба калимаҳои маънохои нав медиҳад: гулзор, саройбон, чилонгар, ки дар ин калимаҳо пасчаспакҳои -зор, -бон, -гар морфемаҳои калимасоз мебошанд.

Морфемаҳои калимабанд барои нишон додани муносибат ва алокаи калимаҳо хизмат мекунанд: ӯ хонад, морфемаи -*ад* хабарро бо мубтадо алоқаманд карда истодааст.

Инчунин калимаҳо аз овозҳо сохта мешаванд, ки овоз-**фонема –** воҳиди хурдтарини забон буда, барои сохтани калимаҳо ва фарқ кардани онҳо хизмат мекунад.

## Калима воҳиди асосии забон

Забон, яъне ҳарф задану навиштан ҳам қоидаҳо дорад. Донистан ва риоя

кардани ин қоидаҳо барои ҳамаи онҳое, ки бо ин забон сухан меронанд ва менависанд ҳатмист. Масалан, ҷумлаҳои «Аз навозиши модараш ҳаловат мебурд» ва «Лазизтарин неъмати дунё нон аст»-ро бидуни риояи ин қоидаҳо, ба таври «ҳаловат модар навозиш бурдан» ва «дунё лазиз неъмат нон» гӯем ё нависем атрофиён мақсади моро намефаҳманд ё матлаби моро пай намебаранд, моро мавриди мазоҳ қарор медиҳанд.

Ҳар ҷумлае, ки тавассути он фикрамонро ифода мекунем, аз калимаҳо ва қоидаҳои дастурии ба ҳамдигар алоқаманд шудани онҳо падид меояд. Бо мақсади ифодаи саҳеҳи фикр калимаҳо дар таркиби ҷумла тағйири шакл мекунанд. Азбаски калимаҳо дорои маънои гуногуни луғавианд (хоб, ғазал, ахгар, шумо, як, расидан, баланд), ба таври гуногун шаклан тағйир мeёбанд (хобгоҳ, ғазале, ахгарҳо, шумоён, якум, нарасидан, баландтарин) ва бо калимаҳои мухталиф алоқаманд мешаванд: хобгоҳи одам, ғазале навиштан, ахгарҳои хомӯшшуда, шумои доно, якумин маротиба, ба мақсад нарасидан, баландтарин дарахт.

Дастури забон (грамматика) маҷмӯи қоидаҳост, ки ҳангоми ифодаи фикр мавриди истифода қарор мегирад. Дастури забон як қисми илми забоншиносӣ буда, аз маҷмӯи қоидаҳои тағйирёбии калима ва алоқаманд шудани онҳо дар ҷумла иборат аст. Ба ибораи дигар гӯем, дастури забон сохти дастури калима, тағйирёбии шакли калима, тарзи ифодаи маънои дастурии калима, калимасозӣ, ибораю ҷумла ва хелҳои онҳоро меомӯзад. Дастури забон аз ду бахш: сарф ва наҳв иборат аст.

Мо бо мақсади ба каси дигар фаҳмонидани фикри худ гап мезанем. Фикр дар нутқ ба воситаи ҷумлаҳо ифода мeёбад. Ҷумлаҳо аз калимаҳо сохта мешаванд. Вале чи тавре ки ишора рафт, якчанд калимаи бидуни алоқаи паси ҳам омада ҷумларо созмон дода наметавонанд. Аммо агар ин калимаҳо мувофиқи қонуни дастури забон таркиб ёфта, бо тартиби муайян оянд ва фикреро ифода кунанд, ҷумларо ташкил дода метавонанд.

Тарзҳои аз калимаҳо ташкил ёфтани ибораву ҷумлаҳо, таркиби калимаҳо дар ҷумла, оҳанги гуфтор, воҳидҳои луғавии махсуси ёридиҳанда, навъи

ҷумлаҳо ва инчунин шароитҳои кор фармуда шудани онҳоро наҳви дастури забон мавриди омӯзиш қарор додааст.

Бахши дигари дастури забон сарф мебошад. Тағйирёбии шакли калима, восита ва тарзи сохта шудани шаклҳои калима, роҳу воситаҳои калимасозӣ ва хусусияти гурӯҳҳои луғавию дастурии калимаҳо мавзӯи омӯзиши сарф мебошад. Меъёри таснифи луғавию дастурии калимаҳо (ҳиссаҳои нутқ), гурӯҳҳои дастурии калимаҳою шаклҳо, хелҳои луғавию маъноии калимаҳо, шакли дастурию парадигма, (маҷмӯи шаклҳои тағйирёфтаи як калима; системаи шакл)  категорияҳои дастурӣ ва маънои дастурӣ низ мавзӯъҳои асосии омӯзиши сарф мебошад.

Гурӯҳҳои луғавию дастурии калимаҳо тавассути ба назар гирифтани хусусияти сарфӣ ва вазифаи наҳвии калимаҳо дар асоси меъёри дастурӣ, яъне бо риояи умумии маънои дастурӣ ва тарзи ифодаи он муайян карда мешавад. Масалан, ифодаи шумора дар исмҳо категорияи дастури буда, вале ифодаи исмҳои шахсу ғайришахс категорияи луғавию дастурӣ мебошад.

## МАВЗУИ 3: ТАФСИРИ БАДЕИИ АКИЯИ ИСТИКЛОЛИЯТИ МИЛЛЙ ДАР ДАСРИ НАВ ШЕЪР ВА НАСРИ ТОЧИК.

Муносибат ба забони адабии тоҷик дар даврони исти қлолияти миллӣ идеология ва фишорҳои идеологӣ. Истиқлолияти миллӣ ва ташаккули забони нави адабӣ; идеологияи истиқлолияти миллӣ ва принсипҳои асосии забони адабии муосир; Муносибат ба алифбои типи кухна ва нав ва ахамияти онхо дар даврони сохибистиклол. Хусусиятҳои асосии забони адабии точик; мафхуми меъёри адабй ва шархи илмии он. тагйироти сифатй дар забони адабии имруза ва шаклу навъҳои ифодаи он; коидахо ва категорияҳои фонетикй, лугавй, морфологй, синтаксисй, ки ба забони адабии хозира хосанд.

Ҳиҷо, зада ва оҳанг (интонатсия). Ҳиҷо – воҳиди хурдтарини талаффуз. Зада ва моҳияти фонетикии он. Моҳияти фонетикии зада. Оҳанг – воситаи асосии ифодаи муносибатҳои мантиқии ҷумла аст. Унсурҳои оҳанг. Намудҳои оҳанг.

Нутқи мо, ки силсилаи муттасили овозист, метавонад аз чанд ҷиҳат таҷзия шавад. Дар таҷзияи лингвистӣ воҳиди хурдтарин овози алоҳида – фонема мебошад. Аммо аз нуктаи назари талаффуз ҳадди охирини тақтеъ ҳиҷо аст. Аз ҳамин сабаб ҳиҷоро воҳиди хурдтарини талаффуз меноманд.

Ҳиҷоҳо аз ҳамнишиниҳои гуногуни овозҳои садонок ва ҳамсадо ташкил мешаванд ва дар ҳама гуна шароиту муҳити нутқ яклухти ва тақсимнопазирии худро нигоҳ медоранд: Суб-ҳи со-диқ да-мид. Табиист, ки дар забон ҳиҷоҳо аз як овоз (садонок) ҳам иборатанд.

Ҳиҷо навъҳои гуногун дорад. Вобаста ба овозҳои охир ҳиҷоҳо **кушода ва баста** мешаванд: агар ҳиҷо бо садонок тамом шуда бошад (бо-бо, зо-ну, со-ро, са-да), кушода, бо ҳамсадо ба охир расад (боғ-бон, сад-барг, нар-гис, шох-мот), баста меноманд.

**Хелҳои ҳиҷо.** Дар забони ҳозираи тоҷик шаш навъи ҳиҷо мавҷуд аст. Ин шаш навъи ҳиҷо дар ду қолиб муттаҳид мешаванд: [(Ҳ(С)] ва [Ҳ(С/Ҳ)Ҳ)]. Қолиби аввалӣ мансуби ҳиҷои кушода буда, ду навъ дорад; [С] ва [ҲС]. Қолиби дуюм хоси ҳиҷои баста буда, чор навъ дорад; [СҲ], [СҲҲ], [ҲСҲ] ,ва (ҲСҲҲ).

Маъмултарини ҳиҷои тоҷикӣ навъи /ҲС/ - (дар гурӯҳи ҳиҷоҳои кушода) ва /ҲСҲ/ (дар гурӯҳи ҳиҷоҳои баста) мебошад. Дар айни замон ҳиҷои кушода нисбат ба ҳиҷои баста бештар дучор меояд.

Вобаста ба овози аввал ҳам ҳиҷо ду хел мешавад: кушода – бо садонок оғоз ёбад (ор-зу, аб-рӯ) ва пӯшида агар бо ҳамсадо (ба-ҳор, фо-зил), ба охир расад.

Аз рӯи заданокӣ ҳиҷоҳо ду навъ мешаванд: **заданок ва безада;** нар-гис, до-ниш-ҷӯ.

Ҳиҷо дар системаи овозии забон вазифаи махсус дорад. Вай ҳамчун **воҳиди хурдтарини талаффуз** ба пайдоиши тобишҳои сершумори фонема шароит фароҳам меорад. Мақоми ҳиҷо дар ташкили мавзунияти нутқи тоҷикӣ хеле калон аст.

Тарзҳои ҳиҷосозӣ ва роҳҳои муайян намудани ҳудуди ҳиҷо аз масъалаҳои асосии назарияи ҳиҷо ба шумор мераванд.

**Ҳиҷосозӣ.** Дар забони тоҷикӣ воситаи ҳиҷосоз фонемаҳои садонок мебошанд. Онҳо дар ҳудуди ҳиҷо ва дар тамоми ҳолатҳои он: дар аввал (ор-зу, ар-ча), мобайн (кор-гар, нар-гис, сад-барг) ва охир (са-до, бе-да, хо-на) озодона истеъмол мешаванд.

Садонокҳо мустақилона ё дар якҷоягӣ бо ҳамсадоҳо дар ҳиҷосозӣ иштирок намуда, навъҳои гуногуну сершумори ҳиҷои тоҷикиро ба вуҷуд меоранд: о-мад, о-ҳис-та, бо-о-доб, са-о-дат.

**Ҷудо кардани ҳиҷо.** Ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калима аз масъалаҳои мушкилтарини забоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин сабаб то ҳол дар забоншиносӣ назарияи ягонаи ҳиҷо ва ҳиҷоҷудокунӣ, ки лоақал дар чанд забон қобили татбиқ бошад, дида намешавад.

Ҳиҷо воҳиди талаффуз аст, аммо бо вуҷуди монандии узвҳои овозсоз малакаҳои талаффуз дар ҳамаи забонҳо як хел нест.

Ҳамин тариқ, ҳиҷо дар забони тоҷикӣ дорои панҷ хусусият аст:

a. бо ду ва ё зиёда ҳамсадоҳо сар намешавад;
b. бо се ва зиёда ҳамсадоҳо ба охир намерасад;
c. дар таркиби худ аз як то чор овоз дошта метавонад, ки яктои ин овозҳо ҳатман садонок аст;

d. аз як садонок иборат мешавад;
e. як ҳамсадо ҳиҷо шуда наметавонад.

Ин панҷ аломати ҳиҷо бараи ҷудо кардани калимаҳои забони тоҷикӣ ба ҳиҷоҳо омили асосӣ мебошанд.

Дар асоси онҳо қоидаҳои зерини ҳиҷоҷудокуниро дар забони тоҷики нишон додан мумкин аст:

1) агар дар байни ду садоноки калима як ҳамсадо бошад, вай ба ҳиҷои баъдина мансуб аст: о-лу, о-зод, о-доб, о-дил, о-сӣ, и-дӣ...;

2) агар дар байни ду садонок ду ҳамсадо паиҳам омада бошад, ҳамсадои аввал ба ҳиҷои пешина ва ҳамсадои дуюм ба ҳиҷои баъдина тааллуқ дорад: нар-гис, сӯҳ-бат, боғ-бо-нӣ. Ин тарзи ҳиҷоҷудокунӣ дар калимаҳои иктибосии арабӣ, ки дар таркибашон фонемаи ъ доранд, низ амал мекунанд: мас-ъа-ла, қит-ъа, қал-ъа, шӯъ-ла, шӯъ-ба ва ғайра;

3) агар дар байни ду садонок се ҳамсадо ояд, ду ҳамсадои аввал ба ҳиҷои пешина ва ҳамсадои сеюм ба ҳиҷаи баъдйна мансуб аст: сулҳ-дӯст, нард-боз, санг-ча;

4) агар дар байни ду ҳамсадо як садонок омада бошад, вай ҳамеша ба ҳиҷои пешина мансуб аст: бо-дом, бе-го-на-гӣ, да-лерӣ;

5) агар дар байни ду ҳамсадо ду садонок омада бошад, садоноки аввал ба ҳиҷои пешина ва садоноки дуюм ба ҳиҷои баъдина мутааллиқ аст: бо-об-рӯ, бе-о-зор, бо-а-даб, са-о-дат-ман-дӣ ва ғайра.

## ЗАДАИ КАЛИМА

Калимаи фонетикӣ ҳамчун хурдтарин воҳиди маънодори фонетика аз пайдарҳамии овозҳо ва ҳиҷоҳо ба вуҷуд меоянд, аммо ҳиҷоҳо ва овозҳои таркиби он дар ҷараёни нутқ талаффузи якхела надоранд. Маъмулан, дар ҳар як калимаи фонетикӣ яке аз ҳиҷоҳо нисбат ба ҳиҷоҳои дигар равшантару барҷастатар талаффуз мешавад. Масалан, дар байти зерини устод Рӯдакӣ ду хел талаффуз шудани калимаи марди-ро мебинем:

**Мардӣ** набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, **мардӣ.**

Агар дар мисраи аввал ҳиҷои дуюми ин калима (-дӣ) равшантар шунида шавад, дар мисраи дуюм ҳиҷои якуми он (мар-) баҷастатар ба гӯш мерасад. Ин ду шакли калимаи «мардӣ» аз якдигар ба туфайли задаҳои худ фарқ мекунанд. Ҳамин гуна фарқияти ҳиҷоҳоро дар калима задаи калима таъмин менамояд. Чунин фарқи як ҳиҷо аз ҳиҷоҳои дигар дар сатҳи **синтагма ва фраза** низ мушоҳида мешавад ва аз ҳамин рӯ, дар қатори задаи калима задаҳои синтагма ва фразаро низ фарқ мекунанд.

Дар талаффузи алоҳида ҳамаи калимаҳо дорои зада мебошанд, вале дар ҷараёни нутқ, дар бофтаҳои гуногуни мураккабтар дараҷаи заданокии калимаҳо як хел нест. Дар ҷараёни нутқ, маъмулан, калимаҳои ёрирасон бе зада талаффуз мешаванд. Онҳо дар таркиби синтагмаю фраза таҳти таъсири оҳанги умумии фраза қарор гирифта бо калимаҳои пеш ва баъд аз худашон оянда хамроҳ шуда, як воҳиди яклухт – калимаи фонетикиро ба вуҷуд

меоваранд, ки муттаҳидиву яклухтии онро **задаи калима** таъмин менамояд.

**Моҳияти фонетикии задаро** воситаҳои фонетикие муайян мекунанд, ки барои фарқ кунонидани ҳиҷои заданок аз ҳиҷоҳои безада истифода бурда мешаванд. Ин воситаҳои фонетикӣ аз инҳо иборатанд:

- дараҷаи қувватнокии овоз (шиддатнокии узвҳои овозсоз);
- тамдиди (дарозии) овоз (вақте, ки дар тавлиди овозҳои нутқ сарф мешавад);
- лаҳни овоз (дараҷаю суръати ларзиши садопардаҳо дар овозсозӣ)
- танини (тембри) овоз (вобаста ба ҳаҷму шакли резонаторҳо ҷамъшавии қувва дар ягон ҷои дастгоҳи овозсоз).

## МАВЗУИ 4: САМТҲОИ НАВИ ТАДҚИҚИ ИЛМИИ ЗАБОНШИНОСӢ ВА МОҲИЯТИ МАЗМУНИ ОНҲО.

Проблемаҳои асосии забоншиносии назариявӣ. Консепсияи забони миллӣ ва принсипҳои омӯзиш ва тах қи қи он. Прагмалингвистика ва омӯзиши он дар забони адабии тоҷик. Усулҳои таҳлили лингвопоэтикӣ, лингвостилистикӣ, сохторӣ-семантикӣ ва хусусиятҳои асосии онҳо. Психолингвистика ва макоми он дар забоншиносии точик. Комправистӣ - усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва типологӣ ва хусусиятҳои асосии онҳо. Усулҳои таҳқиқоти когнитивӣ, ҷомеашиносӣ, ҷомеашиносӣ ва хусусиятҳои асосии онҳо.

Мафҳуми орфоэпия. Қоидаҳо ва нормаҳои талаффузи адабӣ. Нормаҳои талаффузи дурусти овозҳои забони тоҷикӣ (садонокҳо, ҳамсадоҳо) ва воҳидҳои забарзанҷирӣ (зада, оҳанг, фраза, синтагма). Хат. Пайдоиши хатҳои аввалин. Мавқеи хат дар ҷамъият. Имло ҳамчун системаи таърихан ташаккулёфтаи маҷмӯи қоидаҳое, ки ягонагии тарзи сабти нутқи хаттиро муайян мекунад. Вазифаи чамъиятии имло. Қоидаҳои муҳимтарини имлои тоҷикӣ. Принсипҳои асосии имлои тоҷикӣ. Принсипҳои фонетикӣ; Принсипи морфологӣ; Принсипи таърихию анъанавӣ.

- **Мафҳуми имло.** Гарчанд қоидаҳои “имло” тағйирпазиранд, бояд ҳар як шахси соҳибзабон дар роҳи пос доштани забони худ ҳамеша ба дуруст навиштану хондан кӯшиш намояд. Зеро маънои луғавии вожаи “**имло”** худ пур кардан ва аз ёд чизе навиштан ва оғоз кардан ва аз худ чизе гуфтан ва дар истилоҳ ба маънии расмулхат, яъне навиштани таркиби ҳуруф мувофиқи қоида аст.

Имло системаи ягонаю умумии таърихан ташаккулёфтаи тарзи навишт аст, ки дар шакли хаттӣ дар забони адабӣ истифода мешавад. Хат дар ташаккули забони адабӣ мақоми махсус дорад ва он яке аз рукнҳои тамаддуну маърифат аст. Дар устувору мустаҳкам шудани меъёрҳои савтӣ, луғавӣ ва

дастурии забон низ хат накши асосӣ дорад.

Имло аз рукнҳои асосии хат аст ва ҳамчун як соҳаи забоншиносӣ ҳодисаю падидаи махсуси иҷтимоӣ буда, барои кулли ҷомеа яксон хизмат мекунад. Имлои имрӯзаи тоҷикӣ дар асоси хату алифбои кириллӣ таҳия шудааст.

Мафҳуми **“имло”** бо саводу саводнокӣ алоқаю робитаи ногусастанӣ дорад. Босавод шахсест, ки беғалат мегӯяду менависад ва бо маданияти гуфтору рафтори хеш худро ба ҳозирон ошно месозад. Саъдии бузург ин нуктаро чунин васф намудааст:

*Забон дар даҳон, эй хирадманд, чист?*

*Калиди дари ганҷи соҳибҳунар.*

*Чу дар баста бошад, чӣ донад касе,*

*Ки ҷавҳарфурӯш аст ё пилавар.*

Маданияти нутқ як ҷузъи ҷудонопазири маданияти умумии инсон аст, ки пеш аз ҳама, дар мактаб ташаккул ёфта, минбаъд дар зинаҳои болотар омӯзиш такмилу сайқал меёбад. Саводнокӣ ба дониши грамматикӣ вобаста буда, дар ҷараёни таълими он тафаккури мантиқӣ ва маданияти нутқи хаттию шифоҳии хонандагон инкишоф меёбад.

Усули таълими имло таваҷҷӯҳи як идда муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Танҳо дар асоси омӯхтани хатоҳои имлоӣ ва ошкор намудани сабабҳои содиршавии онҳо таълими босамари имлоро ба роҳ мондан имконнопазир аст. Бояд грамматика ва меъёрҳои забони адабиро дуруст омӯхта, дар амал татбиқ намуд, муаллимон бо хатоҳои имлоии хонандагон ба таври мунтазам корбарӣ намоянд. Дар боби бисёр масъалаҳои гуфториву навиштории солиму дуруст алоқамандона бо вожашиносӣ (лексикология), савтиёт (фонетика), сарф (морфология), наҳв (синтаксис) донишандӯзӣ намоянд.

Бояд гуфт, ки омилҳои шунавоӣ, босиравӣ, ҳаракат ва кори узвҳои овозсоз ва ҳаракати дасте, ки хат менависад ва бошуурона дарку мулоҳиза намуда, чизе менависад, аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки барои бошуурона ҳифз намудани қоидаҳои имло ва ба вуҷуд овардани малакаҳои дурустнависӣ

мусоидат мекунанд.

Сатҳи забондонии шогирдон ва маҳорати суханварии онҳо ҳамон вақт боло меравад, ки барояшон муҳити солими нутқи адабӣ ҳамеша таъмин бошад ва тарзи гуфтори атрофиён, муколамаю мунозираи онҳо мувофиқи меъёрҳои забони адабӣ сурат гирад. Мутаассифона, чунин муҳити солимро гуфтору навиштори адабӣ ҷавобгӯи талаботи имрӯза нест.

Имлою меъёри дурусти талаффузи адабӣ, яъне орфографияву орфоэпия дар таълими забон вобастагию алоқамандӣ доранд. Бояд таълими нутқи шифоҳӣ ва имло дар як вақт оғоз ёфта, баробар давом кунад, зеро талаффузи дурусти адабии калима барои муайян кардани шаклҳои саҳеҳи морфологии он омили муҳимест.

Агар талаффузи гуногуни калимаҳои "мардӣ" (исми сохтаи маънӣ, ки бо ёрии пасванди калимасози **-ӣ** сохта шудааст) ва "мардӣ" (ту мардӣ)-ро ба эътибор гирем (дар "мардӣ"-и аввал ҳиҷои дуюм заданок аст, дар "мардӣ"-и дуюм ҳиҷои якум заданок буда. **-ӣ** бандаки хабарии шахси дуюми танҳост), истилоҳи **и-**и заданок ё **и-**и дароз, ки дар ҷараёни таълими забони тоҷикӣ қариб дар ҳамаи мактабҳо мушоҳида мешаваду ҳатто дар таҳрири охирини "Имлои забони тоҷикӣ" низ роҳ ёфтааст, тамоман нодурусту бемаънист. Зада гирифтани **-ӣ** дар интиҳои калимаҳо ба сохт ва шакли морфологии калимаҳо вобаста аст. Муқоиса кунед: **Бародарӣ** шиори зиндагии мост. Ту барои ман мисли як **бародарӣ**. Ин ғалат дар мавриди таълими имлои садоноки **"ӯ"** низ, ки барғалат беш аз ним аср у-и дароз ё у-и садонок мегӯянд, ба мушоҳида мерасад.

Таҷрибаи муаллимони мактабҳои миёна нишон медиҳад, ки хонандагон ҳангоми иҷрои корҳои хаттӣ ба як қатор ғалатҳои имлоӣ роҳ медиҳанд. Фарқ карда натавонистани мавқеи истеъмоли садонокҳои **ӯ** ва **у,** бо изофат (-и) омехта кардани ҳарфи ӣ аз ҳамин қабил ғалатҳоянд.

Дар навишти калимаҳои ташдиднок низ талабагон ва донишҷӯён ба душвориҳо дучор мешаванд. Масалан, калимаҳои қимат, маза, ҳила, киса-ро барғалат бо ташдид менависанду нодуруст талаффуз мекунанд. Ба фикри мо, ин

чанд сабаб дорад, ки муҳимтаринаш инҳост:

1. Дар адабиёт ва матбуоти имрӯза баъзан ба қоидаи имлои калимаҳои ташдиддор риоя намекунанд;
2. Дар луғатҳои имло доир ба навишти ин қабил калимаҳо принсипи ягонаву устувор мавҷуд нест;
3. Таълими имло дар мактабҳо суст аст.

## V. ГЛОССАРИЙ

**1. Лексикология** - калимаи юнонӣ буда, таълимот дар бораи калимаҳо мебошад.

**2.Метафора** – калимаи юнонӣ буда, маънояш «кӯчида» аст.

**3.Идиома –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «хислати махсус» мебошад**.**

**4.Моносемия** – калимаи юнонӣ буда маънояш «як, ягон» аст.

**5.Синекдоха**– калимаи юнонӣ буда, маънояш «тасаввуршаванда» мебошад.

**6.Полисемия** – калимаи юнонӣ буда, маънояш «бисёрмаъно» аст.

**7.Эвфемизм** – калимаи юнонӣ буда, маънояш «хуб мегӯям» мебошад.

**8.Какэмфотон** – калимаи юнонӣ буда, маънояш сухани «дағал» гуфтан аст.

**9.Этимология -** калимаи юнонӣ буда, илм дар хусуси калимаҳоитаърихӣ аст.

**10.Контекст** - калимаи юнонӣ буда, маънояш «пайвандшавӣ» аст.

**11.Эллипсис** - калимаи юнонӣ буда, маънояш «ҳориҷ кардан» аст.

**12.Термин** - калимаи юнонӣ буда, маънояш «ҳад, худ, аломат» мебошад.

**13.Омоним -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «якхела ном гирифтан» аст.

**14.Синоним -**калимаи юнонӣ буда, маънояш «ҳамном» мебошад.

**15.Антоним -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «муқобил» мебошад.

**16.Лексикография** - калимаи юнонӣ буда, маънояш «тартибдиҳандаилуғатҳо» мебошад.

**17.Архаизм –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «қадима» мебошад.

**18.Калка -** калимаи франсузӣ буда, маънояш «нусха дар қоғази шаффоф» аст.

**19.Артикулятсия** - калимаи лотинӣ буда, маънояш «саҳеҳ ва равшан талаффуз карда тавонистан» мебошад.

**20.Экскурсия -** калимаи лотинӣ буда, маънояш «баромада рафтан» аст.

**21.Депурсия –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «баргаштан» аст.

**22.Вокализм** - калимаи лотинӣ буда, маънояш «садо» мебошад.

**23.Консонантизм** – калимаи лотинӣбуда маънояш «овози ҳамсадо» мебошад.

**24.Фраза –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «ифода», «ибора», «ҷумла» мебошад.

**25.Ассимилятсия –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «монандшавӣ» аст.

**26. Фонема –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «овоз», «садо» мебошад.

**27.Орфоэпия –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «талаффузи дурусти овозҳо» кардан мебошад.

**28.Грамматика –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «санъати хаттӣ» мебошад.

**29.Лексема –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «калима» мебошад.

**30.Модел –** калимаи франсузӣ буда, маънояш «намуна», «қолаб» мебошад.

**31.Аффикс, аффиксатсия –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «васл шудан» мебошад.

**33.Префикс –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «илова шудан аз аввали калима» мебошад.

**34. Пастфикс –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «илова шудан ба охири калима» мебошад.

**35.Деривасионӣ –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «дигаркунии маънои

калима» мебошад.

**36.Релясионӣ** – калимаи лотинӣ буда, маънояш «дигаркунандаи шакл» мебошад.

**37.Редупликасия** – калимаи лотинӣ буда, маънояш «дучандшавӣ» аст.

**38.Артикл –** калимаи франсузӣ буда, маънояш «ҳисса, қисм» мебошад.

**39.Субстантивасия –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «исмшавӣ» аст.

**40.Инверсия –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «ҷойивазкунӣ» мебошад.

**41.Политонӣ –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «бисёр» мебошад**.**

**42.Монотонӣ –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «зада» мебошад.

**43.Модалӣ –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «тарз», «восита» мебошад.

**44.Суплетивизм** – калимаи лотинӣ буда, маънои «пурра кардан»-ро дорад.

**45.Синтстикӣ**– калимаи юнонӣ буда, маънояш «пайвастшавӣ» мебошад.

**46.Аналитикӣ** – калимаи юнонӣ буда, маънояш «ҷудошавӣ» мебошад.

**47.Категория –** калимаи юнонӣ буда, маънояш, «нишона» мебошад.

**48.Синтаксис** – калимаи юнонӣ буда, маънояш «тартибдиҳӣ», «сохтан» мебошад.

**50.Орфография** – калимаи юнонӣ буда, маънояш «дуруст менависам» мебошад.

**51.Транскрипсия –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «рӯнависӣ» мебошад.

**52.Генеология** – калимаи юнонӣ буда, маънояш «хешӣ», «қаробатӣ» мебошад.

**53.Эпикурист –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «пайравӣ» мебошад.

**54.Паратаксис** – калимаи юнонӣ буда, маънояш «пайваст», «алоқаи пайваст» мебошад.

**55. Автосемантикӣ** – калимаи юнонӣ буда, маънояш «доираи маънои пурраи ҷузъҳо» мебошад.

**56.Синсемантика** – калимаи юнонӣ буда, маънояш «нопурра, яке аз ҷузъҳои ҷумлаимураккаб» мебошад.

**57.Параллелизм -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «дар як вақт иҷро гаштани амалу ҳолати предмет» мебошад.

**58.Анафора -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «такрори хелҳои ҷонишин дар таркиби ҷузъҳои ҷумлаҳои мураккаб» мебошад.

**59.Асиндетика -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «бепайвандак ифода ёфтани ҷумлаҳо» мебошад.

**60.Семиотика -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «аломат» мебошад.

**61.Гипотаксис -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «алоқаи тобеъ» аст.

**62.Вулгаризм -** калимаи лотинӣ буда, маънояш «сухани қабеҳ, номатлуб» аст.

**63.Вомӣ** – калимаи арабӣ буда, маънояш «бевосита дохил шудани

калимаҳои беруна» мебошад.

**64.Жаргон –** калимаи франсузӣ буда, маънояш «сухани бехудагӣ» мебошад.

**65.Арготизм -** калимаи франсузӣ буда, калимаи хоси шевагӣ аст.

**66. Варваризм -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «калимаҳои ҳориҷӣ» мебошад.

**67. Адстрат**-робитаи забонҳои ҳамсарҳад.

**68. Суперстрат-** ҳамроҳ шудани забони бегона ба забони халқҳӣ-маҳаллӣ ва ба таркиби он омехта шуда рафтани он.

**69. Субстрат-** инҳодиса акси суперстрат аст. Ба забони бегона ҳамроҳ шудани забони маҳаллӣ ва ба таркиби забони бегона ҳал шудани он.

## V. ТЕСТ САВОЛЛАРИ

**ВАРИАНТИ** 1

**1. Дар илми забоншиносии классикии форсу тоҷик бахши наҳвро ҳамчун илм дар бораи................... донистаанд, ки ин ба фаҳмиши моҳияти ин фан дар забоншиносии араб мувофиқ меояд. Ҷои нуқтаҳоро пурра намоед.**

+**А**. илму улум | **Б**. маърифати калом

**В**. илму маърифат | **Г**. каломи илм

**2. Калимаҳо аз назари ҳам лексикологҳои асримиёнаи араб ва ҳам форсу тоҷик дорои кадом маъноҳоанд?**

**А**. рост ва дурӯғ | **Б.** ҳақиқӣ ва рост

+**В**. ҳақиқӣ ва кӯчида | **Г.** аслӣ ва рост

**3. Дар илми лексикологияи араб калимаҳои серистеъмолро бо кадом истилоҳ ифода кардаанд?**

+**А**. мустаъмал **Б.** исм **В.** вожа **Г.** муҳмал

**4. Луғати тарҷумавии «Шомил ал-луғат» кай таълиф шудааст?**

**А.** соли 1490 **Б.** соли 1484 **В.** соли 1492 +**Г.** соли 1494

**5. Дар ифодаи «ҳеҷ ҷавоб набувад» Абӯалӣ Сино чиро дар назар доштааст?**

+**А.** аз маънои мустақили луғавӣ маҳрум будани пешояндҳоро

**Б.** маъно доштани калимаҳоро

**В.** маънои маҷозӣ надоштани калимаҳоро

**Г.** маъноҳои мухталифро соҳиб будани калимаро

**6. «Махориҷ-ул-ҳуруф» бо кадом забон навишта шудааст?**

**А.** лотинӣ **Б**. паҳлавӣ + **В.** арабӣ **Г.** бохтарӣ

**7. Дар кадом рисола оиди чӣ гуна пайдо шудани (падид омадани) ҳарфҳои гуфтор ва таснифи ҳарфҳои арабӣ ва баъзе ҳарфҳо, ки дар арабӣ нест, баҳс карда мешавад?**

**А.** Шоҳнома + **Б.** «Махориҷ-ул-ҳуруф»

**В.** Калила ва Димна **Г.** Дарахти Ассурик ва буз

**8. Забоншиносии тоҷик аз кай вуҷуд дошт?**

+А. Пеш аз ислом Б. дар давраи Сомониён

В. дар замони шӯравӣ Г. дар асрҳои миёна

**9. Ба ҷои нуқтаҳо калимаи лозимаро гузоред: “... мар кунишро наҳвиён ... хонанд”**

**А**. исмро **Б**. ҳарфро **В**. Номро + **Г**. феълро

**10. «Қавли Абуҳанифа он аст, ки ҳар кӣ раг бикушояд, масҳаш бишканад. Ва қавли Шофеӣ бар хилофи ин аст» ин суханон ба кадом навъи қавл рост меояд?!**

**А**. Амр +**Б**. Хилоф **В**. Майлу рағбат Г. Хоҳиш

**11. ”Асос-ул-иқтибос” асари кист?**

+**А**. Н. Тӯсӣ **Б**. Н.Хусрав **В**. Сино **Г**. Қ.Розӣ

**12. Ҳарфи нисбат кадом аст?**

**А.** суффикси исму сифатсоз **Б.** бандаки феълӣ ва хабарӣ

**В.** бандаки изофӣ + **Г.** ҳарфи робита

**13. Китоби “Материалҳо барои омӯзиши лаҳҷаи тоҷикони Осиёи Марказӣ” ба қалами ки мансуб аст?**

**А.** И.И.Зарубин + **Б.** А.А. Семёнов

**В.** В.С.Расторгуева **Г.** К.Г.Залеман

**14. “Дар забони тоҷикӣ шумораҳои тақсимӣ аз такрори шумораҳои микдорӣ ба вуҷуд меояд: ду-ду,чор-чор” Ин гуфтаҳои кист?**

**А.** И.И.Зарубин **Б.** В.С.Расторгуева + **В**. К.Г.Залеман **Г.** А.А.Семёнов

**15. Ба қавли Семёнов шакли сифати дараҷаи олиро ба ғайр аз суффикси –«тарин» мумкин аст, бо роҳи ..... ифода намуд. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқро гузоред.**

**А**. Агглютинативӣ; **Б.** Номинативӣ; +**В.** Аналитикӣ; **Г.** Флективӣ

**16. Маънои истилоҳи “муҳмал”-ро ёбед**

**А.** якмаъно **Б**. сермаъно +**В.** камистеъмол **Г.** серистеъмол

**17. ”Тоҷ-ал мусодир фил-луғати фурс” аз тарафи кӣ таълиф дода шудааст?**

**А.** Додоҷон Тоҷиев **Б.** Ибни Сино **В.** Расторгуева +**Г.** Рӯдакӣ

**18. Муаллифи фикрҳои поёниро нишон диҳед.** ***« ... дар масъалаи қоидаҳои забон камбудиҳои худашро мебинад ва чорачӯӣ мекунад. Асарҳои Саидризо Ализода, Маҳмудӣ ва Зеҳнӣ, ки пай дар пай чоп шуда, ба майдони истифода даромадаанд далели ҳамин чорачӯӣ аст. Хусусан, «Таҷрибаи аввалин аз сарфи забони тоҷикӣ», ки натиҷаи кӯшишҳои дуру дарози рафиқ Зеҳнист, яке аз муҳимтарин қадамҳое аст, ки дар ин соҳа гузошта шудааст».***

**А**. Айнӣ +**Б.** Фитрат **В.** Деҳотӣ **Г.** Рӯдакӣ

**19. «Тоҷикӣ ва форсии дарӣ яке аст. Аммо албатта, дар ҳар ду кишвар ба тариқе такомул ёфта ва дорои ихтисосоте шуда, ки ин ду забонро дар баъзе нуқот аз якдигар мушаххас ва мутамоиз кардааст». Ин гуфтаҳо ба қалами кӣ мансуб аст?**

+**А.** Парвиз Нотили Хонларӣ **Б.** Ибни Сино

**В.** Додоҷон Тоҷиев **Г.** Абдурауф Фитрат

**20. Дар қисми аввали асари Насируддини Тӯсӣ оиди кадом мавзӯъ баҳсу мунозира меравад?**

**А.** Антонимҳо **Б.** Омонимҳо +**В.** Синонимҳо **Г.** мутазодҳо

**21. Муаллифи байти поёниро муайян кунед:**

***Дар луғатдониат надорам шак,***
***Сад қасам, сад қасам ба рӯҳи «Ғиёс».***

**А.** Лоиқ Шералӣ + **Б.** Пайрав Сулаймонӣ

**В.** Фазлиддин Муҳаммадиев **Г.** Садриддин Айнӣ

**22. Дар китоби «Суханварони сайқали рӯи замин» роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти адабии чанд суханвар маълумоти илмӣ дода шудааст?**

**А.** бештар аз 90 суханвар +**Б.** бештар аз 100 суханвар

**В.** бештар аз 80 суханвар **Г.** бештар аз 10 суханвар

**ВАРИАНТИ 2**

**1. Муаллифи суханҳои зерин кист?**

**“Ибн-Сине было 10 лет, когда он прошел курс словеных наук (грамматику, теорию словесности, стилистику)»**

**А.** Григорев **Б.** Сергеев **В.** Ломоносов +**Г.** Григорян

**2. Дар зинаи имрӯзаи инкишофи забони адабии тоҷик шакли асосии сиғаи амрӣ кадом аст?**

**А.** феъли монда **Б.** феъли гузаранда + **В.** феъли фармоиш **Г.** феъли таркибӣ

**3. Кадоме аз олимони рус ба ҷои суффикси дараҷаи олии сифат-“тарин” истифода шудани калимаи “бисёр”-ро таъкид кардааст?**

+**А.** К.Г.Григорев **Б.**А.А.Семёнов

**В.** И.И.Зарубин **Г.**В.С.Растаргуева

**4. Чанд номгӯй асарҳои Саидризо Ализода дар Лоҳур чоп шудааст?**

+**А**. 10 номгӯй **Б**. 12 номгӯй **В.** 18 номгӯй **Г.** 20 номгӯй

**5. Калимаҳои " Муҳофизшуда" чӣ гуна калимаҳо ба ҳисоб мераванд?**

+**А.** Калимаҳое ки шаклан ҳархелаю маъноҳои якхеларо ифода мекунанд

**Б.** Калимаҳое ки хусусияти зидмаъноӣ доранд

**В.** Калимаҳое ки шаклан якхелаю маъноҳои дигарро ифода мекунанд

**Г**. Калимаҳое ки хусусияти гуногунӣ доранд

**6. Гурӯҳи дуввуми калимаҳои асари Насируддини Тӯсиро чӣ гуна исмҳо ташкил медиҳанд?**

+**А**. Мутабоина **Б.** Муҳофизшуда **В.** Мутародифа **Г.** Муаммоҳо

**7. Тӯрақул Зеҳнӣ кадом феълҳои намуди давомдорро ҳамроҳ кардааст?**

+**А.** истодан ва гирифтан **Б.** хондан ва гирифтан

**В.** бурдан ва гуфтан **Г**. рафтан ва дидан

**8. «Гоҳ бошад, ки як лафз ба як маънӣ беш далолат накунад ва ҳамчунин гоҳ бувад, ки алфози бисёр ба як маънӣ ё зиёда аз як маънии мутақориб ё ғайримутақориб далолат кунад. Ва чун ин вуҷӯҳро ҳаср кунанд, аз чаҳор ваҷд холӣ набувад: ё эътибори лафзи бисёр кунад нисбат ба як маънӣ ё ба маънии бисёр». Ин суханон ба кӣ тааллуқ дорад?**

+**А.** Насируддини Тӯсӣ **Б.**Шамс Қайси Розӣ

**В.** Носири Хусрав **Г.**Халил ибни Аҳмад

**9. Насируддини Тӯсӣ ба кадом ҳодисаҳои калимаҳо биёр диққат дода, паҳлӯҳои нозуку мураккаби онҳоро равшан сохтааст?!**

**А.** ҳодисаҳои паронимӣ, омонимӣ

**Б.** ҳодисаҳои якмаъноӣ, сермаъноӣ ва паронимӣ

**В**. ҳодисаҳои якмаъноӣ, сермаъноӣ

+**Г.** сермаъноӣ, муродифот, омонимӣ ва антонимӣ

**10. Дар афкори мантиқии Насируддини Тӯсӣ ба тадқиқи ...... ҳамчун аломати ифодаи ашё диққати зиёд дода шудааст. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқ гузоред.**

+**А**. калима **Б.** ҷумла **В.** ибора **Г.** исм

**11. Яке аз мақолаҳои «Асос-ул-иқтибос» ки дар он , шарҳу маънидодҳои муаллиф бештар ба илми лексикология бахшида шудааст кадом аст?**

**А.** "Китоб-ул-мусиқӣ" **Б.**"Чаҳор гулзор"

**В.** «Осор –ул-боқиа» +**Г.** «Дар нисбати алфоз бо маонӣ»

**12. Яке аз асарҳои машҳури Насируддини Тӯсӣ, ки дар он бисёр қайду ишораҳои мушаххас доир ба масъалаҳои забон, хусусан лафзу маънӣ оварда шудааст, аз зер нишон диҳед.**

**А.** "Ҷомеъ-ул-ҳикматайн" **Б.**"Чаҳор ҳикоя

+**В.**«Асос-ул-иқтибос» **Г.**"Чаҳор гулзор"

**13. Муаллифи асари "Наводир – ул- вақоеъ" кист?**

**А.** Ҷомӣ +**Б.** Аҳмади Дониш. **В.**Гулханӣ **Г.** Беҳбудӣ

**14. Муаллифи асари “Афкори одамони шаҳри фозил” кист?**
**А.** Тӯсӣ +**Б.** Форобӣ **В.** Сино **Г.** Берунӣ
**15. Дар давраи Сомониён кадом шоир ба унвони “Малик-уш-шуаро” соҳиб гардид?**
**А.** Балхӣ **Б.** Дақиқӣ + **В.** Рӯдакӣ **Г.** Фирдавсӣ
**16. Муаллифи “Донишнома” кадом мутафаккир аст?**
+**А.** Сино **Б.** Ҷомӣ **В.** Навоӣ **Г.** Фирдавсӣ
**17. Муаллифи “Осор – ул - боқия” кадом мутафаккир аст?**
+**А.** Хоразмӣ **Б.** Ҷомӣ **В.** Сино **Г.** Берунӣ
**18. "Ҳар ки сухане бигӯяд, ки онро маъние бошад рост ё дурӯғ, он қавл бошад аз ӯ ба ҳар забоне, ки бошад". Ин сухан ба чандум навъи қавл рост меояд?!**
+**А.** 1-ум; **Б.** 1-ум **В.** 3-юм **Г** 2-юм
**19. «Ва хабар,-мегӯяд Носири хусрав, - ба ду қисм аст ... ҷумларо пурра кунед!**
**А.** яке ҳозир, ва дигар гузашта
**Б.** яке фардо ва дигар пасфардо
+**В.** яке истисност ва яке ҳукми қатъ
**Г.** яке рост ва дигаре дурӯғ
**20. Дар таснифоти Носири Хусрав ҷумлаи саволии қолаби ..... ва амрии ..... саҳеҳ ҷудо карда нашудааст.**
+**А.** "Куҷо рафтӣ?", " Маро таом деҳ" **Б.** "Чун кун", "Чунон гӯй"
**В.** "Чун кун", " Чунин аст " **Г.** "Чунон буд", " Чунин аст"
**21. «Шомил ал-луғат» ба кадом навъи луғатҳо мансуб аст?**
+**А.** луғати шевагӣ **Б.** луғати фразеологӣ
**В.** луғати синонимҳо **Г.** луғати тарҷумавӣ
**22. «Омӯзиши қиёсии наҳви шеваҳои забони тоҷикӣ» тадқиқоти кадом олими забоншинос аст?**
**А.** Садриддин Айнӣ **Б.** Носирҷон Маъсумӣ
+**В**. Раззоқ Ғаффоров **Г.** Шарофиддин Рустамов

## ВАРИАНТИ 3

***1. Муаллифи мисраъҳои зеринро муайян кунед:***
***Сухан лангару бодбонаш хирад,***
***Ба дарё* хирадманд чун бугзарад.**
+ Абулқосим Фирдавсӣ
- Абдураҳмони Ҷомӣ
- Мирзо Турсунзода
- Раҳим Ҷалил

**2. Мулоҳиза ронед ва муайян созед, ки аввалин луғати тафсирии муосир ба каламм кӣ мансуб аст?**
+ ба қалами Айнӣ
- ба қалами Раҳим Ҳошим
- ба қалами Ализода

- ба қалами Зеҳнӣ

**3. Семёнов дар асари худ оид ба шеваи забони тоҷикӣ кадоми аз қаторҳои зеринро қайд кардааст?**

+Шеваи тоҷикони кӯҳистони тоҷик хусусиятҳои хоси грамматикие дорад, ки онро аз забони адабии умумфорсй фарқ мекунонад

- Шеваи тоҷикони кӯҳистони тоҷик хусусияти грамматикӣ надоранд
- Шеваи тоҷикони куҳистони тоҷик  аз забони умумхалқи фарқ намекунад
- Ҳамаи ҷавобҳо нодуруст

**4. Натиҷаҳои аввалини тадқиқоти кадом олими забоншинос  ба воситаи китоби ӯ – «Ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб»  дастраси умум гардидааст**

+ Д. Тоҷиев
- Р. Ғаффоров
- А.А. Фрейман
- В.Растаргуева

**5. «Омӯзиши қиёсии наҳви шеваҳои забони тоҷикӣ» тадқиқоти кадом олими забоншинос аст?**

+ Раззоқ Ғаффоров
- Садриддин Айнӣ
- Носирҷон Маъсумӣ
- Шарофиддин Рустамов

6. **Қатори ботартиби олимони русро нишон ди хед, ки ба омӯзиш ва тадқиқи лаҳҷаҳои  алоҳидаи забони тоҷикӣ  шурӯъ кардаанд.**

+ К.Г.Залеман, В.В.Жуковский, А.А.Семенов, Т.Е.Кузнетсов
- Т.Е.Кузнетсов,  Ломоносов, В.В.Жуковский, А.А.Семенов.
- В.С.Растаргуева, А.С.Пушкин, В.В.Григорев
- Т.Е.Кузнетсов,  Ломоносов, А.С.Маяковский

**7. ... доираи  истеъмоли маҳдуд дошта, ба гурӯҳҳои алоҳидаи аъзоёни ҷамъият хос аст ва дар байни  намояндагони он касбу ҳунарҳо фарқ мекунанд. Ба ҷои нуқтаҳо  калимаҳои мувофиқро гузоред.**

+ забони соҳавй
- забони адабй
- забони гуфторй
- забони адабй ва соҳавӣ

**8. "Ва он чӣ истисно бошад .....  бошад ва он чӣ ҳукми бат(т) бошад, мумкин бошад, яъне миёни .....  бошад"**

+ Рост, Росту дурӯғ
- Рост, Номумкин
- Дӯруғ, Мумкину номумкин;
- Номумкин

**9. «Дар ин нома, ки то ҷаҳон бувад мардум гирди дониш гаштаанд ва суханро бузург дошта ва накӯтарин ёдгорӣ сухан донистаанд»  -  муаллифи гуфтаҳои болоӣ кист?**

+ Абӯмансури Ал-Муаммарӣ
- Масъуди Саъди Салмон
- Садриддин  Айнӣ
- Мирзо Турсунзода

**10. Муаллифи «Шоҳнома»-и  насриро муайян кунед**

+ Абӯмансури Ал-Муаммарӣ

- Масъуди Саъди Салмон
- Садриддин Айнӣ
- Мирзо Турсунзода

**11. …... ҳодисаи ҷудогонаест, ки дар шуури одамон вуҷуд дорад ва ба воситаи он аз хурдсолӣ гуфтугӯ кардан ва нутқу фикр ва ҳиссиёти дигаронро фаҳмидан мумкин аст. Инро дар илми забоншиносӣ чӣ ном мебаранд?**

+ забон
- шуур
- нутқ
- нутқ ва шуур

**12. Кадом олими забоншинос аксар ҳодисаҳои грамматикиро вобаста ба категория ва қонунҳои мантиқ шарҳ медиҳад, ки ин равиши тадқиқ ба анъанаи Юнони бостон иртибот дорад?**

+ Ибни Сино
- Халил Ибни Аҳмад
- Саидризо Ализода
- Садриддин Айнӣ

**13. Олимони Ҳиндустон дар масъалаи морфология чанд ҳиссаи нутқро нишон дода буданд?**

+ 4 ҳиссаи нутқро
- 5 ҳиссаи нутқро
- 6 ҳиссаи нутқро
- 7 ҳиссаи нутқро

**14. Дар шарҳи ҳодисаҳои морфологии забони тоҷикӣ Абӯалӣ Сино ва донишмандони дигари гузаштаамон аз системаи грамматикии кадом олимон истифода кардаанд?**

+ Халил ибни Аҳмад ва Сибавайҳ
- Қайси Розӣ ва Носири Хусрав
- Шамсиддин Шоҳин ва Насируддин Тусӣ
- Абдураҳмони Ҷомӣ ва Садриддин Айнӣ

**15. Забоншиносон дар лексикологияи араб лексикаи серистеъмолро ба кадом вожаҳо ҷудо кардаанд?**

+ фасеҳ ва қабеҳ
- равон ва содда
- содда ва қабеҳ
- фасеҳ ва равон

**16. Дар сохти наҳвиёти забони тоҷикӣ илова бар воситаҳои алоқа боз кадом навъи алоқа илова шудааст?**

+ алоқаи тобеи изофӣ
- алоқаи вобаста
- алоқаи муҳим
- алоқаи мушаххас

**17. Дар осори илмии забоншиносии гузаштаи мо ва илми бадеъ донишмандони асримиёнаи тоҷик кадом истилоҳро бештар истифода мекарданд?**

+ танофур
- рисола

- ривоят
- сифат

**18. Дар ифодаи маънои маҷозии калима дар байни забони арабӣ ва тоҷикӣ умумияти зиёде ҳаст, ки он аз таҳқиқоти донишмандони кадом бахши забоншиносии ин ду забон пайдост?**

+ бахши луғат
- бахши наҳв
- бахши савтиёт
- бахши ҳиссаҳо

**19. Лексикологияи араб вожаҳои серистеъмолро бо кадом истилоҳ ифода кардааст?**

+ мустаъмал
- исм
- вожа
- ибора

**20. Аз маънои мустақили луғавӣ маҳрум будани пешояндҳои «ба», «бар», «андар»-ро Сино чӣ тавр баён кардааст?**

+ «ҳеҷ ҷавоб набувад»
- калимаҳои муфраданд
- лафзи маънодор
- соҳиби маъноанд

**21. Саидризо Ализода дар Самарканд мактаби "Хаёт"-ро бо усули нав соли чанд кушода буд ?**

+ 1906
- 1900
- 1905
- 1904

**22. Насируддини Тӯсӣ калимаро аз кадом ҷиҳат омӯхтааст?!**

+ Аз диди семантикӣ ва саҳми наҳвӣ;
- Аз ҷиҳати этимологӣ ва басомад;
- Аз ҷиҳати сарфию наҳвӣ;
- аз ҷиҳати баромад ва басомад

## Варианти 1

**1. Морфология чиро меомӯзад?**

А) воситаҳои муҳими ифодаи муносибатҳои мантиқии ҷумла

Б) системаи садонокҳои забони тоҷикӣ

+С) сохти грамматикии калима, тарзи ифодаи маънои грамматикӣ ва роҳу воситаи калимасозӣ

Д) шохаҳои услубии забонро

**2. Истилоҳии морфология аз кадом забон гирифта шудааст?**

А) калимаи арабӣ + Б) калимаи юнонӣ

С) калимаи эронӣ Д) калимаи грекӣ

**3. Сохти морфологии калимаҳои забони тоҷикӣ**

+А) содда, сохта, мураккаб, таркибӣ Б) содда, сохта, мураккаб, тартибӣ

С) таркибӣ, миқдорӣ, аслӣ, сохта Д) содда, сохта, таркибӣ, аслӣ

**4. Калимаҳои соддаро муайян намоед.**

А) об, боғ, нон, китоб, боақл, санг Б) роҳ, ҳамкор, бахт, кор, кордча
С) гул, бод, баҳор, коргар, писар +Д) хона, шаҳр, буз, нон, об, боғ

**5. Калимаҳои сохтаро муайян намоед.**

А) донишманд, боғбон, галабон, дусад, ҳамсар
+Б) ҳамроҳ, ҳамдам, санглох, хирадманд
С) шӯҳратманд, зебоӣ, бошишгоҳ, бофандазан
Д) пирамард, хонадон, ҳамсоя, нодон, беақл

**6. Калимаҳои мураккабро муайян намоед.**

+А) модарарӯс, ҷавонмард, чорсад, гулдаста
Б) донишманд, модаркалон, сартарош, оҳангар
С) мисгар, ҳалвогар, хурдтарак, сартарошхона
Д) коргарзан, модарандар, нависанда, омӯзгор

**7. Кадоме аз ин исмҳо номи мафҳумҳои маъниро ифода менамоянд?**

А) далерӣ, ҷаҳиш, истироҳат, сангин, одам
Б) сурхӣ, ақл, даромад, шоир, омӯзгор
+С) ақл, дониш, андеша, некӣ
Д) дониш, равиш, ҳодиса, модар, дониш, кӯҳ

**8. Кадоме аз ин калимаҳо исмҳои конкретанд?**

А) писар, шаҳр, ангур, обӣ, шахс, даст
+Б) қанд, тилло, хурмо, шахс, қалам
С) шӯҳрат, марг, духтар, оташ, оҳанг, об
Д) ҳақиқат, хизмат, рама, қавм, гандум

9. **Исмҳои ҷомеъро муайян намоед.**

А) пода, қабила, лашкар, гармӣ, шодӣ
Б) аҳолӣ, гурӯҳ, издиҳом, талаба, дониш
С) села, гуруҳ, хонандагон, донишҷӯ, одам
+Д) инсоният, халқ, қавм, мардум, рама

**10. Исмҳои хосро ҷудо кунед.**

А) Ширин, об, Зебунисо, Сангин, замин
Б) борон, Пурсиш, инқилоб, дониш, ҳаёт
+С) Ширин, Садаф, Зебо, Гулистон, Холдор
Д) Самарқанд, дарё, одам, модар, некӣ

**11. Исмҳои номуайянро нишон диҳед.**

+А) дастае, ким-кадом шахс, кадом як кас
Б) як шахсе, як фарзанд, ду-се талаба, шоира
С) нобиное, донишманд, модар, пирамард
Д) сабзавот, як-ду китоб, зане, як одам

**12. Дар кадом қатор исмҳои маънии бо пасванд сохташуда оварда шудааст?**

А) сурхӣ, мисгар, нобиноӣ, боақлӣ, сангин
Б) сиёҳӣ, таркиш, либосворӣ, хӯрокворӣ, бозича
С) кабудӣ, хӯрокӣ, зоғча, мардак, оҳангар
+Д) ҳастӣ, осудагӣ, одамгарӣ, шиносоӣ, зиндагонӣ, санҷиш

**13. Шакли арабии шумораи ҷамъи исм кадоманд?**

А) мардум, ҷамъият, шахсият, халқ, рама
Б) одинаҳо, шарифҳо, шахсият, одамон

+С) ахборот, матбуот, нашриёт, нақлиёт, инсоният
Д) гангин, машкобҳо, нашриёт, матбуот

**14. Категорияи грамматикии исм кадом аст?**
А) категорияи шумора, лексикӣ, ҷинсият
С) категорияи шумора, бандак, асос, реша
Б) категорияи номуайянӣ, соҳибият, бандак, асос
+Д) категорияи шумора, номуайянӣ, соҳибият

**15. Категорияи соҳибияти исмҳоро аз мисоли зерин нишон диҳед.**
А) додарам, китобаш, давидам, хондам, либосашон
+Б) падарам, китобат, додараш, падарашон, китобатон
С) талабаам, либосаш, хонаатон, хондаам, хондаӣ
Д) қаламаш, либоси наваш, рафтам, даромадам

**16. Роҳи асосии калимасозии исм кадом аст?**
А) наҳвӣ Б) луғавӣ С) семантикӣ +Д) сарфӣ

**17. Исмҳои мураккаби типи пайвастро муайян кунед.**
+А) омад-омад, даро-баро, databases, сарупо, нон-пон
Б) додугирифт, харидуфурӯш, пирамард, сартарошча
С) ширбиринҷ, рафтуомад, гурез-гурез, так-так, санглох
Д) сиёҳчашм, ҷингиламӯй, сарулибос, шинухез

**18. Исмҳои мураккаби типи тобеъро муайян намоед.**
А) болохона, омад-омад, шифохона, шӯроб
Б) гулоб, намакоб, сангзор, тӯйхона, databases
С) даро-баро, сарулибос, китобхона, табобатхона
+Д) гулдаста, ошхона, соҳибхона, сарзамин, шабнам

**19. Пасвандҳои исмсоз кадоманд?**
А) ӣ, -ин, -иш, -тар, -тарин, -истон
Б) ӣ, -истон, -зер, -тарин, -тар, -ам
+С) ӣ, -а, -ёна, -гар, -гор, -бон, -чӣ, -ак
Д) ӣ, -ашон, -атон, -ам; -тарин, -ча, -ак

**20. Пешванди исмсозро нишон диҳед.**
+А) ҳам- Б) но-, бе-, ба- С) ҳам-, дар-, бар-, гар- Д) -ин, -зар, -ат, -ашон,

**1. Масдари сохта кадоманд?**
А) гирифтан, меомадан, бирафтан, бозомадан
Б) хӯрдан, омадан, гаштан, вохӯрдан, коридан, чиндан
+С) даромадан, вохӯрдан, фуромадан, номидан, чангидан
Д) хушкидан, дар гирифтан, баромадан, кор кардан

**2. Масдарҳои таркибиро муайян кунед.**
А) хобидан, нишаста, омадан, чӯшид
Б) нишаста, омада рафтан, хобида хестан, кор кардан
С) дарс гуфтан, хоҳам рафт, омада истодан, навиштан
+Д) кор кардан, кишт кардан, хонда кардан, гап задан, хонда баромадан

**3. Дар забони тоҷикӣ чанд ҳиссаи нутқ мавҷуд?**
А) шаш ҳиссаи нутқ Б) ҳашт ҳиссаи нутқ
+С) даҳ ҳиссаи нутқ Д) чор мустақил шаш номустақил

**4. Ҳиссаҳои нутқ ба чанд гуруҳ чудо мешаванд?**
А) мустақилмаъно, номустақилмаъно ва бемаҳсул
+Б) мустақилмаъно ва номустақилмаъно
С) номустақил ва ёридиҳанда
Д) мустақилмаъно ва тасрифшаванда

**5. Исм ҳиссаи нутқест, ки…**
+А) предмет ва мафҳумҳои предметонида шударо ифода мекунад
Б) аломат ва номи предметро мефаҳмонад
Д) аломат ва хусусияти предметро мефаҳмонад
С) амал ва ҳолату вазъиятро мефаҳмонад

**6. Исмҳои шахс асосан чи гуна пасванди чамбандӣ қабул мекунад.**
+А) -ҳо, -он (-гон,- вон, -ён) Б) -ҳо, -гон, -вон, -он, -ён, -й
С) -гон, -ёт, -й, -а Д) -ино, -от, -й, -гй, -а

**7. Феълҳои ёридиҳандаро ёбед:**
А) аст, буд, рафт, омад, хест
Б) кардан, будан, нишастан, роҳ рафтан
+С) кардан, намудан, шудан, гардидан
Д) дар, бар, аст, буд, монд

**8. Тарзҳои феъл кадоманд?**
А) монда, гузаранда, бевосита, тасриф, ёридиҳанда
Б) бевосита, бавосита, мустақил, ёридиҳанда
С) фоилӣ, мафъулӣ, бевосита, ҳамроҳӣ
+Д) монда, гузаранда, бевосита, бавосита фоилӣ, мафъулӣ

**9. Намуди феъл ба кадом гурӯҳ чудо мешавад?**
А) намуди мустақил ва намуди мутлақ
+Б) намуди мутлақ ва намуди давомнок
С) намуди мутлақ ва намуди ёридиҳанда
Д) намуди бевосита ва намуди бавосита

**10. Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл кадоманд?**
А) масдар, феъли ҳол, замони феъл
Б) масдар, сифати феъли, намудҳои феъл
С) намуди феъл, тарзи феъл, сиғаи феъл
+Д) масдар, сифати феълӣ, феъли ҳол

**11. Масдарро муайян кунед**
+А) хондан, дидан, гирифтан, давидан
Б) об шуд, хандид, дидан, гуфтан
С) хондан, гирифтан, давидан, гиря кард
Д) давидан, сохтан, дӯст доштан, сар дод

**12. Таърифи зарфро муайян кунед.**
+А) амал, ҳолату вазъиятро ҳамчун амал мефаҳмонад
Б) аломати амал, предмет ва аломати аломатро мефаҳмонад

С) миқдор ва тартиби предметро мефаҳмонад
Д) аломат ва чигунагии предметро мефаҳмонад

**13. Хелҳои зарф кадоманд?**
А) тарз, миқдор, дарача, замон, сабаб, аслӣ
Б) сабаб, макон, мақсад, тартиб, касрӣ
+ С) тарз, монандӣ, миқдор, дарача, замон, макон, сабаб, мақсад
Д) тарз, дарача, замон, макон, сабаб, шартӣ

**14. Пешоянд ва пасояндҳо чи гуна калимаҳоанд?**
А) калимаҳои мустақил Б) калимаҳои сермаъно
С) калимаҳои маънодор + Д) калимаҳои ёридиҳанда

**15. Пешояндҳо аз ҷиҳати сохт ба кадом гурӯҳҳо ҷудо мешаванд?**
А) изофии таркибӣ, номи изофии такрор ва ғайриизофӣ
Б) аслии содда, аслии таркибӣ номии изофии содда, номӣ
С) содда, сохта, мураккаб, таркибӣ
+Д) аслии содда, аслии таркибӣ, номии аслӣ, номии мустақил, номии ёридиҳанда пешояндҳои содда, пешояндҳои мураккаб

**16. Пешояндҳои аслии содда кадом аст?**
А) дар, ба, бар, то, ба, чуз аз, ба чуз Б) аз, барти, пеши, назди, ба чуз, чуз
+С) аз, ба, бар, бо, дар, то, бе, чуз Д) бад, аз, барби, ва, вале, назар ба, аз рӯи

17. **Пешояндҳои номии изофии содда кадом аст?**
А) барои, дар назди, дар бораи, аз ғайри
+Б) пеши, назди, рӯи, болои, паси, ғайри
С) барои, пеши, назди, болои, зеро
Д) назди, болои, паси, барои, дар, бо

**18. Пешоянди аслии таркиби кадом аст?**
+А) то ба, ба чуз, чуз аз Б) то барои, ба назди, аз болои он
С) то ки, аз барои он ки, вақте ки то ба чуз он Д) то ки, то ба, ба чуз, пеши он ки

**19. Пасояндҳо чанд хеланд?**
А) аслӣ ва нисбӣ Б) аслӣ ва содда
С) аслӣ ва тартибӣ +Д) аслӣ ва ғайриаслӣ

**20. Пасояндҳои аслӣ кадоманд?**
А) пеш, пас, қабл, -ро + Б) -ро, барин
С) -ро, барин, боз, пас, пеш Д) -ро, қабл, ҳамон, баъд

## *VII. ФОЙДАЛАНИЛГАН АДАБИЁТЛАР РЎЙХАТИ*


### I. Ўзбекистон Республикаси Президентининг асарлари:

1. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олижаноб халқимиз билан бирга қурамиз. – Т.: “Ўзбекистон”, 2017. – 488 б.
2. Мирзиёев Ш.М. Миллий тараққиёт йўлимизни қатъият билан давом эттириб, янги босқичга кўтарамиз. 1-жилд. – Т.: “Ўзбекистон”, 2017. – 592 б.
3. Мирзиёев Ш.М. Халқимизнинг розилиги бизнинг фаолиятимизга берилган энг олий баҳодир. 2-жилд. –Т.: “Ўзбекистон”, 2018. – 507 б.
4. Мирзиёев Ш.М. Нияти улуғ халқнинг иши ҳам улуғ, ҳаёти ёруғ ва келажаги фаровон бўлади. 3-жилд.– Т.: “Ўзбекистон”, 2019. – 400 б.
5. Мирзиёев Ш.М. Миллий тикланишдан – миллий юксалиш сари. 4-жилд.– Т.: “Ўзбекистон”, 2020. – 400 б.

### II. Норматив-ҳуқуқий ҳужжатлар:

6. Ўзбекистон Республикасининг Конституцияси.–Т.:Ўзбекистон, 2018.
7. Ўзбекистон Республикасининг 2020 йил 23 сентябрда қабул қилинган “Таълим тўғрисида”ги ЎРҚ-637-сонли Қонуни.
8. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2017 йил 7 февраль “Ўзбекистон Республикасини янада ривожлантириш бўйича Ҳаракатлар стратегияси тўғрисида”ги 4947-сонли Фармони.
9. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2018 йил 21 сентябрь “2019-2021 йилларда Ўзбекистон Республикасини инновацион ривожлантириш стратегиясини тасдиқлаш тўғрисида”ги ПФ-5544-сонли Фармони.
10. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2019 йил 27 май “Ўзбекистон Республикасида коррупцияга қарши курашиш тизимини янада такомиллаштириш чора-тадбирлари тўғрисида”ги ПФ-5729-сон Фармони.
11. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2019 йил 27 август “Олий таълим муассасалари раҳбар ва педагог кадрларининг узлуксиз малакасини ошириш тизимини жорий этиш тўғрисида”ги ПФ-5789-сонли Фармони.
12. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2019 йил 8 октябрь “Ўзбекистон Республикаси олий таълим тизимини 2030 йилгача ривожлантириш концепциясини тасдиқлаш тўғрисида”ги ПФ-5847-сонли Фармони.
13. Ўзбекистон Республикаси Президенти Шавкат Мирзиёевнинг 2020 йил 25 январдаги Олий Мажлисга Мурожаатномаси.
14. Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамасининг 2001 йил 16 августдаги “Олий таълимнинг давлат таълим стандартларини тасдиқлаш тўғрисида”ги 343-сонли Қарори.

15. Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамасининг 2015 йил 10 январдаги “Олий таълимнинг Давлат таълим стандартларини тасдиқлаш тўғрисида”ги 2001 йил 16 августдаги “343-сонли қорорига ўзгартириш ва қўшимчалар киритиш ҳақида”ги 3-сонли қарори.

## III. Махсус адабиётлар:


1. Бозидов Н. Пайвандакҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик.- Душанбе, Ирфон, 1978
2. Воҳидов А. Аз таърихи луғатшависии тоҷику форс. – Самарканд, 1980.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 1. -Душанбе, 1985.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, қисми 2. – Душанбе: Дониш, 1985.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик кисми 3. – Душанбе: Дониш, 1989.
6. Забони адабии ҳоизари тоҷик қисми 1. -Душанбе, 1973.
7. Забони адабии ҳозираи тоҷик, қисми 2. Синтаксис. -Душанбе, 1984.
8. Бертельс Е.Э. Суфизм и суфийская литература. – М, : Наука, 1965.
9. Воҳидов А. Навъҳои фарҳанг. - Самарқанд, 2000.
10. Воҳидов А. Фарҳангнигории тоҷику форс. – Самарқанд, 2006.
11. Зикриёев Ф. Стркутурно – семантические особености таджикского паратаксис, -Душанбе: Дониш, 1985.
12. Зоҳидов А. Матни маърўза – Самарқанд: СамДУ, 2000
13. Исматуллоева М. Очеркҳои грамматикӣ оид ба ҳолшарҳкунандаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик, қисми 1. –Душанбе: Ирфон, 1971.
14. Исматуллоев М. Пуркунандаи бевосита дар забони адабии ҳозираи тоҷик. –Душанбе, 1991.
15. Камолиддинов Б. Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён. - Душанбе: Маориф, 1985.
16. Қосимова М.Н. Очеркҳо оид ба синтаксиси чумлаҳои соддаи насри асри X1. –Душанбе: Ирфон, 2006.
17. Маҷидов Х. Фразеологияи забони адабии тоҷик. - Душанбе, 1982.
18. Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб, ҷилди 2. Забоншиносӣ. - Душанбе: Ирфон, 1980.
19. Маҷидов Х. Забони адабии муосири тоҷик, ҷилди 1.- Душанбе, 2007.

20. Истамова М. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). – Самарқанд, 2006

21. Мухторов З. Таърихи забони тоҷикӣ. Душанбе: Ҳумо, 2003. – 150 саҳ.

22. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1975.

23. Герценберг Л.Г, Додихудоев Р.Х. Таърихи забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1983.

24. Нурмонов А., Шаҳобиддинова Ш. в.б. Ўзбек тилининг назарий грамматикаси. Морфология. – Тошкент: «XX1 аср авлоди», 2001.

25. Ниёзмуҳаммадов Б., Рустамов Ш. Баъзе масъалаҳои синтаксиси забон адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1988.

26. Ниёзмуҳаммедов Б. Забоншиносии тоҷик (асарҳои мунтахаб). Душанбе: Ирфон, 1975.

27. Рустамов Ш. Исм. – Душанбе: Ирфон, 1977.

28. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забонҳои адабии ҳозираи тоҷик. -Душанбе, Маориф, 1972.

29. Рустамов Ш. Ҳиссаҳои нутқ ва таснифоти онҳо. – Душанбе, 1999.

30. Давронов С. Омўзиши вазни шеъри точикӣ. – Душанбе: Ирфон, 1989.

31. Миров Т., Хочаев Қ., Исломов Ш. Методикаи таълими адабиёти точик. Душанбе: Маориф,1991.

32. Миров Т. Таълиму таҳлили асарҳои лирикӣ- Душанбе: Маориф, 1992.

33. Истамова М. Методикаи таълими забони точикӣ. Қисми 1 – Самарқанд: Донишгоҳи давлатии Самарқанд, 2003.

34. Истамова М. Масъалаҳои муҳими таълими забони точикӣ дар синфҳои 5–9. Самарқанд, 2008.

35. Истамова М. Методикаи таълими забони точикӣ. қисми 2 (Синтаксис).– Самарқанд, 2010.

36. Истамова М., Адашуллоева Г. Методикаи таълими забони тоҷикӣ. (Дар асоси технологияи нави таълим). – Самарқанд, 2015.

37. Хочаев И. Методикаи мухтасари забони точикӣ. -Душанбе, 1995.

## IV. Интернет сайтлар:

1. http://edu.uz – Ўзбекистон Республикаси Олий ва ўрта махсус таълим вазирлиги.

2. http://lex.uz – Ўзбекистон Республикаси Қонун ҳужжатлари маълумотлари миллий базаси.

3. http://bimm.uz – Олий таълим тизими педагог ва раҳбар кадрларини қайта тайёрлаш ва уларнинг малакасини оширишни ташкил этиш Бош илмий-методик маркази.
4. http://ziyonet.uz – Таълим портали ZiyoNET.
5. http://natlib.uz – Алишер Навоий номидаги Ўзбекистон Миллий кутубхонаси.
6. http://yandex.ru/yandsearch?text=Адабиёти+точик&clid=&lr=10334
7. http://bse39.medtour.info/podrobno/tadzhikskiy_yazyk~76818.htm
8. http://www.library.univ.kiev.ua/ukr/elcat/new/detail.php3?doc_id=698506
9. http://toptjk.com/reftj/tojiki/357-abdurahmoni-chomi.html
10. bestdomen.com›mirzo-tursunzoda.html
11. *http://bestdomen.com/mirzo-tursunzoda.html*
12. http://shahri-khurshed.blogspot.ru/
13. tg.wikipedia.org›
14. toptjk.com›reftj/tojiki/336-savolnomai-test-az-…
15. *http://www.skachatreferat.ru/*